Замимаи 1

Натиҷаи гузаронидани арзёбии раванди рушди иҷтимоию – иқтисодии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он дар асоси маълумоти ҷамъбастӣ оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии онҳо дар нимсолаи аввали соли 2021 вобаста ба ташаккул ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи рушди маҳал

## 1. Санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Нишондоди иҷрои ваколати раиси вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он барои таъмини нишондиҳандаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ 1.1. Таъмини расмиёти ҳуқуқии санадҳо арзёбӣ гардиданд.**

### 1.1. Таъмини расмиёти ҳуқуқии санадҳо

Дар нимсолаи аввали соли 2021 ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд 611 супоришҳои назоратии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидааст, аз ҷумла 4 адад Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 адад Амр ва 13 адад Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 62 қарор ва 4 фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 12 адад қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардида, барои иҷро, роҳбарӣ ва назорати махсус қарор дода шуда, ба мақомоти дахлдор фиристонида шудааст. Оид ба рафти иҷрои онҳо дар муҳлатҳои пешбинишуда ахбор пешниҳод гашта истодааст.

Гарчанде ҳар семоҳа фаъолияти кори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби Кумита мавриди баррасӣ қарор дода шуда, як қатор камбудиву норасоиҳоро пешниҳод менамоянд, аз ҷониби масъулини дахлдор то ҳол дар баъзе шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ошкоргардида чораҳо андешида нашудааст. Чунончӣ дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд на дар шакли матнӣ ва на дар шакли замима маълумот пешниҳод нагардидааст, яъне ба талаботи пешниҳоди ҳисобот ҷавобгӯ нестанд.

Дар маълумотҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он замима бо маълумотҳои матнӣ мувофиқат намекунанд.

Маълумотҳои дар ҷадвали 1 пешниҳодгардида, номукаммал буда, ба таври бояду шояд пешниҳод гардидааст. Маълумоти пешниҳоднамудаи ноҳияи Айнӣ соли 2020- ро дарбар гирифта, вобаста ба соли 2021 аз аввали сол то инҷониб маълумотҳо ворид карда нашудааст.

Ҷиҳати иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.02.2021с., №АП-39 “Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2021 с., “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ” зикр гардидаанд қарори раисони вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он бо нақшаи чорабиниҳои дахлдор ба тавсиб

расидааст, ки расмиёти ҳуқуқии иҷрои супоришҳои Нақша - чорабинии Амри мазкур бо муайян намудани тадбирҳо ва вазифаҳои воҳидҳои сохторӣ, ташкилотҳо таъмин карда шудааст.

Дар бештари шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд талаботи дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона ва дигар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2017, №358 тасдиқ шудааст риоя намегардад (бахусус сархати 2 банди 46).

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.04.2020, №244 «Дар бораи ворид намудани тағйир ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.07.2017, № 358» дар Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона ва дигар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуруфи (шрифти) «Times New Roman Tj» ба ҳуруфи «Times New Roman» бо истифодаи алифбои тоҷикӣ иваз карда шудааст.

## 2. Маълумот оид ба ҷараёни иҷрои тадбирҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ бо роҳи таъмини волоияти қонун

**Нишондоди пешакии самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ барои таъмини нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 2.1. Иҷрои ваколатҳои мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тибқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ”, 2.1.1. Корҳои анҷомдодашуда барои иҷрои босамари барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо, 2.1.2. Ҳолати ҳамкорӣ ва дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ҳаҷми кӯмаки молиявӣ ва иқтисодӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, барои амалӣ намудани вазифаҳои онҳо бо дарҷи номгӯи вазифаҳои маблағгузоришаванда, 2.1.3. Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ”. 2.2. (2.2.1.) Андешидани тадбирҳо ҷиҳати рушди забони давлатӣ, риоя ва таъмини иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, 2.3. (2.3.1.) Андешидани чораҳои иловагӣ ҷиҳати таъмини риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, 2.3.2. Натиҷаи фаъолияти комиссияҳо ва чорабиниҳои амалишуда, тамоюли ҷинояткорӣ байни ноболиғон 2.4. (2.4.1.) Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, 2.5. (2.5.1., 2.5.2.) Таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худфаъолияти шаҳрак ва деҳот 2.6. (2.6.1.) Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ”**

**2.1. Иҷрои ваколатҳои мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тибқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ"**

Мутобиқи моддаи 14-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ" Маҷлиси вакилони халқи вилоят аз 7 комиссияи доимӣ оид ба: 1. Масъалаҳои қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, 2. Оид ба масъалаҳои сиёсати аграрӣ, хӯрокворӣ, меҳнат ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ, 3. Оид ба масъалаҳои ислоҳоти иқтисодӣ ва буҷет, 4. Оид ба масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, сиҳатии омма, ҳифзи табиат, масоили оила ва занон, 5. Оид ба масъалаҳои илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон, 6. Оид ба масъалаҳои сохтмон, саноат, нақлиёту алоқа, хоҷагиҳои роҳ ва рифоҳӣ 7. Оид ба масъалаҳои сиёсати сармоягузорӣ таъсис дода шудааст.

Комиссияҳои доимии Маҷлиси вакилони халқи вилоят, даъвати шашум тибқи Низомномае, ки бо қарори Маҷлиси вакилони халқи вилоят, даъвати шашум аз 13 марти соли 2020, №6 тасдиқ шудааст ва дар асоси нақшаи корӣ барои соли 2021 фаъолият мебаранд.

Дар нимсолаи аввали соли 2021 Маҷлиси вакилони халқи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо иҷлосияҳои панҷум ва шашум, даъвати шашумро бо баррасии масъалаҳои гуногун баргузор намуда, қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

**2.1.1. Корҳои анҷомдодашуда барои иҷрои босамари барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо**

"Барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2016 - 2020" дар соли 2020 ба итмом расида, дар раванди татбиқи 192 лоиҳаи Барнома ба маблағи 7865,0 млн. сомонӣ корҳои назаррас ба анҷом расида, дар доираи татбиқи 159 лоиҳа 7095,6 млн. сомонӣ азхуд карда шудааст, ки баробари 90,2 фоизи арзиши умумии барнома мебошад.

Бахри дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои марҳилаи дуюми "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" ва ҳадафҳои барномаи пешазинтихоботии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2021-2025" таҳия гардида, бо қарори Маҷлиси вакилони халқи вилоят аз 29-уми декабри соли 2020, №96 тасдиқ карда шуд.

Барои татбиқи самтҳои афзалиятноки барнома дар доираи лоиҳаҳои мушаххаси он то соли 2025 аз ҳамаи сарчашмаҳо равона намудани 10089,2 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки аз он маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ 170,3 млн. сомонӣ, буҷети вилоятӣ 531,6 млн. сомонӣ, буҷети маҳаллии шаҳру ноҳияҳо 239,4 млн. сомонӣ, маблағҳои худӣ 689,1 млн. сомонӣ, сармояи хориҷӣ 3536,8 млн. сомонӣ ва маблағҳои шарикони рушд 4922,0 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Аз ҷумла, дар соҳаи кишоварзӣ татбиқи 26 лоиҳа ба маблағи 111,8 млн. сомонӣ, соҳаи саноат 5 лоиҳа ба маблағи 5273,9 млн. сомонӣ, соҳаи сохтмон 5 лоиҳа ба маблағи 92,1 млн. сомонӣ, соҳаи маориф 90 лоиҳа ба маблағи 358,4 млн. сомонӣ, соҳаи тандурустӣ 10 лоиҳа ба маблағи 295,7 млн. сомонӣ, соҳаи

сайёҳӣ 14 лоиҳа ба маблағи 173,1 млн. сомонӣ, соҳаи варзиш 14 лоиҳа ба маблағи 52,7 млн. сомонӣ, соҳаи фарҳанг 7 лоиҳа ба маблағи 23,7 млн. сомонӣ, хоҷагии об 49 лоиҳа ба маблағи 1478,8 млн. сомонӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ 1 лоиҳа ба маблағи 17,3 млн. сомонӣ, соҳаи нақлиёт ва алоқа 5 лоиҳа ба маблағи 2079,1 млн. сомонӣ, ҳифзи муҳити зист 13 лоиҳа ба маблағи 131,0 млн. сомонӣ ва ҳолатҳои фавқулодда 2 лоиҳа ба маблағи 750,0 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Барномаи рушди вилоят бо стратегияву барномаҳои сатҳи миллӣ ҳамоҳанг буда, баробари ин, хусусиятҳои хоси рушди вилоятро инъикос мекунад.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят баҳри амалӣ намудани самтҳои асосии "Барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2021-2025" ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум тавассути таъмини нишондиҳандаҳои назарраси рушди иҷтимоию иқтисодӣ тадбирҳои зарурӣ андешида, тибқи муҳлат оид ба рафти иҷрои барнома маълумоти муфассал манзур менамоянд.

Ҳамзамон, ҷиҳати дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои марҳилаи дуюми "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" ва ҳадафҳои барномаи пешазинтихоботии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои вилоят барои солҳои 2021-2025" таҳия гардида, бо қарорҳои Маҷлиси вакилони халқи шаҳру ноҳияҳо тасдиқ карда шуд.

Дар ин давра азхудкунии маблағҳои Барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар шаҳру ноҳияҳо ба таври зайл аст: Шаҳристон 49,0%, Исфара 30,6%, Хуҷанд 21,4%, Конибодом 8,5%, Истаравшан 6,8%, Зафаробод 5,5 %, Ашт 2,0 %, Кӯҳистони Мастчоҳ 1,1%, Истиқлол 0,8, Спитамен 0,2%.

Пешниҳод: Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он ва шарикони рушд барои баланд бардоштани дараҷаи амалигардонии лоиҳаҳо, аз ҷумла лоиҳаҳое, ки иҷрои он аз ҷониби мақомоти марказӣ дар Барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии нав қабулшуда пешбинӣ гардида, ба роҳ мондани фаъолияти гуруҳи корӣ оид ба мониторинг ва арзёбии барномаҳо, барои истифодаи натиҷаи фаъолияти онҳо дар татбиқи сиёсати соҳавии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ мусоидат намоянд.

### 2.1.2. Ҳолати ҳамкорӣ ва дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ҳаҷми кӯмаки молиявӣ ва иқтисодӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои амалӣ намудани вазифаҳои онҳо бо дарҷи номгӯи вазифаҳои маблағгузоришаванда.

Дар нимсолаи аввали соли 2021 ҷиҳати риояи талаботи моддаи 6-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ" ҷиҳати беҳтар намудани имкониятҳои

молиявӣ ва иҷрои функсияҳои ҷамоатҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Истаравшан 942665 сомонӣ, Айнӣ 658500 сомонӣ, Гулистон 9952 сомонӣ, Кӯҳистони Мастчоҳ 25000 сомонӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ маблағ равона гардидааст. Мутаассифона вобаста ба банди мазкур аз дигар шаҳру ноҳияҳо дар ҳисобот маълумот омода нагардида, риояи талаботи моддаи 6-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” номуайян боқӣ мондааст.

Пешниҳод: Ба истиснои шаҳру ноҳияҳои болозикр мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии дигар шаҳру ноҳияҳои вилоятро мебояд, ҷиҳати дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, расонидани кӯмакҳои молиявӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои амалӣ намудани вазифаҳои онҳо чораҳои амалӣ андешида, вобаста ба масъалаи зикргардида маълумотҳои мушаххас ва дақиқ пешниҳод намоянд.

### 2.1.3. Натиҷаи баррасӣ ва ҷараёни ҳалли муроҷиатҳои шаҳрвандон ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардида

Дар давраи ҳисоботӣ ба масъалаи қабули шаҳрвандон ва баррасии дархосту муроҷиати онҳо таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шуда, дар шаш моҳи соли ҷорӣ ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят дар маҷмӯъ 2286 муроҷиат ворид гардид, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта (1888) 398 адад зиёд мебошад. Аз теъдоди умумии муроҷиатҳои воридгардида 74,7% хаттӣ, 22,6% шифоҳӣ, 0,6% муроҷиати шахсони ҳуқуқӣ ва 2,0% тавассути «viber» ба қайд гирифта шудаанд.

Аз муроҷиатҳои воридгардида 27,4% ба масъалаҳои гирифтани қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва сертификати ҳуқуқи истифодабарӣ вобаста буда, муроҷиатҳои марбут ба гирифтани кӯмаки моддию молиявӣ 3,2%, таъмири роҳ ва сохтмон 10,8%, таъмин шудан ба манзил, масъалаҳои вобаста ба манзил ва бахси манзили зист 20,0%, муаммои соҳаҳои маориф 1,7%, тандурустӣ 4,5%, таъминот бо оби нӯшокию полезӣ 3,4%, ҳимояи ҳуқуқ 5,2% ва вобаста ба дигар масъалаҳо 16,6% ба қайд гирифта шудаанд.

Дар ин давра ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят тавассути Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 697 муроҷиати шаҳрвандон ворид шуд, ки нисбат ба нишондодҳои ҳамин давраи соли гузашта 142 адад зиёд мебошад.

### Ҳолати воқеии таҳлили таркибии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар шаҳру ноҳияҳо

Таҳлил муайян намуд, ки аз шумораи умумии муроҷиати шаҳрвандон дар шаҳри Хуҷанд 208 адад вобаста ба масъалаи замин ба қайд гирифта шуда, нисбати ҳамин давраи соли гузашта -6 адад кам гардида, дар ноҳияи Ҷаббор Расулов -52 адад (195 шумораи умумии муроҷиат), ноҳияи Мастчоҳ -24 адад (368), шаҳри Гулистон -14 адад (103), ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ -

37 адад (148) ва шаҳри Истиқлол -21 адад (104)-ро ташкил дода, беҳтар гардидани таъминоти аҳолии ин шаҳру ноҳияҳоро бо манзили зист шаҳодат медиҳад.

Зиёдшавии шумораи муроҷиати шаҳрвандон барои қитъаи замини наздиҳавлигӣ нисбати ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Зафаробод +191 адад (530 шумораи умумии муроҷиати шаҳрвандон) зиёд гардида, Спитамен +19 адад (526), Шаҳристон +443 адад (764), Конибодом +4 адад (387), Айнӣ +33 (213), Ашт +41 адад (109), Истаравшан +330 адад (570), Бӯстон +8 адад (57), Бобоҷон Ғафуров +33 адад (66), Деваштич +293 адад (426) ва Исфара +27 адад (342) ба назар расида, барои беҳтар намудани таъминоти аҳолии ин шаҳру ноҳияҳо бо манзили зист андешидани чораҳои иловагӣ ба миён омадааст.

Камшавии муроҷиати шаҳрвандон ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд нисбати ҳамин давраи соли гузашта аз ҷумла, дар Хуҷанд -15 адад (94 адад), Зафаробод -2 адад (21 адад), Ҷаббор Расулов -52 адад (195), Айнӣ -10 адад (17 адад), Истиқлол +-0 (4) адад ва Кӯҳистони Мастчоҳ -7 адад (6 адад)-ро ташкил медиҳад, ки дар сатҳи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо саривақт ҳал намудани мушкилот аз ҷониби масъулини мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо шаҳодат медиҳад.

Зиёдшавии муроҷиати шаҳрвандон ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои Конибодом +4 адад (шумораи умумии муроҷиат 18), Мастчоҳ +14 адад (50), Спитамен +1 адад (8), Истаравшан +25 адад (38), Исфара +31 адад (74), Панҷакент +25 адад (114), Гулистон +4 (11), Деваштич +20 адад (34) ва Бӯстон +2 адад (13)-ро ташкил додааст, ки ҳалли худро наёфтани масъалаҳоро дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо инъикос менамояд.

**2.2. (2.2.1.) Андешидани тадбирҳо ҷиҳати рушди забони давлатӣ, риоя ва таъмини иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (банди 55 паём)**

Гиромидошт ва ҳифзи забони тоҷикӣ чун забони давлатӣ, таъмини муносибатҳои ҳуқуқӣ, фарҳангӣ ва сиёсиву иқтисодӣ ба хотири манфиатҳои миллӣ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ба шумор меравад.

Ҷаласаҳои Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мунтазам баргузор гардида, раванди фаъолияти Комиссия мавриди баррасӣ қарор гирифта истодаанд.

Ҳамчунин, дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят гурӯҳи кории доимоамалкунанда оид ба санҷиши рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз ҳисоби олимону устодони муассисаҳои таҳсилоти олии вилоят таъсис дода

шуд, ки фаъолияти он барои амалӣ намудани ҳадафҳои қонуни мазкур равона карда шудааст.

Комиссияи вилоятӣ оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баҳри амалӣ намудани сиёсати давлату Ҳукумат дар масъалаи забон, риояи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, дар доираи иҷрои қарори раиси вилоят “Дар бораи тасдиқ намудани нақшаи амалисозии “Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030” ва иҷрои муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пайваста ба харҷ дода истодаанд.

Натиҷаи корҳои анҷомдодашудаи комиссияи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он оид ба татбиқи Қонуни мазкур барои баланд бардоштани рамзи муҳими давлатдории тоҷикон мусоидат намудааст.

## 2.3. Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”

### 2.3.1. Андешидани чораҳои иловагӣ ҷиҳати таъмини риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”

Дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров баҳри таъмини иҷрои талаботҳои асосии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08.02.2017, №835 "Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" нақшаи корӣ таҳия намуда, дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва фаъолони ноҳия як қатор чорабиниҳоро доир намуд.

Тибқи нақшаи якҷояи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва шуъбаи маорифи ноҳия моҳҳои январ- феврали соли равон дар ҳамаи 91 адад муассисаҳои таълимии ноҳия бо иштироки кормандони масъули мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия, шуъбаи маориф ва ШВКД ҶТ дар ноҳия оид ба рафти иҷрои қонуни мазкур ҷамъомадҳои умумии волидайни хонандагон доир ба рафти иҷрои қонуни номбурда баргузор карда шуданд. Инчунин, дар ин муддат бо иштироки прокуратураи ноҳия дар муассисаҳои таълимии ҷамоатҳои деҳоти Исфисор, Овчиқалъача, Хистеварз, Унҷӣ, Д.Холматов, Ҳ.Усмонов, Ёва, Исмоил ва шаҳраки Ғафуров бо омӯзгорон, хонандагон ва волидайни онҳо мулоқотҳои судманд баргузор карда шуда, бобати рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», вазифаву ӯҳдадориҳои субъектҳои қонуни номбурда суханҳо гуфта шуданд.

Бо мақсади хубтару бештар фаҳмонида додани моҳияти Қонуни мазкур, ҳамчунин бо мақсади ошно намудани волидайн бо талаботҳои педагогиву равонии таълиму тарбияи фарзанд таи чанд сол аст, ки дар назди ҳамаи муассисаҳои таълимӣ “Университети падару модарон” фаъолият дошта, дар

давраи ҳисоботӣ дар ҳамаи муассиса 3 маротибагӣ ҷаласаҳои он баргузор карда шуданд. Дар онҳо равоншиносону олимон, омӯзгорони соҳибтаҷриба ва шахсони барӯманди деҳа баромадҳо намуда, волидайнро бо нозукиҳои тарбияи фарзанд, вобаста ба синну сол ва хусусиятҳои равонӣ ошно намуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ ба унвони Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдаки назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд 134 аризаи хаттӣ, 153 адад мурочиати шифоҳӣ, 91 адад мактуб ворид гардида, дар 6 ҷаласаи комиссия мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор дода шуд.

Дар ин замина 29 нафар кӯдаки дар вазъи ногувори зиндагӣ қарор дошта ва аз таҳсил дурмонда ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ дошта, низ дар ҷаласаи комиссия мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор дода шуд. Ба волидони ин кӯдакон мӯҳтавои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» фаҳмонида шуда, дар асоси ариза 3 нафар кӯдак барои офиятгардонӣ ба муассисаи давлатии «Маркази солимгардонии норасоӣ ва ҳифзи кӯдакон»-и шаҳри Хуҷанд ҷойгир карда шуд. Инчунин 17 нафар ба муассисаи давлатии «Маркази дастгирии оила ва кӯдак»-и шаҳри Хуҷанд ҷойгир карда шуда, 9 нафарашон ба волидайнашон баргардонида шуданд. Ба ин ноболиғон кӯмакҳои равонӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ расонида шуда истодааст.

Оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳр ҳайати комиссия ташкил карда шудааст, ки фаъолияти онҳо баҳри пешгирӣ намудани қонуншиканӣ, худкушӣ ва дигар ҳодисаҳои номатлуб равона карда шудааст.

Ҷиҳати тарбия намудани хонандагон дар руҳияи ватанпарварию ватандорӣ, дар ниҳоди онҳо парваридани меҳру муҳаббат нисбат ба китоб дар китобхонаҳои муассисаҳо конференсияҳои адабӣ, чорабиниҳо бо номи «Китоб оинаи фазлу камол аст», «Устод набошад, ту чӣ донӣ қаламаш чӣ?», «Ҷаҳонро нигар бо чашми хирад», «Старий друг лучше новых двух», мусобиқаҳо бо номи «Панди пирон нуррези роҳи зиндагӣ», «Адаб ҳусни инсон аст» ташкил ва гузаронида шудаанд.

Дар муассисаҳои таълимӣ дар мавзӯъҳои «Таҳкими худшиносӣ ва ифтихори миллии фарзандон дар муҳити хонаводагӣ», «Саломатии фарзандон саломатии миллат аст», «Истиқлолият ва Ваҳдати миллӣ – ду боли пешрафти ҷомеа», «Меҳнати ҳалол ва касбу ҳунари писандида – калиди бахту саодат», «Нақши хонавода дар пешгирии қонуншикании фарзандон», «Вазифа ва ӯҳдадориҳои падару модар дар амалишавии қонун», «Муошират ва хулқи некӯи волидайн дар ташаккули одобу ахлоқи писандидаи фарзандон», «Нақши падару модар дар пешгирии шомилшавии фарзандон ба ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоии динӣ бо иштироки волидон вохӯриҳо баргузор гардиданд.

Бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии хонандагон, доир ба таблиғу ташвиқ ва фаҳмонидани мазмуну моҳияти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар муассисаҳои таълимӣ гӯшаву овезаҳои махсус барои омӯзгорон,

хонандагон ва падару модарон ташкил карда шуда, маҷлисҳои падару модарон бо иштироки масъулини мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд баргузор гардиданд.

Доир ба рафти иҷрои моддаи 8, банди 14-и қонуни мазкур ба масҷидҳои ҷомеаи “Шайх Муслиҳиддин”, “Тақво”, “Нури Ислом”, “Бобохӯҷа”, “Миркамолбой”-и шаҳри Хуҷанд директорони мактабҳо вобаста гардида, нисбати хонандагоне, ки ҳангоми намозгузорӣ ба қайд гирифта шудаанд, ба маъмурияти муассисаи таълимии ин хонандагон мактуби огоҳӣ ирсол карда мешавад.

Дар муассисаҳои таълимӣ фаъолияти мунтазами равоншиносон ба роҳ монда шудааст, ки фаъолияти асосии онҳо кор бо хонандагони душвортарбия мебошад. Ба ҳар як хонандаи ҷиноятсодиркарда дар мактабҳо мураббӣ вобаста карда шуда, корҳои инфиродӣ бурда мешавад. Хонандагони душвортарбия ба маҳфилҳои берун аз синфӣ ва Маркази таҳсилоти иловагӣ ҷалб карда шудаанд.

Бо мақсади татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” дар якҷоягӣ бо кормандони Шуъбаи огоҳикунии пешгирии ҳуқуқвайронкунииноболиғону ҷавонони Шуъбаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд дар марказҳои савдову ҷойҳои ҷамъиятӣ оид ба амалиёти «Оворагард», «Талбанда» ва «Наврас» 139 маротиба дар мавзӯҳои «Пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар байни ноболиғон ва ҷавонон», «Саркашӣ кардан аз хондан», «Нашъамандӣ - вабои аср», «Ҳатмӣ будани таҳсили нӯҳсола дар мактаб», ҷиҳати ба ҳизбҳо ва равияҳои «Ҳизб-ут-таҳрир» ва «Салафия» аъзо нашудан баромаду вохӯриҳо гузаронида шудааст. Инчунин аз ин шумора, 90 маротиба баромадҳо дар мавзӯи зарари телефони мобилӣ ба саломатӣ, моҳияти маҳдудияти истифодаи он аз ҷониби ноболиғону наврасон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҳамчунин таҷрибаи давлатҳои дигар дар ин самтба ҷавобгарии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ кашида шудан дар ҳолати истифодаи телефони мобилӣ тибқи моддаи 90 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таълимӣ, бо иштироки хонандагон ва волидон баргузор гардиданд.

Дар шаҳри Истаравшан яке аз самтҳои асосии татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ин гузаронидани «Рӯзҳои падару модар дар муассисаҳои таълимӣ» (сархати 7 моддаи 12) ва ташкили дарсҳои кушоди намунавӣ ва дарсҳои ҳисоботии омӯзгорон бо иштироки падару модарон ва худи хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ мебошад. Бинобар ин, дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ “Рӯзҳои падару модарон” муайян карда шуда, мунтазам гузаронида шуданд.

Бояд тазаккур дод, ки дар соли 2021 бо мақсади боз ҳам вусъат бахшидан ба корҳои ташвиқотиву тарғиботӣ ҷиҳати пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ-террористӣ ва иштирок дар муқовиматҳои мусаллаҳонаи давлатҳои хориҷӣ корҳои зиёд ба анҷом расонида шуданд.

Дар ин давра 6 маротиба ҷаласаи комиссия баргузор карда шуд, ки дар он масъалаҳои рӯзмарра мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Аз ҷумла, дар

ҷаласаҳои комиссия масъалаҳои пешгирии ноблиғон оид ба даст задан ба худкушӣ, содир кардани ҷиноятҳо аз қабили дуздӣ, авбошӣ, ғоратгарӣ, бе ҳуҷҷати ронандагӣ идора намудани нақлиёт, ҷалби хонандагон ба зинаи сеюми таҳсил, баланд бардоштани савияи ҳуқуқии онҳо, ҷалб намудан ба касбомӯзӣ, бедор кардани ҳисси ватанпарастиву хештаншиносӣ, самаранок истифода намудани шабакаҳои иҷтимоӣ ва натиҷаи амалиётҳои гузаронидашуда мавриди ҳаллу фасл қарор дода шудаанд.

Мутобиқи нақшаи чорабиниҳо дар муассисаҳои таълимӣ вохӯриву сӯҳбатҳои судманд ташкил ва гузаронида шуданд. Ҳамзамон филмҳои тарбиявӣ ба хонандагони синфҳои болоӣ ба намоиш гузошта шуда, аз тарафи хонандагон хуб пазирифта шуданд. Инчунин намоиши филми “Хиёнат” ба хонандагони синфҳои 5-11 дар ду давра аз рӯи ҷадвали пешниҳодгашта ба намоиш гузошта шуда, мавриди муҳокима қарор дода шуд, ки он дар гӯшаи махсус дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ насб карда шудааст.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар ҳудуди шаҳр бо мақсади амалигардонидани иҷрои талаботи Фармони мазкур дар Раёсати маориф, 75 муассисаҳои таълимӣ, тандурустӣ, ҷамоатҳои деҳот ва кумитаи муҳаллаҳо дар маҷмӯъ 87 адад комиссияҳои ҷамъиятӣ ташкил карда шудааст.

Ёдовар бояд шуд, ки дар пешбурди корҳои ташвиқотию тарғиботӣ комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак ҳамкориро бо мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, Раёсати маориф, шуъбаи кор бо занон ва оила, бахшҳои кор бо ҷавонон ва варзиш, сайёҳӣ, кор бо дин, танзими анъана ва ҷашну маросим ва дигар сохторҳои давлатӣ ҷоннок намуда, дар 22 кумитаи маҳаллаҳо, 10 ҷамоатҳои деҳот ва 75 муассисаҳои таълимии шаҳру деҳоти шаҳри Истаравшан 37 вохӯрию сӯҳбатҳо ташкил ва баргузор намуд.

Дар шаҳри Гулистон дар нимсолаи якуми соли 2021 бо мақсади андешидани чораҳои иловагӣ ҷиҳати таъмини риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва пешгирии ҷинояткорӣ аз ҷумла ғоратгарӣ, дуздӣ ва дигар ҳодисаҳои номатлуб, тарзи либоспӯшии хонандагон ва шомил нашудан ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ дар ҳамаи муассисаҳои таълимии шаҳр маҷлисҳои падару модарон гузаронида шуда, бо волидон корбарӣ нисбати амалигардонии Қонуни мазкур мунтазам ба роҳ монда шудааст. Дар ин давра тибқи ҷадвал дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҷамоат ва маҳаллаҳо бо сокинони шаҳр 70 маротиба вохӯрӣ, 1 маротиба мизи мудаввар оид ба амалигардонии қонуни номбурда гузаронида шудааст. Инчунин дар ҳамаи муассисаҳои таълимии шаҳр моҳи март рӯзи “Дарҳои кушод” гузаронида шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ 4 маротиба ҷаласаи Шӯрои васояту парасторӣ гузаронида шуда, 19 қарор қабул карда шудааст.

Бо мақсади пурзӯр намудани корҳои пешгирикунанда, аз тарафи кормандани шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ ва Комиссия оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар муассисаҳои шаҳр 70 маротиба вохӯриву сӯҳбатҳо гузаронида шуд.

Дар қайди мақомоти васояту парастории назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр 126 нафар кӯдакон дар қайд меистанд, ки аз онҳо 70

нафар кӯдак ба васию парасторӣ аз он ҷумла 48 нафарашон ятими кулл мебошанд ва 56 нафар кӯдакони ба фарзандхонӣ гирифташуда мебошанд. Ҳамаи кӯдакони ба васию парасторӣ гирифташуда аз ҷониби шуъбаи агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи шаҳр сари вақт бо нафақапулӣ таъмин карда шуда истодаанд. Инчунин 48 нафар ятимоне, ки дар муассисаҳо таҳсил карда истодаанд ба рӯйхати гирандагони ҷубронпулӣ ворид карда шудаанд.

**2.3.2. Фаъолияти комиссия барои риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд"**

Дар раванди амалӣ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар муассисаҳои таълимӣ пайваста байни ҷомеаҳои омӯзгорӣ, хонандагон ва волидайни онҳо аз рӯи нақшаҳои корӣ корҳои таблиғотиву ташвиқотӣ хуб ба роҳ монда шуда, аз ҳисоби омӯзгорони пуртаҷриба дар байни аҳолӣ доир ба масъулияти падару модар корҳои фаҳмондадиҳӣ бурда шуда истодаанд.

Дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят тарғиби муҳтавои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" байни табақаҳои гуногуни ҷомеа ба роҳ монда шуда, мақомоти дахлдори татбиққунандаи он, аз ҷумла муассисаҳои таълимӣ нақшаи корӣ таҳия намуда, онро мавриди амал қарор додаанд.

Ҳайати комиссия оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" фаъолияти худро ба пешгирии қонуншиканӣ, худкушӣ ва дигар ҳодисаҳои номатлуб равона кардааст.

Ҳамчунин, дар давраи ҳисоботӣ байни хонандагони муассисаҳои таълимӣ ва падару модарони онҳо бо иштироки намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати риоя ва татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд", бахусус дар самти пешгирии ҷиноятсодиркунию ҳуқуқвайронкунӣ, шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои террористию ифротгароӣ ва амсоли инҳо як зумра тадбирҳо амалӣ гардиданд. Дар муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳо "Рӯзҳои падару модар" ташкил карда мешаванд. Дар аксари муассисаҳои таълимӣ ин намуди чорабинӣ ба ҳукми анъана даромада, падару модарон дар ин рӯзҳо ба дарсҳо ворид мешаванд, дар чорабиниҳо иштирок менамоянд, бо омӯзгорон мулоқот намуда, аз рафти донишазхудкунӣ ва рафтори фарзандони худ бохабар мешаванд.

Тибқи нақшаи чорабиниҳо дар муассисаҳои таълимии вилоят соатҳои тарбиявии кушод, шабнишинии саволу ҷавоб, конференсияҳо, семинарҳо, вохӯрӣ бо олимон ва оилаҳои намунавӣ баргузор гардиданд.

То ин ҷониб дар мавзӯъҳои «Таҳкими худшиносӣ ва ифтихори миллии фарзандон дар муҳити хонаводагӣ», «Саломатии фарзандон саломатии миллат аст», «Меҳнати ҳалол ва касбу ҳунари писандида – калиди бахту саодат», «Фарҳанг ҳастии миллат аст», «Нақши хонавода дар пешгирии қонуншикании фарзандон», «Вазифа ва уҳдадориҳои қонунии падару модар», «Муошират дар хулқи некӯи волидайн дар ташаккули одобу ахлоқи писандидаи фарзандон»,

«Нақши падару модарон дар пешгирии шомилшавии фарзандон ба ҳизбу ташкилотҳои динии: “Ҳизбуттаҳрир”, “Салафия” ва “Шоҳидони Яҳуво” бо иштироки волидон баргузор гардиданд.

Дар асоси ҷадвали вохӯрии намояндагони мақомоти прокуратура, раёсату шуъбаҳои маориф, бахши ҷавонон ва варзиши шаҳру ноҳияҳои вилоят бо хонандагони синфҳои 9-11-уми муассисаҳои таълимӣ дар мавзӯи “Пешгирии шомилшавии ноболиғону ҷавонон ба гурӯҳҳои ҷиноятпеша, ҳизбу созмонҳои террористию ифротгаро, омилҳои бегонапарастӣ, тақлид ба маданият ва тарзи либоспӯшии ба фарҳангу миллати мо бегона ва ба ин васила тарбияи насли наврас дар рӯҳияи эҳтиром ба Ватан, қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ” дар ҳамаи муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилоят мунтазам сӯҳбату вохӯриҳои судманд гузаронида мешаванд.

Ҷиҳати риоя ва татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, пешгирии ҷиноятсодиркунию ҳуқуқвайронкунӣ, шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои террористию ифротгароӣ ва амсоли инҳо байни хонандагони муассисаҳои таълимӣ ва падару модарони онҳо бо иштироки намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва комиссияҳои дахлдор дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят дар сатҳи муайян ба роҳ монда шудааст.

Нишондиҳандаи тамоюли ҷиноятсодиркорӣ байни ноболиғон дар сатҳи вилоят 87 ҳолат ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта бе тағйир боқи мондааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд +2 ҳолат зиёд гардидааст, ки дар давраи ҳисоботи 18 ҳолатро дар бар гирифта, дар Ашт +2 (6) Бобоҷон Ғафуров +5 (11) ҳолат, Исфара +4 (6) ҳолат, Панҷакент +2 (6) ҳолат, Спитамен +1 (3) ҳолат, Айнӣ +3 (3) ҳолат ва Истиқлол +1 (2) зиёд гардида, андешидани чораҳои зарурироро барои иҷрои функсияҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо мутобиқи қонунгузории амалкунандаро талаб менамояд.

Камшавии ҷиноятсодиркорӣ байни ноболиғон дар шаҳру ноҳияҳои Мастчоҳ -10 ҳолат (5), дар Кӯҳистони Мастчоҳ -1 (0) ҳолат, Бӯстон -1 (4), Ҷаббор Расулов -3 (3), Истаравшан +-0 (3) , Гулистон -5 (2), ба қайд гирифта шуда, дар шаҳру ноҳияҳои Деваштич +-0 (2), Зафаробод +-0 (3), Исфара 1 +-0 (5), Конибодом +-0 (5) ва Шаҳристон +-0 (0) бе тағйир боқӣ мондааст, ки ҳамкорӣ байни мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои қудратӣ, ҷамъиятӣ ва иҷрои функсияҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо мутобиқи қонунгузории амалкунанда дар сатҳи лозима ба роҳ монда шудааст.

**2.4. (2.4.1, 2.4.2) Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”**

Роҷеъ ба татбиқ намудани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Дар бораи

озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ" корҳои амалию ташкилӣ, тарғиботию ташвиқотӣ ва назоратию санҷишӣ ба иҷро расиданд.

Дар шаш моҳи соли 2021 дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 8381 маъракаю маросим, аз ҷумла 6134 тӯйи домодию арӯсӣ, 1415 маросими чил ва 832 маъракаи сол баргузор гардиданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта тӯйи домодию арӯсӣ 1315 адад, маъракаи чил 494 адад ва маъракаи сол 343 адад зиёд мебошад.

Дар шаҳру ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ 178.800 сомонӣ (-126235 сомонӣ), Зафаробод 795940 сомонӣ (-302652 сомонӣ), Истаравшан 1697500 сомонӣ (-77300 сомонӣ), Деваштич 869.400 сомонӣ(-2197800 сомонӣ), Конибодом 1.472.000 сомонӣ (-754000 сомонӣ), Айнӣ 308950 сомонӣ (-224830), Ашт 1331500 (-1550000), Панҷакент 3720460 сомонӣ (-2037530), Ҷаббор Расулов 1918191 сомонӣ (-29667), Спитамен 2885200 сомонӣ (-842400) назар ба ҳамин давраи соли гузашта кам, дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд 2071000 сомонӣ (+95200), Бӯстон 258000 сомонӣ (+ 76.000 сомонӣ), Гулистон 518000 сомонӣ (+155000 сомонӣ), Исфара 3014460 сомонӣ (+956490 сомонӣ), Бобоҷон Ғафуров 6646800 сомонӣ (+2293320), Шаҳристон 1064000 сомонӣ (+880000 сомонӣ), Истиқлол 105000 сомонӣ (+68000 сомонӣ), Мастчоҳ 1020942 сомонӣ (+91042) зиёд шудааст.

Дар арафа ва рӯзҳои таҷлили санаҳои таърихӣ ва ҷашнҳои миллӣ хатнасури хайриявии 52 нафар кӯдакон ва тӯйи домодию арӯсии хайриявии 5 ҷуфт навхонадорон аз оилаҳои эҳтиёҷманду камбизоат бо ташаббуси мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳо ва сарпарастии корхонаю муассисаҳо, ширкатҳо ва соҳибкорон гузаронида шуданд.

Баҳри пешгирии ҳолатҳои қонуншиканӣ аз ҷониби комиссияҳои муштарак давоми шаш моҳи соли ҷорӣ 1725 рейд гузаронида, 74 ҳолати вайрон намудани қонунгузории танзим ошкор ва нисбати шахсони қонунвайроннамуда ҷазои маъмурӣ татбиқ карда шудааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Айнӣ 1 адад (+-0 адад), Ашт -4 адад (-1 адад), Бӯстон 2 адад (-1 адад), Бобоҷон Ғафуров 5 адад (+2 адад), Гулистон 2 адад (+-0 адад), Деваштич 5 адад (+1 адад), Зафаробод 2 адад ( -1 адад), Истиқлол 2 адад (+2 адад), Истаравшан 4 адад (-4 адад), Исфара 8 адад (-2 адад), Конибодом 11 адад (+3 адад), Кӯҳистони Мастчоҳ 3 адад (+2 адад), Мастчоҳ 3 адад (-2 адад), Панҷакент 9 адад (+2 адад), Спитамен 3 адад (+2 адад), Хуҷанд 3 адад (+-0 адад), Ҷаббор Расулов 6 адад (+-0 адад), Шаҳристон 1 адад (+1 адад) ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар сатҳи вилоят 4 адад зиёд шудааст.

**2.5. (2.5.1., 2.5.2.) Таъмини шафофияти фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худфаъолияти шаҳрак ва деҳот**

Бо мақсади татбиқи "Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар вилоят лоиҳаи "Автоматизатсиякунонии ҳуҷҷатгузорӣ дар сохторҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти

Суғд” амалӣ шуда истодааст, ки дар доираи он барномаи махсус ва системаи дохилӣ иборат аз 22 нукта бо ду сервер насб гардид. Ҳамаи нуқтаҳо бо интернети баландсуръат пайваст мебошанд.

Сомонаи расмии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят (www.sugd.tj) ба махзани иттилооти расмӣ табдил ёфта, дар он ҳамарӯза хабару гузориш, фоторепортаж ва дигар маводҳои зарурӣ нашр мегарданд. Дар сомонаи мазкур суроғаи электронии раиси вилоят (info@sugd.tj) ҷой дода шуда, тавассути он шаҳрвандон арзу дархост ва мурочиати худро ирсол менамоянд.

Шумораи сомонаҳо дар вилоят 1 сомонаи вилоятӣ ва 18 сомонаи шаҳру ноҳияҳоро дарбар гирифта, ҳангоми азназаргузаронӣ сомонаҳо дар Шабакаи интернет дар давраи ҳисоботӣ сомонаи вилоят ва шаҳру ноҳияҳои Айнӣ, Ашт, Хуҷанд, Истиқлол, Бобоҷон Ғафуров, Конибодом, Деваштич, Гулистон, Исфара, Зафаробод ва Ҷаббор Расулов фаъол мебошанд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Бӯстон, Истаравшан, Панҷакент, Мастчоҳ, Кӯҳистони Мастчоҳ, Спитамен ва Шаҳристонро зарур аст, ҷиҳати фаъол намудани сомонаҳои расмӣ чораҳои зарурӣ андешанд.

Ҳамасола барои нигоҳдории сомонаи расмӣ дар буҷети шаҳру ноҳияҳо дар ҳаҷми 50,0 ҳазор сомонӣ маблағҳои мақсаднок пешбинӣ карда мешаванд.

Дар шашмоҳаи аввали соли 2021 аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо барои паст намудани дараҷаи корношоямии воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ коммуникатсионӣ (компютерҳо) чораҳои зарурӣ андешида шуда, нисбат ба аввали соли 2021 дараҷаи корношоями онҳо паст гардидааст, аз ҷумла дар ноҳияи Шаҳристон 3,1% (32 адад), ноҳияи Зафаробод 5,8% (34 адад), шаҳри Исфара 6,7% (89 адад), ноҳияи Деваштич 9,8% (61 адад), ноҳияи Мастчоҳ 13,1% (61 адад), шаҳри Конибодом 10,4% (67 адад), ноҳияи Айнӣ 11,1 % (72 адад), шаҳри Гулистон 13,9% (79 адад), ноҳияи Ашт 15,2% (46 адад)-ро ташкил дода, барои самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти (ҷамоатҳо) шароит фароҳам оварда шудааст.

Илова ба ин, дараҷаи корношоями компютерҳо дар дастгоҳи раиси шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти (ҷамоатҳо)-и онҳо, дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд 27,2% (121 адад), Ҷаббор Расулов 23,0% (39 адад), Бобоҷон Ғафуров 22,5% (142 адад), Истаравшан 20% (70 адад), Истиқлол 18,7% (32 адад), Панҷакент 16% (50 адад), нисбати аввали сол баланд гардида, барои таъмини самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ андешидани чораҳои заруриро талаб менамояд.

Дар шаҳри Хуҷанд бо дарназардошти талаботи замони муосир ва фарогирии рӯйдодҳои шаҳр дар шабакаи ҷаҳонии интернет дар сомонаи «Фейсбук» саҳифаи махсуси «Хадамоти матбуоти Раиси шаҳри Хуҷанд» ифтитоҳ гардид, ки то имрӯз он фаъол аст.

Дар давраи ҳисоботӣ барои пурра фаъолият намудани шабакаи интернет дар шуъбаю бахшҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи

Бобоҷон Ғафуров аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ 5,6 ҳазор сомонӣ маблағгузорӣ карда шуд.

Дастрасӣ ба интернет воситаи муҳими муомилот ва муошират ба ҳисоб рафта дар шашмоҳаи аввали соли 2020 дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд 45 нуқта/1 сомона, Айнӣ 23/1, Зафаробод 22/1, Кӯҳистони Мастчоҳ 19/1, Гулистон 12/1, Истиқлол 9/1, Спитамен 58/1, Истаравшан 28/1, Панҷакент 9/1, Деваштич 7/1, Конибодом 7/1, Ашт 3/1, Ҷаббор Расулов 4/1, Бӯстон 2/1, Шаҳристон 4/1, Мастчоҳ 14/1 ва Бобоҷон Ғафуров 23/2 ташкил медиҳад.

Натиҷаи таҳлил муайян намуд, ки рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет» дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, хусусан дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти он дар сатҳи нокифоя буда, пурзӯр намудани корҳо дар ин самт зарур мебошад.

### 2.6. (2.6.1) Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ”

Тибқи маълумотҳои пешниҳодгардида дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ ҷиҳати иҷрои талаботи моддаи 18-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва тибқи муқаррароти Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд озмуни мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ гузаронида нашудааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят бошад, 22 маротиба озмун гузаронида шуда, барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ мусоидат намуда, амалигардонии Қонуни мазкур таъмин карда шуда истодааст. Дар ин замина, барои ишғоли 127 ҷойи холӣ 164 нафар ҳуҷҷат супорида, 93 нафар ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ таъин гардидаанд, ки аз ин шумора 5 нафарашонро занон ташкил медиҳанд.

Доир ба масъалаи мазкур дар маълумотҳои шаҳрҳои Гулистон, Истиқлол, Конибодом, ноҳияҳои Деваштич ва Мастчоҳ маълумот пешниҳод нашудааст. Гарчанде дар ноҳияи Шаҳристон 2 маротиба озмун баргузор гардида бошад ҳам, маълумот пешниҳод нагардидааст. Инчунин, дар шаҳри Хуҷанд барои ишғоли 4 мансаби холӣ озмун дода шуда, бо назардошти 1 нафар довталаб ба қайд гирифта шудан, барои ишғоли мансабҳои холии номбурда аз нав эълон дода шудааст.

Айни замон, дар шаҳрҳои Бӯстон 11 мансаби холӣ, Хуҷанд 10 мансаби холӣ, ноҳияҳои Деваштич 10 мансаби холӣ, Зафаробод 4 мансаби холӣ, Ҷаббор Расулов 27 мансаби холӣ мавҷуд мебошад. Доир ба мансабҳои холӣ дар ҳисоботҳои дигар шаҳру ноҳияҳо маълумот пешниҳод нашудааст.

Тибқи маълумотҳои пешниҳодгардида дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ дар вилояти Суғд аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ гузаронида нашудааст.

Дар шаҳри Бӯстон моҳи апрели соли ҷорӣ аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ баргузор гардида, 14 нафар ба аттестатсия фаро гирифта шуда, ба мансаб мувофиқ дониста шудаанд, ки 8 нафари онҳоро занон ташкил медиҳанд.

Дар шаҳри Конибодом 29 нафар хизматчиёни давлатӣ ба аттестатсия фаро гирифта шуда, аз ин миқдор 3 нафар бинобар аз мансаби хизмати давлатӣ озод карда шудан ва 1 нафар бинобар дар таҳсил қарор доштан дар баргузории аттестатсия иштирок накарданд. Дар натиҷа 22 нафар ба мансаби ишғолнамуда мувофиқ баҳогузорӣ карда шуда, 8 нафар ба аттестатсияи такрорӣ, бо дарназардошти 1 нафар хизматчии давлатии дар таҳсил қарордошта, мононда шуданд.

Гарчанде дар шаҳри Панҷакент аттестатсия бо иштироки 83 нафар ва шаҳри Хуҷанд бо иштироки 7 нафар баргузор гардида бошад ҳам доир ба натиҷаи он маълумот пешниҳод нашудааст. Ё худ дар ноҳияҳои Айнӣ ва Шаҳристон аттестатсия баргузор гардида бошад ҳам, доир ба шумораи иштирокчиён ва натиҷаи аттестатсия маълумот пешниҳод гардидааст.

Дар ноҳияи Ашт низ бо иштироки 21 нафар аттестатсия баргузор карда шуд, ки 18 нафар ба мансаб мувофиқ ва 3 нафар ба такмили ихтисос тавсия дода шуданд.

Ҳамзамон, дар ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров 55 нафар ва Зафаробод 21 нафар ба аттестатсия фаро гирифта шуда, аз натиҷааш маълумот пешниҳод нашудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд аз ҷумла, шаҳри Хуҷанд 4 нафар, ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров 12 нафар ва Кӯҳистони Мастчоҳ 5 нафар хизматчиёни давлатӣ ба курсҳои бозомузӣ ва такмили ихтисос фаро гирифта шуданд.

Ҳамзамон, тибқи маълумотҳои пешниҳодгардида дар шаҳри Бӯстон 16 маротиба лексия - суҳбат ва 8 маротиба миззи мудаввар, дар шаҳри Хуҷанд 15 маротиба лексия – суҳбат гузаронида шудааст.

Дар шаҳри Хуҷанд ва ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ҳар ҳафта ва дар шаҳри Панҷакент бошад моҳе 1 маротиба машғулияҳои идоравӣ баргузор карда шудаасту халос. Дар шаҳри Истиқлол бошад, тибқи нақшаи пуррагардонии курсҳо дар ин давра 21 нафар роҳбарону кормандони корхонаву муассисаҳои шаҳр дар маркази таълимии методии раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавкулодда ва мудофиаи гражданӣ дар вилояти Суғд омӯзонида шуданд.

## 3. Таъмини пешрафти устувори иқтисодӣ

**Маълумот оид ба ичрои даромад ва хароҷоти буҷет. 3.1. Таҳлили иҷрои қисми даромад ва хароҷоти буҷет, афзоиш/коҳиш нисбат ба давраи ҳисоботии соли гузашта; 3.2. Чораҷӯӣ ҷиҳати сифатнок таъмин намудани қисми даромади буҷети давлатӣ; 3.3. Пешгирии зиёдшавӣ ва ба буҷет пардохт намудани бақияи қарзи андозҳои мавҷудбуда; 3.4. Мавҷудияти қарзи музди меҳнат; 3.5. Тамоюли афзоиш ё камшавии музди миёнаи меҳнат; 3.6. Тақвият бахшидани фаъолият дар самти**

**муқовимат ба таҳдиду бухронҳо, ташаккули имконияту захираҳои молиявии ба рушд нигаронидашуда, таъмини гуногунсамтии иқтисодиёт, густариши раванди рақамикунонӣ.**

### 3.1. Таҳлили иҷрои қисми даромад ва хароҷоти буҷет, афзоиш/коҳиш нисбат ба давраи ҳисоботии соли гузашта.

Дар нимсолаи якуми соли 2021 нақшаи даромадҳои буҷети давлатӣ (бе дарназардошти андози иҷтимоӣ) ба андозаи 104,6 фоиз таъмин гардида, ба буҷет 1540,1 млн. сомонӣ ворид гардид, ки нисбат ба нақшаи тасдиқгардида 67,9 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Дар зиёд гардидани воридоти маблағ саҳми ноҳияи Зафаробод +3,5 млн.сомонӣ (115,5%), ноҳияи Деваштич +2,3 млн.сомонӣ (115,0%), ноҳияи Ашт +2,8 млн.сомонӣ (112,1%), шаҳри Панҷакент +27,7 млн.сомонӣ (109,9%), ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ +0,163 млн.сомонӣ (108,0%), шаҳри Истиқлол +0,7 млн.сомонӣ (108%), ноҳияи Спитамен +2,9 млн.сомонӣ (107,5%), шаҳри Хуҷанд +7,9 млн.сомонӣ (107,0%), шаҳри Бӯстон +3,7 млн.сомонӣ (107,0%), ноҳияи Шаҳристон +887,8 ҳазор сомонӣ (106,3%), шаҳри Исфара +20 млн.сомонӣ (106,0%), шаҳри Гулистон +5,5 млн.сомонӣ (105,2%) назаррас буда, ин нишондиҳанда дар шаҳри Истаравшан +3,4 млн.сомонӣ (103,2%), ноҳияи Бобоҷон Ғафуров +4,3 млн.сомонӣ (102,9%), Мастчоҳ +1,3 млн.сомонӣ (102,0 млн.сомонӣ), ноҳияи Ҷаббор Расулов маблағи +0,5 млн.сомонӣ (101,3%), шаҳри Конибодом + 0,4 млн.сомонӣ (101%) ва ноҳияи Айнӣ +0,4 млн.сомонӣ (100,4%) ташкил дода, барои фароҳам овардани шароит ба рушди иҷтимоию иқтисодии самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо таъмин карда шудааст.

### 3.2. Чораҷӯӣ ҷиҳати сифатнок таъмин намудани қисми даромади буҷети давлатӣ

Дар баробари иҷрои буҷет аз ҷониби шаҳру ноҳияҳои вилоят, пардохти нисбатан сусти намудҳои алоҳидаи андоз, дар шаҳри Хуҷанд андоз аз арзиши иловашуда 91%, андоз аз фоида 99%, дар шаҳри Истиқлол андоз аз даромад 84,9 %, андоз аз арзиши иловашуда 95,9%, низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкорӣ 65,4%, дар шаҳри Гулистон андоз аз фоида 57,3%, андоз аз арзиши иловашуда 67,3%, дар шаҳри Исфара андоз аз фоида 57,9%, дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 76,3%, ноҳияи Деваштич андоз аз даромад 98,6%, дар шаҳри Истаравшан андоз аз фоида 67,4%, андоз аз арзиши иловашуда 71,5%, дар шаҳри Конибодом андоз аз даромад 87%, андоз аз фоида 79%, андоз аз арзиши иловашуда 90%, аксизҳои буҷетӣ 86%, дар шаҳри Панҷакент андоз аз даромад 87,7 %, андози ғайрибуҷетӣ аз патент 89,8%, андоз аз истифодабарии роҳҳои автомобилгарж 81,2%, дар шаҳри Бӯстон андози даромад 80,1%, аксизҳои буҷетӣ 87,0%, аксизҳои ғайрибуҷетӣ 76,8%, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 89,2%, дар ноҳияи Зафаробод андози даромад 86,8%, андоз аз

истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 95,9%, дар ноҳияи Ҷаббор Расулов андоз аз фоида 57,7%, аксизҳои ғайрибуҷетӣ 79,5%, дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ аксизҳои буҷетӣ 97,8%, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 24,0%, дар ноҳияи Спитамен андоз аз арзиши иловашуда 88,1%, дар ноҳияи Мастчоҳ андоз аз фоида 92,8%, андоз аз арзиши иловашуда 56,9%, дар ноҳияи Шаҳристон аксизҳои ғайрибуҷетӣ 91,7%, дар ноҳияи Айнӣ андоз аз даромад 79,9%, андоз аз арзиши иловашуда 82,9% ба назар мерасанд, ки дар ташаккули босифати буҷет таъсири манфии худро расонида, бояд масъулин ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур тадбирҳо андешанд.

### 3.3. Пешгирии зиёдшавӣ ва ба буҷет пардохт намудани бақияи қарзи андозҳои мавҷудбуда

Ба ҳолати 1 июли соли 2021 дар вилоят 69,0 млн.сомонӣ бақияпулиҳои андоз мавҷуд буда, нисбат ба аввали сол 12,5 млн. сомонӣ кам гардидааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Панҷакент -143,7 ҳаз.сомонӣ кам гардида, ба 01.07.2021 сол 6,9 млн.сомонӣ боқӣ мондааст, дар шаҳри Хуҷанд -0,947 млн.сомонӣ (16,7 млн.сомонӣ), дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров -28,1 (8,6 млн.сомонӣ), дар шаҳри Бӯстон -4,2 млн.сомонӣ (11,3 млн. сомонӣ), дар ноҳияи Мастчоҳ -1,1 млн.сомонӣ (7,7 млн. сомонӣ), дар ноҳияи Зафаробод -1,3 млн.сомонӣ (7,7 млн.сомонӣ), дар ноҳияи Ашт -411,4 ҳаз.сомонӣ (2,0 млн.сомонӣ), дар шаҳри Истиқлол -85,2 ҳаз.сомонӣ (0,5 млн.сомонӣ), дар ноҳияи Айнӣ -46,5 ҳаз.сомонӣ (0,3 млн.сомонӣ), дар ноҳияи Деваштич -76,1 ҳаз.сомонӣ (1,1 млн.сомонӣ), дар шаҳри Конибодом -657 ҳаз.сомонӣ (2,8 млн. сомонӣ), дар ноҳияи Шаҳристон -178,7 ҳаз.сомонӣ (1,2 млн.сомонӣ), дар шаҳри Гулистон -332,2 ҳаз.сомонӣ (2,6 млн. сомонӣ), дар ноҳияи Ҷаббор Расулов -1 млн.сомонӣ (3,1 млн. сомонӣ), шаҳри Исфара-700 ҳаз.сомонӣ (8,8 млн.сомонӣ), шаҳри Истаравшан -602,8 ҳазор сомонӣ (8,5 млн. сомонӣ), дар шаҳри Истиқлол - 63,2 ҳазор сомонӣ (0,6 млн.сомонӣ) ва дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ -900 сомонӣ (190,2 ҳазор сомонӣ) ташкил додааст, ки натиҷаи чораҳои саривақтии андешидаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва нозироти андоз мебошад.

Зиёдшавии бақияи қарзи андоз нисбат ба аввали сол дар ноҳияи Спитамен +523,5 ҳаз.сомонӣ (боқимонда бақия 3,6 млн.сомонӣ)-ро ташкил дода, нишондиҳандаи баланди бақияи қарзи андоз дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Истаравшан, Бӯстон, Исфара ва Бобоҷон Ғафуров ба назар мерасад, ки барои кам намудани он андешидани чораҳои иловагӣ ва пурзӯр намудани фаъолиятро дар якҷоягӣ бо нозироти андоз тақозо менамояд.

### 3.4. Мавҷудияти қарзи музди меҳнат

Ба ҳолати 1 июни соли 2021 қарзи музди меҳнат дар вилоят 21267,3 ҳазор сомонӣ буда, аз он 15474,6 ҳазор сомонӣ ба соҳаи саноат, 1213,3 ҳазор сомонӣ ба соҳаи кишоварзӣ, 2820,9 ҳазор сомонӣ ба соҳаи истеҳсол ва таъминоти

нерӯи барқ, газ ва об, 1587,4 ҳазор сомонӣ ба соҳаҳои нақлиёт ва алоқа ва 171,7 ҳазор сомонӣ ба дигар ташкилотҳо тааллуқ дорад.

Қарзи калони музди меҳнат ба ҶСК "Комбинати маъдантозакунии Адрасмон"-и шаҳри Гулистон ба маблағи 12772,1 ҳазор сомонӣ, ҶСШК "Тамохуш" Заводи гидрометаллургии шаҳри Исфара ба маблағи 2480,0 ҳазор сомонӣ, КВДК "Хуҷандобуканал" ба маблағи 2601,6 ҳазор сомонӣ, КДК "Нақлиёти мусофиркашони шаҳри Хуҷанд" ба маблағи 1587,4 ҳазор сомонӣ тааллуқ дорад. Қарзи соҳаи кишоварзӣ асосан аз ҳисоби хоҷагии оби шаҳру ноҳияҳои пахтакор ташаккул ёфтааст.

### 3.5. Тамоюли афзоиш ё камшавии музди миёнаи меҳнат

Музди миёнаи маош дар вилоят 1351,90 сомониро ташкил намудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 129,84 сомонӣ зиёд мебошад.

Зиёдшавии музди миёнаи меҳнат дар шаҳри Бӯстон +52 сомонӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта музди миёнаи меҳнат (1161,14 сомонӣ), шаҳри Конибодом +109,33 (1046,14 сомонӣ), шаҳри Истаравшан +88,71 сомонӣ (1217,81 сомонӣ), шаҳри Хуҷанд +123,5 сомонӣ (1601,6 сомонӣ), ноҳияи Деваштич +100,2 сомонӣ (888,9 сомонӣ), шаҳри Истиқлол +120,2 сомонӣ (1147,3 сомонӣ), ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ +96,16 сомонӣ (869,07 сомонӣ), ноҳияи Бобоҷон Ғафуров +109,85 сомонӣ (1130,49 сомонӣ), ноҳияи Шаҳристон +93,42 сомонӣ (878,81 сомонӣ), ноҳияи Ашт +80,82 (885,16 сомонӣ), ноҳияи Зафаробод +85,63 сомонӣ (935,31 сомонӣ), шаҳри Исфара +65,29 (1079,02 сомонӣ), ноҳияи Мастчоҳ +9,73 сомонӣ (865,41 сомонӣ), ноҳияи Спитамен +70,4 сомонӣ (964,7 сомонӣ), ноҳияи Айнӣ +416,87 сомонӣ (1847,92 сомонӣ), ноҳияи Ҷаббор Расулов +91,18 сомонӣ (1063,70 сомонӣ) ба назар расида, раванди мусбии рушди иҷтимоию иқтисодии ин шаҳру ноҳияҳоро инъикос менамояд.

Дар шаҳрҳои Панҷакент -188,96 сомонӣ (1568,49 сомонӣ) ва Гулистон - 35 сомонӣ (2217 сомонӣ) кам гардидааст, ки таъсири манфии худро ба сатҳи зиндагии аҳолии шаҳр расондааст.

Нишондиҳандаи баланди музди миёнаи меҳнат дар шаҳрҳои Гулистон (2217 сомонӣ) ва Панҷакент (1568,49 сомонӣ) таъмин гардидааст.

Нишондиҳандаи пасти он дар ноҳияҳои Ашт (885,16 сомонӣ), Деваштич (888,9 сомонӣ), Шаҳристон (878,81 сомонӣ), Кӯҳистони Мастчоҳ (869,07 сомонӣ) ва Мастчоҳ (865,41 сомонӣ) ба назар мерасад, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳоро зарур аст, ки доир ба мунтазам баланд бардоштани музди миёнаи меҳнат чораҳои муассир андешанд.

### 3.6. Тақвият бахшидани фаъолият дар самти муқовимат ба таҳдиду бӯҳронҳо, ташаккули имконияту захираҳои молиявии ба рушд нигаронидашуда, таъмини гуногунсамтии иқтисодиёт, густариши раванди рақамикунонӣ

Ҷиҳати тақвият бахшидани фаъолият дар самти муқовимат ба таҳдиду бӯҳронҳо, ташакули имконияту захираҳои молиявии рушд нигаронидашуда, таъмини гуногунсамтии иқтисодиёт, густариши раванди рақамикунонӣ дар шаҳри Хуҷанд чораҳои амалӣ ба роҳ монда шуда истодааст.

Бо мақсади татбиқи Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ аз 1 январи соли 2018 тамоми ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ ба ҳуҷҷатгузории электронии пардохтҳо гузаронида шуда, ҷиҳати таъмини фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 январи соли 2016, №14, тамоми хароҷоти муассисаҳои буҷетии аз ҳисоби суратҳисоби махсуси буҷети маҳаллӣ маблағгузоришаванда бо воситаи суратҳисобҳое, ки дар Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кушода шудааст, маблағгузориҳо ба роҳ монда мешаванд.

Тамоми амалиётҳои даромад ва маблағгузории ташкилоту муассисаҳои буҷетии аз ҳисоби буҷети маҳаллии шаҳри Хуҷанд маблағгузоришаванда тавассути барномаи банақшагирӣ ва иҷроиши буҷети давлатӣ (SGB.net) ба роҳ монда, коргузорӣ барои хароҷоти маблағҳои сметавии муассисаҳо бо таври электронӣ аз утоқи кории ҳар як муассисаҳо амалӣ карда шуда истодааст.

Ҳамзамон, тибқи фармоиши махсуси Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузории моддаҳои хароҷотии фонди музди меҳнати муассисаҳои буҷетии аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ маблағгузоришаванда, ки тавассути хазинадорӣ хизматрасонӣ мешаванд, оғоз аз пардохти музди меҳнати моҳи июни соли 2020 ба таври мустақилона тавассути низоми иттилооотии идоракунии молияи давлатӣ (SGB.net) бо воситаи ҳуҷҷатгузории электронии пардохтҳо аз тарафи худи муассисаҳои буҷетӣ амалӣ шуда истодааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки барзиёд таъмин шудани нишондиҳандаҳои соҳаҳои истеҳсолӣ, таъсиси корхонаҳои истеҳсоли нав, зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, зиёд шудани шумораи соҳибкорон ва баланд шудани музди миёнаи меҳнат барои ташаккули сарчашмаҳои иловагии буҷети маҳаллӣ замина мегузорад.

Мушкилиҳо: Бинобар ноҳияи аграрӣ будани ноҳияи Ҷаббор Расулов воридоти андозҳо аз ҳисоби хоҷагиҳои кишоварзӣ вобастагӣ дошта, солҳои охир вазъи иҷроиши буҷети давлатӣ мушкил гардида истодааст. Соҳаи саноати ноҳия мавсимӣ буда, ҳиссаи корхонаҳои коркард дар ташаккули буҷет ночиз мебошад. Барои ҳалли масъалаҳои танқисии буҷет зарур аст, ки бо ҷалби сармояҳои хориҷӣ ва мустақим бунёди корхонаҳои саноатии доимамалкунанда доир ба коркарди нахи пахта ва маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳудуди ноҳия мебошад.

Пешниҳод: барои таъмини нақшаи даромади буҷети шаҳру ноҳияи Ҷаббор Расулов ва кам намудани бақияпулиҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Спитамен, Истаравшан, Бӯстон ва Бобоҷон Ғафуров дарёфти сарчашмаҳои иловагии андоз, баланд бардоштани иҷрои қарори маҷбуран ситонидани андозҳо дар якҷоягӣ бо нозироти андоз фаъолияти кориашонро пурзӯр намоянд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру

ноҳияҳои Гулистон, Исфара ва Хуҷанд дар ҳамкорӣ бо вазоратҳои молия, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, федератсияи иттифоқҳои касабаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бартараф намудани қарзи музди меҳнат чораҳои зарурӣ андешанд.

**4. Маълумот оид ба таъмини беҳбудии фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва мусоидат ба рушди соҳибкорӣ**

**4.1. Шумораи соҳибкорони хурду миёна, тамоюли инкишоф ё қатъ гардидани фаъолияти онҳо, каму зиёдшавии онҳо аз рӯи соҳаҳо, аз ҷумла занон ва ҷавонони соҳибкор, ҳиссаи соҳибкорон дар ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти шаҳру ноҳия, 4.2. Ҷалби сармояи мустақим, беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ, ҷорӣ кардани расмиёти электронии баррасӣ ва пешниҳоди иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва сертификатҳо барои фаъолияти соҳибкорӣ ва дар ин раванд бартараф намудани омилҳои субъективӣ, 4.3. Амалисозии барасмиятдарории фаъолияти сармоягузорӣ тавассути пурра ҷорӣ намудани низоми электрониву рақамӣ ва ба роҳ мондани фаъолияти марказҳои хизматрасонӣ ба соҳибкорону сармоягузорон дар шаҳру ноҳияҳои кишвар, 4.4. Пешниҳоди маблағҳои қарзии дастрас ва дастгирии соҳибкорӣ, 4.5. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо**

**4.1. Шумораи соҳибкорони хурду миёна, тамоюли инкишоф ё қатъ гардидани фаъолияти онҳо, каму зиёдшавии онҳо аз рӯи соҳаҳо, аз ҷумла занон ва ҷавонони соҳибкор, ҳиссаи соҳибкорон дар ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти шаҳру ноҳия**

Дар вилоят дар давраи ҳисоботӣ афзоиши шумораи соҳибкорони инфиродӣ 113092 нафарро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 10786 нафар зиёд шудааст.

Аз ҷумла, шумораи соҳибкорони инфиродие, ки аз рӯи патент фаъолият мебаранд, ба 36526 нафар баробар шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 7227 нафар зиёд мебошад.

Шумораи субъектони тибқи шаҳодатнома фаъолиятбаранда, аз ҷумла хоҷагиҳои деҳқонӣ дар давраи ҳисоботӣ 76566 ададро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3559 адад зиёд мебошад.

Нишондиҳандаи баланди тамоюли зиёдшавии шумораи соҳибкорон дар шашмоҳаи якуми 2021 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, шаҳри Хуҷанд 1277 нафар, ноҳияи Ашт 445 нафар, шаҳри Бӯстон 356 нафар, шаҳри Истаравшан 269 нафар, ноҳияи Шаҳристон 215 нафар, шаҳри Гулистон 213 нафар, ноҳияи Мастчоҳ 210 нафар, ноҳияи Зафаробод 192 нафар, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 156 нафар, шаҳри Исфара 115 нафар, ноҳияи Деваштич 108 нафар, ноҳияи Айнӣ 94 нафар,ноҳияи Ҷаббор Расулов 89 нафар ва шаҳри Истиқлол 19 нафар ба назар расида, беҳбудии фазои соҳибкориро дар ин шаҳру ноҳияҳо инъикос менамояд.

**4.2. Ҷалби сармояи мустақим, беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ, ҷорӣ кардани расмиёти электронии баррасӣ ва пешниҳоди иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва сертификатҳо барои фаъолияти соҳибкорӣ ва дар ин раванд бартараф намудани омилҳои субъективӣ**

Бахри фароҳам овардани муҳити мусоиди инвеститсионӣ дар доираи ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ корҳои муайян ба сомон расонида шуда, дар моҳҳои январ-июни соли 2021 ба иқтисодиёти вилоят ба маблағи 79,5 млн. доллари ИМА сармоягузории ватанию хориҷӣ ҷалб гардида, суръати афзоиш нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 111,9 фоизро ташкил дод, ки аз он 15,4 млн. доллар сармояи ватанӣ мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ воридоти сармояи мустақим ба 36,4 млн. доллари ИМА ва ҳар гуна сармоягузориҳо ба 22,0 млн. доллари ИМА баробар шудааст.

Дар шаҳри Хуҷанд баҳри ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ, истифодаи мақсадноки захираҳои табиӣ ва неруи инсонии минтақа якчанд пешниҳодҳои инвеститсионӣ дар мисоли сохтмони фабрикаи пойафзолбарорӣ ба маблағи 17,6 млн. доллари амрикоӣ, сохтмони коргоҳи коркарди пӯст ба маблағи 12,5 млн. доллари амрикоӣ, сохтмони коргоҳи ресандагӣ ва бофандагӣ ба маблағи 71,9 млн. доллари амрикоӣ, сохтмони коргоҳи коркарди пашм ба маблағи 3,8 млн. доллари амрикоӣ, сохтмони коргоҳи истеҳсоли матоҳои пашмин ба маблағи 14,7 млн. доллари амрикоӣ, сохтмони коргоҳи истеҳсоли маҳсулоти чинниворӣ ба маблағи 14,7 млн. доллари амрикоӣ, сохтмони коргоҳи истеҳсоли зарфҳои шишагин ба маблағи 10,9 млн. доллари амрикоӣ, сохтмони коргоҳи коркарди мева ва истеҳсоли консерва ба маблағи 17,0 млн. доллари амрикоӣ, сохтмони коргоҳи истеҳсоли консерваҳои меваю сабзавот ба маблағи 10,7 млн. доллари амрикоӣ, сохтмони коргоҳи меваю сабзавотҳои хушк ба маблағи 9,3 млн. доллари амрикоӣ, сохтмони яхдону сардхонаҳои гуногунҳаҷм ба маблағи 5,1 млн. доллари амрикоӣ, сохтмони фабрикаи дорусозӣ ба маблағи 45,0 млн. доллари амрикоӣ, сохтмони терминали логистикӣ ба маблағи 50,2 млн. доллари амрикоӣ, сохтмони меҳмонхона ва маҷмааи фароғатӣ бо аквапарки дарунӣ барои сайёҳон дар соҳили дарё ба маблағи 42,0 млн. доллари амрикоӣ, сохтмони меҳмонхона барои сайёҳон дар кӯҳҳо ба маблағи 37,7 млн. доллари амрикоӣ, сохтмони фабрикаи қаннодӣ ба маблағи 3,5 млн. доллари амрикоӣ ва сохтмони фабрикаи нассоҷӣ ба маблағи 19,0 млн. доллари амрикоӣ мавриди омодасозӣ қарор гирифта, барои рушди соҳаҳои дигари афзалиятнок низ бо истифода аз имкониятҳои мавҷудбуда пешниҳодҳои инвеститсионӣ барои манзур намудан ба сармоягузорони дохиливу хориҷӣ ва институтҳои молиявӣ омода карда мешавад.

Дар нимсолаи аввали соли 2021 ҳаҷми умумии сармоягузориҳо дар шаҳр ба 5216,0 ҳазор доллари амрикоӣ баробар гардида, аз он 1445,0 ҳазор доллари амрикоӣ сармояи хориҷӣ, 59,1 ҳазор доллари амрикоӣ сармояи мустақим ва 3711,0 ҳазор доллари амрикоиро сармояи дохилӣ ташкил додааст, ки назар ба ҳамин давраи соли сипаригашта сармояи хориҷӣ 205,6 ҳазор доллари амрикоӣ,

сармояи мустақим 2,8 ҳазор доллари амрикоӣ ва сармояи дохилӣ 2563,0 ҳазор доллари амрикоӣ кам ба иқтисодиёти шаҳр ҷалб карда шудааст.

Ҷалби сармояи хориҷӣ асосан барои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ равона шуда, сармояи мустақим барои беҳтар намудани хизматрасонӣ дар соҳаи бонкӣ ва сармояи дохилӣ барои бунёду ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, инчунин манзилию иҷтимоӣ нигаронида шудааст.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, дастрас намудани оби тозаи ошомиданӣ ба аҳолӣ, баланд бардоштани хизматрасонӣ дар соҳаи хизматрасонии нақлиётӣ ба мусофирон, инчунин соҳаи коммуналӣ, ки барои ҳифзи муҳити зист нигаронида шудааст, дар шаҳр татбиқи се лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ таъмин гардида, Лоиҳаи «Марҳилаи сеюми барномаи беҳтаргардонии низоми таъминоти оби нӯшокӣ ва рафъи партовоб»-и шаҳри Хуҷанд амалӣ гардида истодааст.

Ҳаҷми умумии маблағгузории марҳилаи сеюми Лоиҳаи «Барномаи беҳтаргардонии низоми таъминоти оби нӯшокӣ ва рафъи партовоб»-и шаҳри Хуҷанд 1030,0 ҳазор доллари амрикоиро ташкил дода, аз он 3,5 млн. доллар аз ҳисоби қарзи Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ва 6530,0 ҳазор доллар маблағи грантӣ мебошанд. То имрӯз марҳилаи як ва дуюм ба охир расидааст.

Азхудкунии маблағ аз оғози амалишавии марҳилаи сеюми Лоиҳаи "Барномаи беҳтаргардонии низоми таъминоти оби нӯшокӣ ва рафъи партовоб"-и шаҳр 9646,0 ҳазор доллари амрикоиро ташкил дода, 760,8 ҳазор доллари он ба давраи ҳисоботӣ рост меояд.

Инчунин, доир ба таъмини некӯаҳволии сокинон ва ҳифзи муҳити зист дар шаҳр лоиҳаи дигари давлатии сармоягузорӣ оид ба "Идоракунии партовҳои сахти маишии шаҳри Хуҷанд", марҳилаи 2-юм" оғоз гардидааст.

Маблағи умумии ин лоиҳа 5910,0 ҳазор доллари амрикоиро дар бар гирифта, аз он 3410,0 ҳазор доллари амрикоӣ маблағи грантӣ ва 2,5 млн. доллари амрикоӣ қарзи дарозмуддати Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд мебошад.

Мақсади лоиҳа беҳтар намудани вазъи экологии шаҳри Хуҷанд буда, азхудкунии маблағ аз оғози амалишавии марҳилаи дуюми Лоиҳаи "Идоракунии партовҳои сахти маишии шаҳри Хуҷанд" 3487,0 ҳазор доллари амрикоиро ташкил дода, 306,0 ҳазор доллари он дар давраи ҳисоботӣ рост меояд.

Ҳамзамон, баҳри баланд бардоштани сифати хизматрасонии нақлиёти мусофиркашон ва беҳтар намудани вазъи бехатарию экологии шаҳр Лоиҳаи сармоягузории "Рушди нақлиёти ҷамъиятии шаҳри Хуҷанд" амалӣ гардида истодааст.

Маблағи умумии лоиҳаи мазкур 26840,0 ҳазор доллари амрикоиро дар бар гирифта, аз он 17,5 млн. доллари амрикоӣ маблағҳои қарзӣ ва 8,5 млн. доллари амрикоӣ ҳамчун маблағи грантӣ муайян карда шудааст. Барои амалӣ гардонидани лоиҳаи мазкур кӯмаки техникӣ дар ҳаҷми 840 ҳазор доллари амрикоӣ пешниҳод гардидааст.

Мақсади лоиҳа ин пеш аз ҳама беҳтар намудани сифати хизматрасонии нақлиёти ҷамъиятӣ дар шаҳр буда, он аз се қисм, яъне харидорӣ намудани автобусҳои нави ғунҷоишашон гуногун, таҷдиди базаи истеҳсолӣ-техникии КДК "Нақлиёти мусофиркашони шаҳри Хуҷанд" ва ҷорӣ намудани технологияи бо чипта хизматрасонӣ намудан барои мусофирон иборат мебошад.

Аз оғози татбиқи лоиҳаи "Рушди нақлиёти ҷамъиятии шаҳри Хуҷанд" азхудкунии маблағ 15,8 млн. доллари амрикоиро ташкил дода, дар давраи ҳисоботи бошад, он ба 378,8 ҳазор доллари амрикоӣ баробар мебошад.

Маблағи умумии азхудшуда аз аввали татбиқи се лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ба 28933,0 ҳазор доллари амрикоӣ баробар буда, дар санаи 1 июли соли 2021 он 1445,0 ҳазор доллари амрикоиро ташкил додааст.

Дар ноҳияи Бобоҷон Ғауров дар давраи ҳисоботӣ ҳамагӣ 202,0 ҳазор доллари ИМА сармояи хориҷӣ, яъне ба ҶДММ "Алфа ПЭТ" ва ширкати "Ист Рай Трейдинг" ворид гардидааст.

Айни ҳол дар ноҳия 6 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ амалӣ гардида, дар доираи онҳо дар ноҳия аз аввали татбиқ зиёда аз 5,6 млн. доллари ИМА аз худ карда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар ин давра аз ҷониби соҳибкорон 9 адад корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ мавриди истифода қарор дода шуданд.

Дар шаҳри Истаравшан дар нимсолаи аввали соли 2021 ду маротиба дар мавзӯҳои муколамаи давлат бо бахши хусусӣ, беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ, ҷорӣ кардани расмиёти электронӣ, баррасӣ ва пешниҳоди иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва сертификатҳо барои фаъолияти соҳибкорӣ таҳия ва омода намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ, нақшаҳои тиҷоратӣ тибқи талаботҳои байналмилалӣ, арзёбии иқтисодиёти маҳаллӣ ва усулҳои баҳодиҳии фаъолияти сармоягузорӣ семинар-тренингҳо аз ҷониби масъулини Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД «Тоҷинвест» ва Раёсати давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии вилояти Суғд дар шаҳри Хуҷанд дар меҳмонхонаи Суғдиён ва кохи Матбуот баргузор карда шуд.

Гузашта аз ин ба ҳолати 1 июли соли 2021 дар шаҳри Истаравшан 8 лоиҳаи сармоягузории давлатии зерин амалӣ гардида истодааст, ки дар доираи онҳо дар шаҳр 7,15 млн. доллари ИМА азхуд карда шудааст.

Дар шаҳри Гулистон бо мақсади дастгириву ҳавасмандгардонии соҳибкорон барои ҷалби сармояи мустақим шароит ва заминаи мусоид фароҳам оварда шудааст. Бо ҷалби сармояи дохилӣ дар шашмоҳаи якуми соли 2021 ҶДММ "Мурғи дастрас" (самти фаъолият истеҳсоли гушти мурғ) ба маблағи 1,5 миллион сомонӣ, ҶДММ "Гулистони Аҷам" (самти фаъолият истеҳсоли хӯроки чорво) ба маблағи 150 ҳазор сомонӣ ва ҶДММ "Ҷей Л. Тоҷикистон" (самти фаъолият коркарди маъдан ва конҳо) ба истифода дода шуд.

Ҳамзамон дар заминаи меҳмонхонаи "Далер 777" аз ҷониби соҳибмулки он бунёди маркази савдо ва хизматрасонии 2 ошёна роҳандозӣ шуда истодааст, ки ҳоло 210000 сомонӣ сармояи дохилӣ ҷалб гардидааст. Инчунин дар ҳудуди

осоишгоҳи “Баҳористон” сохтмони бинои 6 ошёнаи қароргоҳи ҳукуматӣ идома дорад, ки барои корҳои сохтмонии он аз оғоз 25 миллион сомонӣ сармояи дохилӣ истифода гардидааст, ки 60 фоизи корҳои сохтмониро ташкил медиҳад. Дар соҳили Баҳри тоҷик бунёди осоишгоҳ барои 250 ҷой ба маблағи 28 милион сомонӣ аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Зокирова Турсуной (ки берун аз кишвар ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул аст) ба нақша гирифта шуда, ҳоло 40 фоизи корҳои сохтмонии он бо ҷалби 10,5 миллион сомонӣ ба анҷом расидааст. Ҳамчунин бо ҷалби наздик 3,5 миллион сомонӣ сармояи дохилӣ аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ дар якҷоягии соҳибкорони бурунмарзӣ бинои 3 ошёнаи осоишгоҳи “Абдуқодир Ҷабборзода” бунёд гардид, ки дар як вақт имконияти қабули 60 нафар истироҳату табобаткунандагонро дорост. Бояд қайд намуд, ки аз ҷониби як нафар шаҳрванди хориҷӣ (Ҷумҳурии Қазоқистон), ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул аст, дар минтақаи истироҳатии шаҳри Гулистон бинои 2 ошёнаи истироҳативу фароғатӣ бо мақсади ба фароғату истироҳат ҷалб намудани кормандони корхонаи ҶДММ “Суғдпак” бунёд шуда истода, то ба ҳол беш аз 1 миллион сомонӣ ҷалб гардидааст. Инчунин тариқи ҳашар бо мусоидати соҳибкорону шахсони саховатманд ва корхонаву муассисаҳо сохтмони бинои КИ ҲХДТ дар шаҳри Гулистон роҳандозӣ шуда истодааст, ки барои бунёди он беш аз 1112,0 ҳазор сомонӣ маблағ ҷалб шудааст. Инчунин сохтмони бинои Маркази касбомӯзӣ дар маркази шаҳр амалӣ шуда истодааст, ки барои корҳои сохтмонии он наздик ба як милион сомонӣ маблағ ҷалб гардидааст. Дар шафати роҳи Хуҷанд Гулистон нуқтаи таъминоти сузишворӣ ба истифода дода шуд, ки барои бунёди он беш аз 1,5 миллион сомонӣ маблағ равона гардид. Ҳамчунин сохтмони биноҳои миёнаошёнаи истиқоматӣ бо ҷалби сармояи дохилӣ ба роҳ монда шудааст. Дар минтақаи истироҳатии шаҳр истироҳатгоҳҳои хусусӣ бо ҷалби сармояи дохилӣ бунёд гардида истодаанд, ки барои рушди сайёҳӣ дар шаҳр мусоидат менамоянд.

Дар маркази шаҳри Гулистон корҳои ободониву бунёдкорӣ ва инфрасохторӣ бомаром идома дорад, ки ҳусни шаҳрро зебо намуда истодааст ва барои бунёди онҳо маблағҳои зарурӣ равона шуда истодааст. Аз ҷумла дар даромадгоҳи шаҳр дар ду тарафи канори роҳ гулгашту боғҳои фароғатӣ бунёд карда шуд, ки барои он беш аз 4,4 миллион сомонӣ маблағ равона карда шуд. Ҳамчунин, 10 истгоҳи замонавӣ ба маблағи 573,0 ҳазор сомонӣ ва 3000 $м^2$ сафолакҳо ба масофаи наздик ба 1 километр пайроҳа ба маблағи 1,3 миллион сомонӣ насб карда шуд. Таъмир ва рангубори биноҳои баландошёна роҳандозӣ шуда истодааст, ки ба ин мақсад беш аз 500,0 ҳазор сомонӣ маблағ равона шудааст. Барои чароғону ороишоти шаҳр низ беш аз 500,0 ҳазор сомонӣ маблағ равона карда шудааст. Ҳамчунин ивази лулаҳои системаи ташноби шаҳр ба масофаи 750 метр азнавсозӣ шуда истодааст, ки барои амалӣ намудани он 759,5 ҳазор сомонӣ маблағ равона гардидааст. Пӯшонидани заҳбури қисмати поёнии шаҳр ба нақша гирифта шуда, то ба ин рӯз беш аз 142 қубурҳои қутрашон 1000 миллиметр дастрас гардида, 1100,0 ҳазор сомонӣ маблағ масраф гардидааст. Илова бар ин таъмиру азнавсозии боғи фарҳангиву фароғатии ба номи

“Темурмалик” ба нақша гирифта шуда, дар навбати аввал барои азнавсозии он 2 миллион сомонӣ маблағ пешбинӣ шуда,  корҳо амалӣ шуда истодаанд. Инчунин барои истироҳат ва шавқмандкунии кӯдакон дар маркази шаҳр 4 майдончаи кӯдакона ба маблағи 413405 сомонӣ  сохта ба истифода дода шуд. Мумфаршкунии 1,4 километр роҳи маҳаллаи Сарбанд ба маблағи 836,0 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби буҷети вилоят, 500 метр роҳи кӯчаи Ҷавонии маркази шаҳри Гулистон ба маблағи 250 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби соҳибкорон, мумфаршнамоии 460 метри мурабба роҳи кӯчаи Суғдиён ба маблағи 29,0 ҳазор сомонӣ ва 450 метри мураббаъ ба маблағи 27,0 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби аҳолӣ ба роҳ монда шуд. Инчунин ба маблағи 259,0 ҳазор сомонӣ як қатор корҳо дар варзишгоҳи маркази шаҳри Гулистон аз қабили ҳамвор ва сабзапӯш намудани майдони футбол, таъмири даромад ва ҷойҳои нишаст, мизу курсиҳо, мумфаршнамудани роҳи дохил ва даромади он ба роҳ монда шуд.

Як қатор корҳои ободониву бунёдкорӣ аз ҷониби соҳибкорону саховатмандон ва аҳолии шаҳраки Адрасмон ба назар мерасанд. Аз ҷумла ба маблағи 170,0 ҳазор сомонӣ 1000 метр девори атроф, даромадгоҳ, дарвоза ва биноҳои ёрирасони оромгоҳи шаҳраки Адрасмон; дар деҳаи Зарчашма ба маблағи 22 ҳазор сомонӣ дарвозаву даромадгоҳ ва биноҳои ёрирасон; бунёди пули мошингузар дар кӯчаи М.Турсунзодаи шаҳраки Адрасмон ба маблағи 7200 сомонӣ; 120 метр соҳилмустаҳкамкунӣ ба маблағи 24 ҳазор сомонӣ; аз нав насб намудани дарвозаҳои даромади МТМУ №7 ба маблағи 5800 сомонӣ ва МТМУ №4 ба маблағи 5300 сомонӣ, бунёди толори варзишии МТМУ №12 аз ҳисоби соҳибкорону саховатмандон ба маблғи 300,0 ҳазор сомонӣ ба тариқи ҳашар бунёд карда шуд.

Дар ҷамоати шаҳраки Консой аз ҷониби корхонаи ҶМТКММ “Апрелевка” ба маблағи 188 ҳазор сомонӣ роҳҳои дохили шаҳрак таъмири ҷорӣ карда шуд.

Тибқи маълумотҳо дар давоми моҳҳои январ-июни  соли 2021 ба иқтисодиёти шаҳри Гулистон 91899702 сомонӣ сармоягузориҳо ҷалб гардидаанд, ки аз он 36133427 сомонӣ сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва 55766275 милион сомонӣ сармоягузории дохилиро ташкил медиҳад.

### 4.3. Амалисозии барасмиятдарории фаъолияти сармоягузорӣ тавассути пурра ҷорӣ намудани низоми электрониву рақамӣ ва ба роҳ мондани фаъолияти марказҳои хизматрасонӣ ба соҳибкорону сармоягузорон дар шаҳру ноҳияҳои кишвар

Доир ба масъалаи мазкур аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон корбарӣ оғоз гардида, татбиқи ин чорабиниҳо дар семоҳаи сеюм ва чоруми соли ҷорӣ дар назар аст. Ҳангоми амалӣ гардидани ин лоиҳа татбиқи он марҳила ба марҳила дар шаҳру ноҳияҳои вилоят низ ҷорӣ карда мешавад.

Дар ин давра аз ҷониби бахши сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дар якҷоягӣ бо Фонди қарзии хурди «Рушди Суғд» ва Маркази дастгирии ҷамоати Хиставарз корбарӣ ба роҳ монда шуда, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи касбият ва тайёр намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ семинари омӯзишӣ доир карда шуданд. Дар ин семинар соҳибкорон ва

роҳбарони корхонаҳои хурд иштирок намуда, тарзи омода намудани лоиҳаҳоро омӯхтанд.

Тибқи қарори Раиси шаҳр Шӯрои дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтаргардонии фазои соҳибкорӣ дар шаҳри Гулистон амал менамояд, ки ба аъзогии Шӯрои мазкур соҳибкорону сармоягузорон ва роҳбарони сохторҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Гулистон шомил мебошанд, ки мунтазам ҷиҳати амалигардии дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ корбарӣ менамоянд. Баҳри баланд бардоштани савияи дониши соҳибкорон, инчунин баланд бардоштани сатҳи касбият, малакаи соҳибкорӣ ва инчунин сифати омода намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва нақшаҳои тиҷоратӣ пайваста корбарҳо роҳандозӣ шуда, корҳои фаҳмондадиҳиву суҳбатҳо доир ба имкониятҳои соҳибкории шаҳр ва фаҳмонида додани моҳияти қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, дар омода нумудани 4 бизнеслоиҳаҳо ба соҳибкорон кумак расонида шуд. Санаи 2 марти соли 2021 дар шаҳри Хуҷанд семинари омӯзишӣ дар мавзӯи “Рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ-усули муосири ҷалби сармояи бахши хусусӣ ба иқтисодиёт” баргузор гардид, ки дар он соҳибкорони шаҳр иштирок карданд. Инчунин санаи 28 майи соли 2021 семинари омӯзишӣ дар мавзӯи “Тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ” дар вилоят гузаронида шуд, ки ба онҳо соҳибкорони шаҳр ҷалб карда шуданд.

Бо мақсади дастгирии иттилоотии субъектҳои соҳибкорӣ ҷиҳати рушди фаъолият, тақвияти содирот ва ҷалби сармоя дар назди Кумитаи сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Портали тиҷоратии интерактивии соҳибкор бо соҳибкор дар сомонаи www.b2b.tj ташкил гардида, корхонаву муассисаҳои шаҳри Гулистон маълумотҳои заруриро ба он ворид карда истодаанд, ки бо 3 забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) дарҷ мегардад.

Дар ноҳияи Зафаробод баҳри ба роҳ мондани фаъолияти маркази хизматрасонӣ ба соҳибкорону сармоягузорон чораандешӣ гардида, дар ҳудуди ноҳия як марказ оид ба пешниҳоди ҳисоботҳои омори давлатӣ, нозироти андоз ва суғуртаи иҷтимоӣ ба соҳибкорон дар соҳаи кишоварзӣ хизматрасонӣ менамояд.

### 4.4. Пешниҳоди маблағҳои қарзии дастрас ва дастгирии соҳибкорӣ

Дар вилояти Суғд ҳаҷми умумии маблағгузории қарзӣ нисбат ба моҳҳои январ-майи соли 2020 ба андозаи 51,8 фоиз зиёд шуда, дар моҳҳои январ-майи соли 2021 ба 1752,1 млн. сомонӣ расонида шудааст.

Фоизи миёнавазни қарзҳои додашуда бо пули миллӣ 26,73 ва бо асъори хориҷӣ 13,68 фоиз, фоизи миёнавазни ҷалби пасандозҳо бо пули миллӣ 12,81 ва бо асъори хориҷӣ 3,67 фоизро ташкил медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаи баланди дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Деваштич аз ҷониби ташкилотҳои қарздиҳӣ ва бонкҳо +13.4 млн. сомонӣ (47,5 млн. сомонӣ ҳамагӣ қарзӣ дода шуда), Истаравшан +51,5 млн. сомонӣ (180,7 млн. сомонӣ), Спитамен +31,1 млн.сомонӣ (70,3 млн. сомонӣ), Мастчоҳ +26,2 млн. сомонӣ (59,8 млн. сомонӣ), Шаҳристон +16,6 млн.

сомонӣ (32,3 млн. сомонӣ), Панҷакент +13,6 млн. сомонӣ (45,6 млн. сомонӣ), Конибодом +10,2 млн. сомонӣ (42,2 млн. сомонӣ), Бобоҷон Ғафуров +7,8 млн. сомонӣ (38,5 млн. сомонӣ), Бӯстон + 4,5 млн.сомонӣ (11,2 млн.сомонӣ), Айнӣ +4,3 млн. сомонӣ (7,3 млн. сомонӣ), Гулистон +3,8 млн. сомонӣ (4,9 млн. сомонӣ), Ҷаббор Расулов +3,5 млн.сомонӣ (8,5 млн. сомонӣ), Зафаробод +1,8 млн. сомонӣ (5,3 млн. сомонӣ), Ашт +0,9 млн. сомонӣ (5,6 млн. сомонӣ), Кӯҳистони Мастчоҳ +0,4 млн.сомонӣ (1,0 млн.сомонӣ) ва Истиқлол +0,6 млн. сомонӣ (1,4 млн.сомонӣ) зиёд гардида аз мавҷуд будани соҳаҳои ҷолиби соҳибкорӣ, зиёд будани марказҳои хизматрасонии бонкиро нишон медиҳанд.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Хуҷанд аз ҷониби ташкилотҳои қарздиҳӣ ва бонкҳо -53,7 млн. сомонӣ (153,3 млн. сомонӣ ҳамагӣ қарзӣ дода шуда), ва дар шаҳри Исфара -83,6 млн. сомонӣ (84,1 млн. сомонӣ) нисбат ба соли гузашта ба соҳибкорон қарзҳо кам дода шуда, дар фароҳам овардани шароит барои соҳибкорӣ андешидани чораҳои иловагиро талаб менамояд.

Шумораи ҷавонони соҳиби қарзи бонкӣ дар шаҳру ноҳияҳои Истаравшан +13206 (15250 нафар), Спитамен +1210 (2158 нафар), Мастчоҳ +603(1446 нафар), Хуҷанд +504 (1249, Бобоҷон Ғафуров +386 (594 нафар), Деваштич +97 (368 нафар) ва Кӯҳистони Мастчоҳ +59 (84 нафар) зиёд гашта, ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Ҷаббор Расулов -2202 (3581нафар), Бӯстон -227 (99 нафар), Ашт -888 (2615 нафар), Зафаробод -214 (697 нафар), Шаҳристон -84 (274 нафар) ва Гулистон -1 (8 нафар) шумораи ҷавонони соҳиби қарзи бонкӣ нисбат ба аввали соли 2021 кам гаштааст, ки омӯзиши сабаҳои худро муайян менамояд.

Мушкилиҳо: Баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ ба соҳибкорон, дар шаҳри Бӯстон зарурияти ҷалби сармояи хориҷӣ барои таъминоти оби нӯшокии маҳаллаи Наврӯз ва Ҷамоати шаҳраки Палос мавҷуд мебошад, дар шаҳри Гулистон мушкилоти ҷалби сармоя барои татбиқи Лоиҳаи барқарорсозии системаи оби нӯшокии шаҳраки Адрасмон ба маблағи умумии 10 миллион сомонӣ ё харидории дастгоҳҳои обкашӣ барои беҳтар намудани таъминоти шаҳраки Адрасмон бо оби нӯшокӣ ба маблағи 594211 доллари амрикоӣ ба назар мерасад, ки зарурати ҷалби сармоя барои таъминоти оби нӯшокии минтақаи истироҳатии шаҳр ва беҳтаргардонии системаи ташноб бо роҳи аз нав насб намудани хати ташноб ва безараргардонии он мавҷуд мебошад, дар ноҳияи Зафаробод қайд кардан ба маврид аст, ки фаъолияти соҳибкорӣ дар якчанд соҳаҳои афзалиятнок ҳанӯз ба дараҷаи кофӣ ба роҳ монда нашудааст, дар ноҳияи Ҷаббор Расулов бобати ривоҷ додани корхонаҳои саноатии коркарди нахи пата, истеҳсоли матоъ, коркарди гӯшт, истеҳсоли консерва аз меваю сабзавот, хушк намудани пиёз, нигоҳдории меваю сабзавот, коркарди пӯсту пашм ва истеҳсоли маводи ниёзи мардум аз ин маҳсулотҳо имкониятҳои фаровон дошта баҳри ба кор андухтани ин захираҳо равона намудани сармоя аз ҷониби мақомотҳои дахлдори соҳа зарур аст.

Пешниҳод: Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он барои амалишавии ваколатҳои онҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дастгирии давлатии соҳибкорӣ” баланд бардоштани сатҳи касбият ва малакаи соҳибкорӣ, барои амалигардонии татбиқи лоиҳаҳои пешбинигардида мусоидат намуда, ҷиҳати мушкилоти онҳо, ҷалби сармоя ба минтақаи озоди иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкориро тақвият бахшанд.

## 5. Маълумот оид ба рушди соҳаи саноат

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи саноат бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ: 5.1. Нишондиҳандаи маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ ва истеҳсоли маҳсулоти асосии саноатӣ аз рӯи намуди маҳсулоти саноатӣ; 5.2. Чораҳои андешидашуда ҷиҳати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз ҳисоби баистифодадиҳии иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, ба кор андохтани иқтидорҳои бозистодаи корхонаҳои соҳа бо ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ, истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатпазири воридотивазкунанда бо арзиши баланди иловашуда (қарори ҲҶТ аз 6 феврали соли 2021, №14, банди 4, сархати 1) 5.3. Бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва диверсификатсияи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, таъсиси корхонаҳои нави саноат, барқарорсозӣ ва муосиргардонии корхонаҳои амалкунанда ва аз фаъолият бозмонда дар самти истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии рақобатпазир, бахусус аз нахи пахта, пилла, пӯсту пашм, меваю сабзавот ва гӯшту шир (қарори ҲҶТ аз 6 феврали соли 2021, №14, банди 4, сархати 4); 5.4. Вусъат бахшидани корҳо дар самти бунёди корхонаҳои металлургӣ, маъдантозакунӣ, истихроҷ ва то маҳсулоти ниҳоӣ коркард намудани металлҳои ранга ва қиматбаҳо, рушди саноати мошинсозӣ, нассоҷӣ, хӯрокворӣ ва дорусозӣ (бандҳои 15,16 паём); 5.5. Таъмини корхонаҳо бо технологияҳои муосир ва зиёд намудани ҳаҷм ва номгӯи масолеҳи сохмонӣ (қарори ҲҶТ аз 6 феврали соли 2021, №14, банди 4, сархати 5); 5.6. Ҷараёни фаъолияти корхонаҳои дастии атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ ва сехҳои духти либосҳои мактабӣ; 5.7. Рафти ҷалби сармоя ва ташкили инфросохтор барои фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ, истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатпазир ва ба содирот нигаронидашуда; 5.8. Бо мақсади татбиқи бемайлони саноатикунонии босуръати кишвар давра ба давра ҳаллу фасл намудани мушкилоти ҷойдоштаи соҳаи саноат (банди 19 паём).**

### 5.1. Нишондиҳандаи маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ ва истеҳсоли маҳсулоти асосии саноатӣ аз рӯи намуди маҳсулоти саноатӣ

Дар давоми шаш моҳи соли ҷорӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Суғд ба маблағи 8976,0 млн. сомонӣ расонида, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта суръати афзоиш бо назардошти индекси нархҳо 133,2 фоиз таъмин гардидааст.

Нишондиҳандаҳои баланди суръати афзоишро ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 146,2%, (2,7 млн.сомонӣ), ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 139,2% (1393,3 млн. сомонӣ), Мастчоҳ 125,2% (89,9 млн. сомонӣ), ноҳияи Айнӣ 124,3% (901,7 млн. сомонӣ), Гулистон 118,8% (2245,1 млн. сомонӣ), шаҳри Истаравшан 117,0% (282,8 млн. сомонӣ), Хуҷанд 113,9% (632,7 млн. сомонӣ), Истиқлол 109,5% (16,4 млн. сомонӣ), ноҳияи Ҷаббор Расулов 104,3% (116,9 млн. сомонӣ), ноҳияи Спитамен 101,2% (259,2 млн. сомонӣ), шаҳри Бӯстон 100,7% (273,5 млн. сомонӣ) ва ноҳияи Зафаробод 100,1% (54,5 млн. сомонӣ) таъмин намудаанд, ки дар инкишофи рушди устувори саноат дар шакли индустриалӣ-аграрӣ замина гузошта шуда истодааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Ашт 77,3% (71 млн. сомонӣ), Деваштич 79,5% (21,4 млн. сомонӣ), ноҳияи Шаҳристон 86,2% (15,8 млн. сомонӣ), Конибодом 90,9% (98,3 млн. сомонӣ), Исфара 96,1% (165,5 млн. сомонӣ) ва шаҳри Панҷакент 96,8% (2333,8 млн. сомонӣ), суръати афзоишро нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам намуданд, ки таъсири манфӣ ба рушди саноат мерасонад.

Дар ин давра таваҷҷуҳи асосӣ ба истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда равона карда шуд. Аз ҷумла, дар моҳҳои январ-июни соли 2021 ба миқдори 664,5 ҳазор тонна семент ва 722,5 ҳазор тонна ангишт истеҳсол карда шудааст. Ҳамзамон, нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 суръати афзоиши истеҳсоли ресмони пахтагин 140,6 фоиз ва газвори пахтагини тайёр 105,7 фоиз таъмин гардида, дар маҷмӯъ бо назардошти эҳтиёҷоти худӣ 2835,8 тонна калоба ва 3606,8 ҳазор метри мураббаъ газвори пахтагин истеҳсол карда шудаанд. Истеҳсоли маҳсулоти хӯроквории ивазкунандаи воридот сол аз сол тавсеа ёфта, дар 6 моҳи соли 2021 ба миқдори 253,1 ҳазор тонна орд ва 1955,3 тонна равғани растанӣ истеҳсол шудааст.

Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маводи асосии сохтмонӣ аз қабили қубурҳои пластикӣ ба миқдори 668,8 ҳазор метр ё 140,8 фоиз, рехтаи пӯлодӣ 2833,4 тонна ё 111,6 фоиз, маҳсулоти кабелӣ 397,7 тонна ё 174,0 фоиз, профилҳои алюминӣ барои дару тирезаҳо 2782,9 тонна ё 183,3 фоиз, профилҳои металлӣ 12185,2 тонна, профилҳои пластикӣ 854,0 тонна ё 168,9 фоиз, халтаҳои полипропиленӣ барои бандубасти маҳсулоти корхонаҳо 23,4 млн. дона ё 109,3 фоиз, халтаҳои полиэтиленӣ 402,3 тонна ё 122,6 фоиз, маҳсулоти пластмассагӣ 53,6 млн. дона ё 13,5 баробар, бомпӯши оҳанин 41,0 ҳазор метри тӯлонӣ ё 151,2 фоиз ва зарфи шишагин ба ҳисоби 0,5 литр 9,6 млн. дона ё 124,0 фоиз таъмин карда шудааст.

### 5.2. Чораҳои андешидашуда ҷиҳати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз ҳисоби баистифодадиҳии иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, ба кор андохтани иқтидорҳои бозистодаи корхонаҳои соҳа бо ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ, истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатпазири воридотивазкунанда бо арзиши баланди иловашуда (қарори ҲҶТ аз 6 феврали соли 2021, №14, банди 4, сархати 1)

Бояд қайд намуд, ки дар шаҳри Хуҷанд давоми нимсолаи аввали соли ҷорӣ бахри таҳкими соҳаи саноат аз ҳисоби баистифодадиҳии иқтидорҳои нав, таъсиси корхонаҳои истеҳсолӣ зиёда аз 8,5 млн. сомонӣ сармояҳои дохилию хориҷӣ ҷалб карда шудааст, ки он барои рақобатпазирии маҳсулотҳои воридотивазкунанда мусоидат намуда истодааст.

Ҷиҳати афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ чораҳои амалӣ андешида шуда, дар ин давра дар шаҳр 13 адад корхонаҳои истеҳсоли нав бо назардошти соҳибкорони инфиродӣ, аз ҷумла: ҶДММ “Донаи Алмос”, хатти нави истеҳсолӣ дар ҶДММ “Хуҷанд Агро”, “Субҳи Заррин”, “Нури Имрон”, “Сидқӣ”, “Сеганҷ”, “Дурахшон Суғд”, “Чашма Пласт”, “Маҳмудшехов Далер”, КД “Амир Ко”, “Наргис”, “Ширкати кишоварзии полимерҳои Осиёи Марказӣ” ва соҳибкори инфиродӣ “Абдулҳакимов” бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ баҳри баланд бардоштани сифати маҳсулотҳои воридотивазкунанда таъсис дода шуда, аз ҳисоби корхонаҳои нав 156 нафар шаҳрвандон бо ҷойи корӣ таъмин гардиданд.

Дар шаҳри Гулистон давоми моҳҳои январ-июни соли 2021 барои ба кор андохтани иқтидорҳои мавҷуда ва бозистодаи ҶДММ “Ширкати кӯҳӣ-саноатии Тоҷикистону Хитой” ба маблағи 33 миллиону 633,4 ҳазор сомонӣ сармоягузории хориҷӣ ворид шудааст. Дар натиҷа фабрикаи бойгардонӣ марҳила ба марҳила аз таъмир бароварда шуда, имрӯзҳо ҳар се хати истеҳсолии фабрика мунтазам фаъолияти истеҳсолӣ доранд, ки ин барои афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот замина мегузорад.

Мувофиқи барномаи азнавмусаллаҳшавии техникӣ ба ҶДММ “Қолинҳои Суғд”, ки корхонаи сохти таркибии ҶСК “Қолинҳои Қайроққум” ба ҳисоб меравад бо сармоягузории хориҷӣ 8 адад дастгоҳи бофандагии ширкати “Ван де Вил”-и Белгия ворид ва васл карда шудаанд.

Инчунин ба роҳ мондани сехи истеҳсоли ашёи хом (риштаи полипропиленӣ) ва ташкили 70 ҷойҳои нави корӣ, ба зиёд гардидани пардохтҳо ба буҷет ва боздоштани хоришавии асъор аз бозори дохилӣ мусоидат карда, 60 - 65 фоизи ашёи хом дар корхонаи мазкур истеҳсол шуда истодааст.

Мувофиқи Созишномаи кафолати байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд оид ба лоиҳаи «Барқарорсозии НБО-и Қайроққум» ҳаҷми умумии маблағи лоиҳа 149,9 миллион доллар ба назар гирифта шудааст. Ҳадафи асосӣ зиёд намудани иқтидори неругоҳ аз 126 мероват то 174 мегават мебошад. Дар давоми нимсолаи якуми соли 2021 ба НБО барои корҳои таҷдиду барқарорсозӣ 2 миллиону 500 ҳазор сомонӣ сармояи хориҷӣ ворид шудааст. Ба корхонаҳои саноатии шаҳр дар ин давра 36,1 миллион сомонӣ сармояи хориҷӣ ҷалб карда шудааст.

Дар шаш моҳи аввали соли 2021 дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ба маблағи 169,6 млн. доллари ИМА маҳсулот содирот карда шудааст. Тибқи маълумоти гумруки «Хуҷанд» дар давраи ҳисоботӣ 844 тонна маҳсулотҳои кишоварзӣ ба маблағи 247,8 ҳазор доллар, 261 тонна қалобаи пахтагӣ ба маблағи 558,1 ҳазор доллар, 553 тонна либосворӣ ба маблағи 9,3 млн. доллар, 131,0 ҳазор тонна

маъдан ва консентрат ба маблағи 152,7 млн. доллар, 1415 тонна чарм ба маблағи 1468,5 ҳазор доллар содирот карда шудааст.

Дар ин давра бо мақсади таъмини амнияти озуқаворӣ дар шаҳри Бӯстон аз ҷониби корхонаҳои саноатӣ ва соҳибкорон 39 ҳазору 619,42 тонна орд ё худ 85,9 фоиз, 12 ҳазору 831,69 тонна сабус ё 83,7,4 фоиз, 16644,9 декалитр оби маъданӣ ё худ 180,5 фоиз, 129,4 ҳазор қутии шартии консерваҳо ё худ 102,7 фоиз, 19424,75 декалитр нӯшокиҳои беспирт ё худ 133,4 фоиз, 44,4 тонна маҳсулоти қаннодӣ ё худ 57,4 фоиз, 2833,37 тонна рехтаи пулодӣ ё худ 111,6 фоиз, 1209,8 тонна арматураи сохтмонӣ ё худ 707,5 фоиз, 18394 ҳазор дона халтаҳои полипропеленӣ ё худ 94,7 фоиз, 1682000 ҳазор дона қоғази ташноб ё худ 93,9 фоиз, 317,65 тонна мех ё худ 137,9 фоиз, 6,4 ҳазор дона маҳсулоти доруворӣ, 22,5 ҳазор дона хишти сементӣ, 861 метри мураббаъ тахтасангҳои мармарӣ, 18,42 ҳазор тахтаи шартӣ шиферҳои азбестӣ, 1620,2 метр қубурҳои пластикӣ барои беҳдошти шахсӣ истеҳсол карда шуд, ки маҳсулотҳои истеҳсолгардида ҳамчун маҳсулотҳои воридотивазкунанда ба ҳисоб меравад.

Корҳои анҷомдодаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Хуҷанд, Бӯстон, Гулистон ва ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ба рушди соҳаи саноат мусоидат намуда, ташкили ҷойҳои нави корӣ, зиёд гардидани пардохтҳо ба буҷет ва боздоштани хориҷшавии асъор аз ҷумҳурӣ мусоидат намудааст.

**5.3. Бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва диверсификатсияи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, таъсиси корхонаҳои нави саноат, барқарорсозӣ ва муосиргардонии корхонаҳои амалкунанда ва аз фаъолият бозмонда дар самти истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии рақобатпазир, бахусус аз нахи пахта, пилла, пӯсту пашм, меваю сабзавот ва гӯшту шир (қарори ҲҶТ аз 6 феврали соли 2021, №14, банди 4, сархати 4);**

Дар давраи ҳисоботӣ аз 673 корхонаи саноатӣ 411 корхона ё 11,1 фоиз суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро таъмин намуда, 141 корхона ё 20,9 фоиз ба сатҳи соли гузашта набаромад ва 121 корхона ё 18,0 фоиз кор накард.

Сабабҳои фаъолият накардану ақибмонии корхонаҳои саноатӣ мавсимӣ будани фаъолият, нарасидани ашёи хому маблағҳои гардишӣ, фарсуда гаштани таҷҳизоти технологӣ, маҳдуд шудани бозорҳои анъанавии фурӯши маҳсулот, ба рақобат тобовар набудани маҳсулоти истеҳсолшуда ва нодуруст ба роҳ мондани идоракунии корхонаю коргоҳҳо мебошанд.

Дар шаш моҳи аввали соли 2021 дар миқёси вилоят 61 корхонаву коргоҳҳои нав бо 475 ҷойҳои нави корӣ ба фаъолият шурӯъ намуда, корхонаҳои навтаъсис асосан корхонаҳои соҳаи саноати истеҳсоли масолеҳи сохтмон, хӯрокворӣ ва сабукро дарбар гирифта, барои таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ ва воридотивазкунанда мусоидат намуданд.

Дар вилоят фаъолияти 8 корхонаю коргоҳи пойафзолдӯзӣ ба роҳ монда, дар моҳҳои январ-июни соли ҷорӣ истеҳсоли пойафзол ба 153,8 ҳазор ҷуфт расонида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 96,3 ҳазор ҷуфт ё

2,7 баробар зиёд.

Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ дар вилоят 34 корхонаи пахтатозакунӣ фаъолият бурда, 6192,8 ҳазор тонна нахи пахта ва 8851,1 ҳазор тонна чигит истеҳсол намудаанд.

Дар шаҳри Гулистон давоми шашмоҳаи якуми соли равон дар минтақаи саноатии шаҳри Гулистон 2 сехи истеҳсолӣ ба фаъолият оғоз намуданд. ҶДММ "Гулистони Аҷам" аз хориҷи кишвар таҷҳизотҳои зарурии замонавии муосирро дастрас намуда, сехи истеҳсоли хӯроки чорворо ба роҳ мондааст, ки дар натиҷа дар давраи ҳисоботӣ 1346,7 тонна маҳсулот ба маблағи 3 миллиону 742,0 ҳазор сомонӣ истеҳсол намудааст. Иқтидори истеҳсолияш 24 тонна хӯроки чорво дар як шабонарӯз мебошад. ҶДММ "Мурғи дастрас" дорои як сехи таҷҳизоташ замонавӣ буда, дар он 20 ҳазор мурғ парвариш карда мешавад. Иқтидори истеҳсолии гӯшти мурғи парҳезӣ дар як моҳ 20 тоннаро дарбар мегирад. Дар шашмоҳаи аввали соли 2021 ба соҳаи саноати шаҳр 2 миллиону 250,0 ҳазор сомонӣ сармояи ватанӣ ҷалб гардидааст.

Дар шаҳри Хуҷанд давоми нимсолаи аввали соли ҷорӣ баҳри таҳкими соҳаи саноат аз ҳисоби баистифодадиҳии иқтидорҳои нав, таъсиси корхонаҳои истеҳсолӣ зиёда аз 8,5 млн. сомонӣ сармояҳои дохилию хориҷӣ ҷалб карда шудааст, ки он барои рақобатпазирии маҳсулотҳои воридотивазкунанда мусоидат намуда истодааст.

Ҷиҳати афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ чораҳои амалӣ андешида шуда, дар ин давра дар шаҳр 13 адад корхонаҳои истеҳсоли нав бо назардошти соҳибкорони инфиродӣ , аз ҷумла: ҶДММ "Донаи Алмос", хатти нави истеҳсолӣ дар ҶДММ "Хуҷанд Агро", "Субҳи Заррин", "Нури Имрон", "Сидқӣ", "Сеганҷ", "Дурахшон Суғд", "Чашма Пласт", "Маҳмудшехов Далер", КД "Амир Ко", "Наргис", "Ширкати кишоварзии полимерҳои Осиёи Марказӣ" ва соҳибкори инфиродӣ "Абдулҳакимов" бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ баҳри баланд бардоштани сифати маҳсулотҳои воридотивазкунанда таъсис дода шуда, аз ҳисоби корхонаҳои нав 156 нафар шаҳрвандон бо ҷойи корӣ таъмин гардиданд.

Дар ин давра дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 9 адад корхонаҳои нави хурду миёнаи истеҳсолӣ таъсис дода шуд, ки дар натиҷа зиёда аз 120 нафар шаҳрвандон бо ҷои корӣ таъмин гардиданд.

Айни ҳол дар ноҳия 2 адад корхонаҳои истеҳсоли нӯшокиҳои ташнашикан аз он ҷумла, ҶДММ "Зода" ва ҶДММ "Ширкати Баҳор" фаъолият намуда, дар давраи ҳисоботӣ ба миқдори 497,82 декалитр ба маблағи 26,1 ҳазор сомонӣ нӯшокиҳои ташнашикан истеҳсол намудааст.

Бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва диверсификатсияи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ айни ҳол дар ноҳия 2 адад корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ аз ҷумла, ҶДММ "Ширкати Азизӣ" ва ҶДММ "Дадобоев Толиб" фаъолият намуда, дар давраи ҳисоботӣ ба миқдори 167,15 тонна маҳсулоти ҳасибӣ ба маблағи 4945,4 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудааст.

**5.4. Вусъат бахшидани корҳо дар самти бунёди корхонаҳои металлургӣ, маъдантозакунӣ, истихроҷ ва то маҳсулоти ниҳоӣ коркард намудани металлҳои ранга ва қиматбаҳо, рушди саноати мошинсозӣ, нассоҷӣ, хӯрокворӣ ва дорусозӣ (бандҳои 15,16 паём);**

Дар ин давра дар шаҳри Хуҷанд вобаста ба самти бунёди корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ вусъат бахшида, дар натиҷа 4 адад корхонаҳо ба монанди ҶДММ "Донаи Алмос", "Хуҷанд Агро", "Субҳи Заррин" ва СИ "Абдулхакимов Ҷ" бо иқтидори истеҳсолии зиёда аз 9,0 ҳазор тонна маҳсулоти хӯрока дар як моҳ таъсис дода шудааст.

Бо мақсади рушд додани саноати дорусозӣ ва ворид намудани технологияҳои муосир, ки барои вусъат бахшидани корҳо дар самти дорусозӣ мусоидат мекунад, тадбирҳои мушаххас андешида шуда истода, дар ин давра дар шаҳр 3 адад корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти доруворӣ фаъолият намуда, дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи онҳо 361,4 ҳазор дона ё ба маблағи 902,5 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шудааст.

Дар ноҳияи Айнӣ дар давраи ҳисоботӣ ҷиҳати амалигардонии занҷираи ашёи хом истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ- бозори фурӯш бо мақсади рушди соҳаи саноат ва сиёсати мусоидат ба содирот ва воридотивазкунанда зиёда аз он 162,2 тн металли симоб истеҳсол гардид.

Дар шаҳри Истиқлол дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби ҶДММ "Нуқрафарм" 3350 тонна консентрати нуқрадор истеҳсол карда шуд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 3,3 тонна зиёд мебошад.

Ҳамзамон баҳри иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.02.2020 с., №64 бобати корхонаҳои коркарди маъдану консентрат корҳо идома дошта, дар ноҳияи Айнӣ бунёди 2 корхонаи азим бо иқтидори солонаи коркарди 250,0 ҳазор тонна амалӣ гардида истодааст.

**5.5. Таъмини корхонаҳо бо технологияҳои муосир ва зиёд намудани ҳаҷм ва номгӯи масолеҳи сохмонӣ (қарори ҲҶТ аз 6 феврали соли 2021, №14, банди 4, сархати 5);**

Дар ин давра дар ҳудуди ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бо технологияи муосир корхонаи муштараки "Хуаксин Ғаюр Суғд семент" фаъолият бурда истодааст, ки дар давраи ҳисоботӣ 613622 тонна семент ба маблағи 329,8 млн. сомонӣ истеҳсол намудааст.

Ҳамзамон дар ноҳия корхонаҳои истеҳсоли профилҳои пластикӣ, аз ҷумла ҶДММ «Суғд пластик», ҶДММ «Алфа Пэт» ва «Манзил пласт» бо технологияҳои муосири ҳозиразамон маҳсулоти саноатӣ истеҳсол намуда истодаанд.

Дар шаҳри Гулистон сехи истеҳсолии масолеҳи сохтмонии ҶДММ "Комунтанзимгар" бо таҷҳизот ва технологияҳои муосир ҷиҳозонда шуда, ҳаҷми истеҳсоли масҳулот назаррас ва номгӯи маҳсулотҳои сохтмонӣ зиёд карда шудааст. Дар корхонаи ҶДММ "Гранит 1" низ чунин амал ба роҳ монда шуда, нишондиҳандаҳои масолеҳи сохтмонӣ дар ин корхонаҳо дар давраи ҳисоботӣ то ба 116,0 фоиз афзоиш ёфтаанд.

Бахри зиёд намудани ҳаҷм ва номгӯи масолеҳи сохтмонӣ дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи 31 адад корхонаҳои саноатии шаҳри Хуҷанд ба миқдори 123,4 млн. сомонӣ маҳсулоти воридотивазкунанда истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 59,3 млн. сомонӣ ё 92,3 фоиз ин намуди маҳсулот зиёд гардидааст.

Дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров корхонаи коркарди маҳсулоти ширӣ ҶДММ "Афзали Суғд" фаъолият намуда истода, дар давраи ҳисоботӣ корхонаи мазкур ба миқдори 1763,9 тонна ё ба маблағи наздик 3,8 млн. сомонӣ маҳсулотҳои ширӣ аз ҷумла, қаймоқ, творог, ҷурғот ва панир истеҳсол намудааст. Айни ҳол дар ноҳия 2 адад корхонаҳои истеҳсоли нӯшокиҳои ташнашикан аз он ҷумла, ҶДММ "Зода" ва ҶДММ "Ширкати Баҳор" фаъолият намуда, дар давраи ҳисоботӣ ба миқдори 497,82 декалитр ба маблағи 26,1 ҳазор сомонӣ нӯшокиҳои ташнашикан истеҳсол намудааст.

Бобати ба роҳ мондани коркарди ҳарчи бештари меваю сабзавот, истеҳсоли консерваҳо дар ҷамоати шаҳраки Палоси шаҳри Бӯстон корхонаи ҶДММ "Шарбати мева" тӯли 5 сол аст, ки бахри таъмини бозори дохилӣ бо чунин намуди маҳсулот фаъолият бурда истодааст. Корхонаи номбурда дар давоми шаш моҳи соли 2021 - 129,4 ҳазор қутии шартӣ консерваҳои меваю сабзавот, 16644,9 декалитр обҳои маъданӣ ва 19424,75 декалитр нӯшокиҳои беспирт истеҳсол карда шуд.

## 5.6. Ҷараёни фаъолияти корхонаҳои дастии атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ ва сеххои духти либосҳои мактабӣ

Тибқи маълумоти оморӣ давоми 6 моҳи соли равон дар корхонаву коргоҳҳои дӯзандагии вилоят ба маблағи умумии 129,6 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол шуда, суръати афзоиш 134,3 фоизро ташкил намудааст.

Барои дар соли таҳсили 2021-2022 бо сару либоси мактабӣ таъмин намудани муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилоят дӯхтани либоси мактабӣ тақвият дода шуда, давоми 6 моҳи соли ҷорӣ 284262 либоси мактабӣ дӯхта шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4,3 баробар зиёд мебошад.

Дар шаҳри Бӯстон ду адад маркази таълимии истеҳсолии атласу адрасбофӣ дар оғози соли 2017 ташкил карда шудааст, ки 1 адад дар Ҷамоати шаҳраки Палос ва як адад дар ҳудуди шаҳр фаъолият намуда истодааст. Инчунин дар сехи дӯзандагии атласу адрасбофии КВД «Фулузоти Нодири Тоҷикистон» 6 адад дастгоҳҳои атласу адрасбофӣ мавҷуд буда, занҳои хонашин бо ҷойи корӣ ҷалб карда шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳри Гулистон давоми моҳҳои январ-июни соли 2021 корхонаҳои дӯзандагӣ ба маблағи 1105,5 ҳазор сомонӣ маҳсулотҳои дӯзандагӣ истеҳсол карданд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 59,1 фоиз ё ки 765,8 ҳазор сомонӣ кам мебошад. Аз ҷумла, дар сехи дӯзандагии ҶСК "Равшан" ба маблағи 464,6 ҳазор сомонӣ маҳсулоти дӯзандагӣ истеҳсол карда шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 112,4 фоиз ё ки 51,3 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Дар нимсолаи аввали соли 2021 аз тарафи корхонаҳои дӯзандагии шаҳри Хуҷанд ба маблағи 108,2 млн. сомонӣ, аз тарафи корхонаву сехҳои атласу адрасбофӣ ба миқдори 23,3 ҳазор метри мураббаъ чунин матоъҳо истеҳсол карда шудааст. Маҳсулоти истеҳсолшуда ба меъёрҳои стандартӣ мутобиқ буда, онҳо аз ашёи хоми маҳаллӣ истеҳсол шуда истодаанд.

Илова бар ин, дар ин давра аз тарафи корхонаҳои дӯзандагӣ ба маблағи 1620,1 ҳазор сомонӣ либоси бачагона истеҳсол карда шудааст.

**5.7. Рафти ҷалби сармоя ва ташкили инфросохтор барои фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ, истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатпазир ва ба содирот нигаронидашуда**

Дар давраи ҳисоботӣ ба маъмурияти МОИ "Суғд" 3 адад лоиҳаҳои тиҷоратӣ доир ба ташкили коргоҳҳои "Истеҳсоли зарфҳои қоғазӣ", "Истеҳсоли паркетҳои ороишӣ" ва "Хизматрасонии амалиёти воридотиву содиротӣ" пешниҳод гардида, аз ҷониби масъулин мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Айни ҳол, дар ҳудуди МОИ "Суғд" аз тарафи ҶДММ "Оҳанкор" ва ҶДММ "Сомон Кейс" корҳои сохтмонӣ доир ба кор андохтани иқтидорҳои мавҷуда ва ташкили коргоҳҳои истеҳсолӣ оғоз карда шудааст.

Тибқи лоиҳаи сармоягузории ҶДММ "Оҳанкор" бо коркарди металлҳои дуюмдараҷа машғул гардида, ҳангоми ба истифода додани он 100 ҷойи нави корӣ ташкил карда мешавад. Мувофиқи лоиҳаи сармоягузорӣ, барои ташкили коргоҳ 2,1 млн. доллари амрикоӣ ҷалб гардида, то имрӯз ба маблағи 1,1 млн. доллари амрикоӣ корҳои сохтмонӣ ба анҷом расонида шудааст.

Аз рӯи лоиҳаи сармоягузории ҶДММ "Сомон Кейс" бо истеҳсоли ҷузгирҳои мактабӣ ва занона машғул гардида, ҳангоми ба истифода додани он 100 ҷойи нави корӣ ташкил карда мешавад. Мувофиқи лоиҳаи сармоягузорӣ, барои ташкили коргоҳ 500,0 ҳазор доллари амрикоӣ маблағ ҷалб карда шуда, то имрӯз ба 339,1 ҳазор доллари амрикоӣ корҳои сохтмонӣ ба иҷро расонида шудааст.

Илова бар ин, дар давраи ҳисоботӣ боз як субъекти нав ҶДММ "Суғдиёна Агро" ба қайд гирифта шудааст, ки он асосан бо коркард ва басту банди писта фаъолият дорад. Корхонаи истеҳсолии мазкур аз ҷониби соҳибкорони Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо маблағгузории зиёда аз 500,0 ҳазор доллари ИМА ва таҷҳизоти замонавии коркарди писта таъсис дода шуда, дар сурати пурра ба фаъолият шуруъ намудан, зиёда аз 15 нафар сокинони маҳаллӣ бо ҷои кори доимӣ таъмин карда мешаванд.

Барои тақвият бахшидани фаъолият, ҷалби сармоя ва ташкили инфрасохтор маъмурияти МОИ "Суғд" тасмим гирифтааст, ки аз ҳисоби субъектони навтаъсиси болозикр корбарӣ намояд.

Дар ин давра аз субъектҳои фаъолбудаи Минтақаи озоди иқтисодии "Суғд" 15 субъект ба маблағи 118,2 млн. сомонӣ маҳсулот, корҳои сохтмонӣ, савдо ва хизматрасонӣ иҷро карда шудааст. Дар ин давра истеҳсоли маҳсулот аз тарафи ҶДММ "Реал" ба маблағи 5224,7 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Равзана Пластик" 685,1 ҳазор сомонӣ, ҶДММ КМ "Силкоат Бойя" 4800,4 ҳазор сомонӣ, ҶДММ КМ "Стар Пласт" 3100,7 ҳазор сомонӣ, ҶДММ КМ ТТ "Тоҷпроф"

77618,6 ҳазор сомонӣ, ҶДММ КФ “Фортуна Ко” 2784,1 ҳазор сомонӣ, ҶДММ “Тоҷикполиэтилен” 2021,2 ҳазор сомонӣ, ҶДММ КМ ТТ “Арча мебел” 2590,8 ҳазор сомонӣ, ҶДММ “Ариана металл пласт” 9448,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ КМ ТТ “Афранг пластик” 8819,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ “Донаи Алмос” 1319,7 ҳазор сомонӣ, корҳои сохтмонӣ аз тарафи ҶДММ “Сохтмони идоракунии №1” 664,8 ҳазор сомонӣ, инчунин хизматрасониҳо аз тарафи МТҒ “Коллеҷи техникии шаҳри Хуҷанд” 962,8 ҳазор сомонӣ, ҶДММ КФ “Дӯсти Амирхон” 620,0 ҳазор сомонӣ ва МДМ Минтақаи озоди иқтисодии “Суғд” ба маблағи 18,1 ҳазор сомониро дар бар мегирад.

Дар маҷмӯъ дар давраи ҳисоботӣ 4 намуд маҳсулотҳои саноатии рақобатпазир, ки аз ҷониби субъектҳои Минтақаи озоди иқтисодии “Суғд” аз қабили рангҳои гуногун, ноқилҳои барқӣ ва профилҳои алюминӣ истеҳсол гардида, ба маблағи умумии 39,6 млн. сомонӣ берун аз кишвар содирот карда шудааст.

**5.8. Бо мақсади татбиқи бемайлони саноатикунонии босуръати кишвар давра ба давра ҳаллу фасл намудани мушкилоти ҷойдоштаи соҳаи саноат (банди 19 паём).**

Дар натиҷаи давра ба давра ҳаллу фасл намудани муаммоҳои ин соҳа муайян карда шуд, ки баҳри бартараф намудани мушкилиҳои ба ҳисоб гирифтани маҳсулотҳои истеҳсолкардашудаи коргоҳҳои хурд, шаклҳои нави баҳисобгирии омориро таҳия ва амалӣ кардан мувофиқи мақсад мебуд.

Мушкилиҳо: дар ноҳияи Ашт бо сабаби дур будани масофа аз маркази ҷумҳуриву вилоят, ворид намудани таҷҳизотҳои муосири истеҳсолӣ душвор гардида истода, ҷиҳати ҳалли мушкилиҳои ҷойдошта дастгирии мақомотҳои болоӣ ва ҷалби сармоягузориҳои ватаниву хориҷӣ зарур мебошад.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он дар ҳамкорӣ бо Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба фаъолият оғоз намудани корхонаҳои нави банақшагирифта ва ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда фаъолиятро пурзӯр намуда ҷиҳати баланд бардоштани истеҳсолот ва таъмини ҳадафи чоруми стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба саноатикунонии босуръати мамлакат чораҳои мушаххас амалӣ намоянд.

## 6. Маълумот оид ба рушди энергетика

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи энергетика бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 6.1. Ҳалли масъалаву мушкилоти соҳаи энергетика, хусусан, дар бобати баҳисобгирии истеҳсол ва истеъмоли барқ, кам кардани талафот ва истифодаи таҷҳизоти барқии каммасраф (банди 26 паём). 6.2. Рафти пардохти маблағи ҳаққи қувваи барқ ва мавҷудияти бақияи қарзи истифодаи**

**қувваи барқ. 6.3. Мушкилоти ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли он**

**6.1. Ҳалли масъалаву мушкилоти соҳаи энергетика, хусусан, дар бобати баҳисобгирии истеҳсол ва истеъмоли барқ, кам кардани талафот ва истифодаи таҷҳизоти барқии каммасраф (банди 26 паём).**

Тибқи маълумоти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ашт дар соҳаи таъминоти барқи ноҳия мушкилиҳои зерин мавҷуданд: хатҳои барқии 10/04кВ, ки солҳои шуравӣ бунёд гардидааст, дар натиҷаи истифодаи тулонӣ фарсуда шудаанд; миқдори зеристгоҳҳои барқии мавҷуда нисбати меъёр кам буда, зеристгоҳҳои мавҷуда сербор мебошанд; куҳнаву фарсуда будани воситаҳои нақлиётӣ ва ворид нагардидани воситаҳои нав бо назардошти афзоиши ҳамасолаи аҳолии Ҷамоати шаҳраки Шайдон ва Ҷамоати деҳоти Понғоз бунёди зеристгоҳи нави 35/10 кВ ва хатти нави баландшиддаи 35 кВ, оид ба ин масъала лоиҳаи бунёди хатти баландшиддати барқии 35 кВ “Шайдон – Хиштхона” ва насб намудани як адад трансформатори иқтидораш 6300 кВ омода ва пешниҳод карда шудааст.

Мутобиқи маълумоти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров барои кам намудани талафоти нерӯи барқ дар давраи ҳисоботӣ мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия тадбирҳо андешида, дар ҷамоатҳои Овчиқаъача 1 адад, Унҷӣ 2 адад, Ғозиён 1 адад, Хистеварз 2 адад, Ёва 2 адад ва Исфисор 1 адад истгоҳҳои трансформатори нав насб карда шуд. Инчунин дар Ҷамоати деҳоти Ҳ.Усмонов зеристгоҳи барқӣ бо тавоноии 15000 кВ бо шиддатнокии 110-6 кВ сохта ба истифода дода шуд, ки ин барои камбор намудани трансформаторҳои мавҷуда мусоидат менамояд.

Тибқи маълумоти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Исфара таъмири асосии таҷҳизотҳои барқӣ ва хатҳои интиқоли барқии 35 кВ-1,2 км, чашмакҳои 10 кВ-6 адад, трансформаторҳои қуввагии 6-10/0,4 кВ – 11 адад, хатҳои барқӣ 0,4-6-10 кВ 48,4 км, хатҳои кабелӣ 0,4-6-10 кВ – 6,93 км ба маблағи 901,095 ҳазор сомонӣ, таъмири ҷории таҷҳизотҳои барқӣ ва шабакаҳои интиқоли нерӯи барқ дар ҳаҷми 300,803 ҳазор сомонӣ ва дар маҷмӯъ корҳои таъмирӣ дар сатҳи 101,28 % иҷро карда шудааст.

Мутобиқи маълумоти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Конибодом дар 17 адад ЗИТ-ҳои шаҳри Конибодом тақсимоти баробари бори қувваи барқ дар хатҳои барқии 0,4кВ гузаронида шуд. Аз он ҷумла корҳо дар ЗИБ 4195, 4211, 4216, 4218, 4070, 4397, 4415, 4289, 4160, 4310, 4347, 4397, 4228, 4251, 4253 ва 4358 гузаронида шуда, кор дар ин самт идома дорад.

Тибқи маълумоти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ яке аз мушкилотҳои асосии соҳа ин пайваст набудани 14 деҳаҳои ҳудуди Ҷамоати деҳоти Лангар ба хатти баландшиддати барқ буд, ки бо маблағгузории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, аз ҷониби корхонаи лоиҳакашии “Энергосетпроэкт” лоиҳа барои деҳаҳои мазкур бо маблағи 17 миллион сомонӣ омода карда шуда, барои амалӣ гардидани он ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ШСХК

“Барқи Тоҷик” пешниҳод карда шуд. Боиси хушнудист, ки лоиҳаи мазкур ҳамчун лоиҳаи афзалиятнок дастгирӣ ёфта, марҳилаи якуми он ба масофаи 16 километр ва бо фарогирии се деҳа аз тарафи пудратчӣ ҶДММ “Зулол-112” ба истифода дода шуд. Корҳои сохтмонӣ дар марҳилаи дуюми он оғоз карда мешаванд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Мастчоҳ дар нимсолаи якуми соли 2021 аз ҷониби шабакаҳои барқии ноҳия вобаста ба татбиқи сиёсати энергетикии мамлакат, таъмин намудани барқи бемайлон ба аҳолӣ, корхона ва муассисаҳои ноҳия тадбирҳои муҳим андешиданд. Дар давраи ҳисоботӣ дар маҳалҳои навбунёди ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия 5 адад трансформатори иқтидорҳояшон мухталиф насб гардида, 10160 адад ҳисобкунакҳои индуксионӣ ба ҳисобкунакҳои электронӣ иваз карда шуда, 760 адад ҳисобкунакҳо аз хонаҳо ба берун баровaрда шуданд.

Тибқи маълумоти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд барои боз ҳам беҳтар намудани вазъи барқтаъминкунии шаҳр, дар ин давра 30 адад истгоҳи трансформаторӣ (соҳавӣ) бо иқтидори 15673 кВ 3 адад истгоҳи трансформаторӣ аз тарафи шабакаҳои барқӣ бо иқтидори 1200кВ ба шабакаи тақсимоти пайваст карда шуд, зиёда аз 3 км хатти кабелии 6-10 кВ ва 2 км хатти кабелии 0,4 кВ сохта ба истифода дода шудааст.

Дар нимсолаи аввали соли 2021 дар вилояти Суғд ҳаҷми барқи қабулгардида ба маблағи 2662,5 млн. сомонӣ расидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 +127 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд +38,2 млн. сомонӣ (359,0 млн. сомонӣ), Зафаробод +32,1 млн. кВт/соат (164,2 млн. кВт/соат), Бӯстон +10,1 млн. кВт/соат (90,92 млн. кВт/соат), Гулистон +10,9 млн. кВт/соат (189 млн. кВт/соат), Мастчоҳ +8 млн. кВт/соат (181 млн. кВт/соат), Ҷаббор Расулов +4,8 млн. кВт/соат (115,5 млн. кВт/соат), Истиқлол +2 млн. кВт/соат (11 млн. кВт/соат) ва Кӯҳистони Мастчоҳ +0,9 млн. кВт/соат (3,5 млн. кВт/соат) ташкил дода, ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Панҷакент -7,0 млн. кВт/соат (237 млн. кВт/соат), Конибодом -6,6 млн. кВт/соат (121,1 млн. кВт/соат), Айнӣ -5,2 млн. кВт/соат (55,3 млн. кВт/соат), Исфара -4,2 млн. кВт/соат (146,2 млн. кВт/соат), Бобоҷон Ғафуров -2,6 млн. кВт/соат (295,5 млн. кВт/соат), Истаравшан -2,5 млн. кВт/соат (153,5 млн. кВт/соат), Шаҳристон -2,4 млн. кВт/соат (17,8 млн. кВт/соат), Ашт -1,2 млн. кВт/соат (134,9 млн. кВт/соат) ва Спитамен -0,3 млн. кВт/соат (68,9 млн. кВт/соат) кам гардидааст.

Дар нимсолаи аввали соли 2021 дар вилояти Суғд талафоти барқ 20,1 %-ро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 5,3% зиёд гаштааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Истиқлол +13,3% (28,7%), Шаҳристон +11,8% (27,8%), Конибодом +9,38% (23,4%), Исфара +8,6%(23,6%), Панҷакент +8,4% (24%), Мастчоҳ +6,9% (21,0%), Ашт +5,66 %, (19,71%), Бӯстон +5,33% (16,96%), Гулистон +3,5% (18%) ва Айнӣ +0,9% (18%) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардидааст, ки чораҳои андешидаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин

шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти ваколатдори соҳа барои кам кардани талафоти барқ нокифоя мебошад.

Инчунин, ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ -2,6% (25,2%), Истаравшан -2% (21,6%), Хуҷанд -1,46% (8,07%), Ҷаббор Расулов -1,9 (17,1%), Бобоҷон Ғафуров -0,4% (13,8%) ва Зафаробод -0,3%(11,4%) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам гардидааст, ки барои таъмини рушди энергетика шароит фароҳам оварда шуда, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти ваколатдори соҳа ба назар мерасад.

Нишондоди баланди талафоти қувваи барқ дар шаҳру ноҳияҳои Конибодом, Истиқлол, Шаҳристон, Мастчоҳ, Исфара, Панҷакент, Ашт ва Бӯстон ба назар расида, барои расидан ба натиҷаи чашмдошти СМР 2030 ҳамчун мушкилот боқӣ мондааст.

Дар нимсолаи аввали соли 2021 дар миқёси вилоят 331985 адад ҳисобкунакҳои электронӣ насб гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 41734 адад зиёд мебошад.

Ҷиҳати дақиқ ба ҳисоб гирифтани қувваи барқ аз ҳисоби таъмини нишондиҳандаи баланди шумораи насби ҳисобкунакҳои электронӣ дар шаҳру ноҳияҳои Ҷаббор Расулов +4708 адад, Исфара +3824 адад, Ашт +3819 адад, Айнӣ +2014 адад, Конибодом +2434 адад, Мастчоҳ +1800 адад, Панҷакент +1799 адад, Хуҷанд +1577 адад, Бобоҷон Ғафуров +650 адад, Спитамен +605, Деваштич +685 адад, Кӯҳистони Мастчоҳ +454 адад, Гулистон +200 адад, Бӯстон +197 адад, Истиқлол +184 адад ва Истаравшан +85 адад адад нисбат ба нимсолаи аввали соли 2021 зиёд шуда, замина барои таъмини нишондоди рушди энергетика гузошта шуда истодааст.

### 6.2. Рафти пардохти маблағи ҳаққи қувваи барқ ва мавҷудияти бақияи қарзи истифодаи қувваи барқ.

Дар нимсолаи аввали соли 2021 дар вилояти Суғд қарзи умумии истифодаи қувваи барқ ба 617,9 млн. сомонӣ расидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта +110 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Аз ҷумла, аз ҷониби аҳолӣ қарз ба маблағи 173,4 млн. сомонӣ буда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 66 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Аз ҳисоби зиёдшавии қарзи истифодаи қувваи барқ нисбат ба нимсолаи аввали соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Зафаробод +23,8 млн. сомонӣ (ҳамагӣ қарз 87,8 млн.сомонӣ), Бобоҷон Ғафуров +18,1 млн. сомонӣ (74,9 млн.сомонӣ), Мастчоҳ +14,7 млн. сомонӣ (70,2 млн. сомонӣ), Ашт +14,5 млн. сомонӣ (57,1 млн. сомонӣ), Истаравшан +6,1 млн. сомонӣ (57,3 млн. сомонӣ), Панҷакент +6,7 млн. сомонӣ (45,1 млн. сомонӣ), Исфара +6,9 млн. сомонӣ (46,1 млн. сомонӣ), Хуҷанд +3,9 млн. сомонӣ ( 26,3 млн. сомонӣ), Конибодом +4,7 млн. сомонӣ (31,4 млн. сомонӣ), Айнӣ +0,7 млн. сомонӣ (22,3 млн. сомонӣ), Ҷаббор Расулов +2,5 млн. сомонӣ (20,6 млн. сомонӣ), Спитамен +3,8 млн.сомонӣ (18,1 млн.сомонӣ), Деваштич +2,3 млн. сомонӣ (10,6 млн. сомонӣ), Бӯстон +2,3 млн. сомонӣ (7,6 млн. сомонӣ),

Шаҳристон +0,1 млн. сомонӣ (5,0 млн. сомонӣ), Истиқлол +0,2 млн. сомонӣ (1,3 млн. сомонӣ) ва Кӯҳистони Мастчоҳ +0,1 млн. сомонӣ (0,4 млн. сомонӣ) ба назар мерасад, ки имконияти молиявии таъмини нишондоди рушди энергетика маҳдуд гардонида шудааст.

Ҳамзамон ин нишондиҳанда дар шаҳри Гулистон -2,1 млн. сомонӣ (34,5 млн. сомонӣ) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам гардидааст.

Мушкилиҳо: Дар ноҳияи Айнӣ фарсудаву корношоям гардидани хатҳои интиқоли барқӣ, трансформаторҳо ва ба мувозинаи ШСХД "Барқи Тоҷик" додани неругоҳҳои хурди обии Марзич, Дижик ва Пинён. Дар ноҳияи Зафаробод бинобар зиёд гардидани муштариёни истифодабарии қувваи барқ сохтмони зеристгоҳ дар Ҷамоати шаҳраки Меҳнатобод ба миён омадааст. Дар ноҳияи Деваштич иваз намудани зеристгоҳои барқи пурбор ва камбор, иваз намудани 8 км ноқили а-35мм ба а-70 мм мебошад

Пешниҳод: ШСХК "Барқи Тоҷик", мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он ҷиҳати баланд бардоштани дараҷаи таъминоти ҳисобкунакҳои электронӣ, коҳиш додани талафоти нерӯи барқ, кам намудани қарзҳои ҳаққи истифодаи нерӯи барқ, таъмир ва бунёди зеристгоҳҳои барқӣ чораҳои мушаххас андешида, корҳоро дар ин самт ҷоннок намоянд.

## 7. Ҳифзи амнияти озуқаворӣ

**Нишондоди пешакии ҳифзи амнияти озуқаворӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 7.1. (7.12.) Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, 7.2. (7.2., 7.10.) Истифодаи оқилонаи обу замин, 7.3.(7.4.,7.5.,7.6.,7.7.,7.8.) Таъмини заминаи содирот ва ворридотивазкунии маҳсулоти кишоварзӣ 7.11. Ҷараёни кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла кишти такрорӣ**

### 7.1. Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дар соҳаи растанипарварӣ ва чорводорӣ, истеҳсоли маҳсулотҳои асосии соҳа.

Соҳаи кишоварзӣ яке аз самтҳои асосӣ ва афзалиятноки пешбурди иқтисодиёти вилоят маҳсуб ёфта, нақши он дар таъмини амнияти озуқаворӣ, рушди соҳаҳои саноат, афзоиши имкониятҳои содиротии вилоят ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ хеле муҳим аст.

Кишоварзони вилоят ҷиҳати таъмини рушди соҳа тадбирҳои судманд андешида, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро дар шаш моҳи соли ҷорӣ, дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилоят ба 2795,3 млн. сомонӣ расониданд, ки ба 105,3 фоизи нишондиҳандаи ҳамин давраи соли 2020 баробар мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар вилоят истеҳсоли гӯшти чорвою парранда бо вазни зинда 26080,8 тонна, аз ҷумла гӯшти парранда 7759,3 тонна, гӯшти моҳӣ 280,8 тонна, шир 136946,0 тонна, тухм 285,7 млн. дона, пашм 1312,2 тонна, пилла 163,2 тонна ва асал 185,1 тоннаро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 суръати афзоиши истеҳсоли гӯшти чорвою парранда 122,0 фоиз, аз ҷумла гӯшти парранда 5,1 баробар, гӯшти моҳӣ 111,3 фоиз, шир 101,3

фоиз, тухм 104,4 фоиз, пашм 105,6 фоиз, пилла 163,2 фоиз ва асал 103,9 фоиз таъмин гардидааст.

Аз ҳисоби таъмини нишондиҳандаи баландсуръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ нисбати ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Бӯстон 466,4%, Шаҳристон 106,3% Бобоҷон Ғафуров 108,9%, Мастчоҳ 118,0%, Исфара 103,0%, Хуҷанд 298,1%, Истаравшан 106,5%, Конибодом 101,7%, Панҷакент 101,9%, Ҷаббор Расулов 103,5%, Зафаробод 101,6%, Спитамен 103,8%, Кӯҳистони Мастчоҳ 101,2%, Айнӣ 108,3% ва Истиқлол 101,1 % ҳиссаи онҳо дар таъмини нишондоди ҳифзи амнияти озуқаворӣ назаррас мебошад. Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Деваштич 93,9% ва Ашт 92,9%, ро ташкил медиҳад.

### 7.2. Истифодабарии заминҳои корам ҷиҳати бунёд ва барқароркунии боғу токзор ва бунёди боғҳои интенсивӣ ва суперинтенсивӣ ва зиёд намудани ҳосилнокии дарахтони мевадиҳанда (банди 30 паём)

Мувофиқи тавозуни замин ба 1 июли соли ҷорӣ дар вилоят 730,5 гектар заминҳои боир аз худ карда шудааст. Аз ҷумла, дар шаҳру ноҳияҳои Ашт 375 гектар, Мастчоҳ 311 гектар, Исфара 31 гектар, Бобоҷон Ғафуров 10 гектар ва Кӯҳистони Мастчоҳ 3,5 гектар заминҳои боир ба гардиши кишоварзӣ ворид карда шудаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади роҳандозӣ намудани таъминоти мунтазами оби полезӣ ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо, ки омили муҳими баланд бардоштани боздеҳи замин арзёбӣ мешавад, тадбирҳо андешида шуда, аз ҳисоби буҷети вилоят барои беҳтар намудани ҳолати мелиоративии 5411 гектар замин дар соли 2021 ба миқдори 5033,0 ҳазор сомонӣ маблағ пешбинӣ гардидааст. Дар шаш моҳи соли ҷорӣ бо сарфи 2148,5 ҳазор сомонӣ ҳолати мелиоративии 2470 гектар замин беҳтар карда шуд, ки 45,6 фоизи нақшаи солонаро дар бар мегирад.

Дар соли 2021 тибқи дурнамо бунёди 170 гектар боғ ва 18 гектар токзор пешбинӣ гардида, ба ҳолати 1 июли соли 2021 дар корхонаҳои кишоварзию хоҷагиҳои деҳқонии вилоят 774 гектар боғ ва 26 гектар токзори нав бунёд карда шудааст, ки нисбати нишондоди пешбинишуда мутаносибан 4,6 ва 1,4 баробар зиёд мебошад.

Ҳамзамон, дар доираи барномаи мазкур барқароркунии 700 гектар боғ ва 72 токзор назардошт шуда, амалан дар масоҳати 1280 гектар боғ ва 72 токзор барқарор карда шуд, ки мутаносибан 182,9 ва 100,0 фоизи нақшаи дурнаморо ташкил медиҳад.

Дар доираи таҷлили Иди Сада дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ҷиҳати бунёди 31,0 гектар боғи интенсивӣ аз ҷониби Сарвари давлат оғоз бахшида шуд. Дар маҷмӯъ, то ин давра 84,9 гектар, аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Исфара 33,0 гектар, Конибодом 3,0, Ашт 7,5, Айнӣ 2,4 ва Бобоҷон Ғафуров 39 гектар боғҳои интенсивӣ бунёд гардидааст.

Боғҳои нав аз ҳисоби заминҳои корами лалмӣ, чарогоҳ ва боир бунёд гардида, асосан ба воситаи таҷҳизоти каммасрафи қатрагӣ обёрӣ карда мешаванд.

Оид ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида ба истисноии шаҳру ноҳияҳои болозикр аз ҷониби шаҳру ноҳияҳои Айнӣ, Гулистон, Деваштич, Зафаробод, Истаравшан, Истиқлол, Конибодом, Панҷакент, Ҷаббор Расулов ва Шаҳристон маълумот пешниҳод накардаанд.

### 7.3. Захира намудан ва истифодаи тухмиҳои аълосифат (банди 30 паём);

Дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он барои афзудани теъдоди хоҷагиҳои инфиродӣ масъалаҳои таъминот бо техникаи кишоварзӣ, оби полезӣ ва ҳифзи бехатарии зироатҳо аҳамияти аввалиндараҷа пайдо менамоянд.

Бо мақсади ҳалли ин масъалаҳо ташкили марказҳои хизматрасонии техникӣ дар шаҳру ноҳияҳо таҳти назорати қатъӣ қарор гирифта, ҷиҳати воридоти техникаю таҷҳизот тавассути КВД «Тоҷикагролизинг» ва дигар ширкатҳо ба хоҷагиҳои деҳқонӣ тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд. Алҳол дар вилоят 1043 маркази хизматрасонӣ, аз ҷумла 535 маркази хизматрасонии техникӣ фаъолият доранд.

Баҳри таъмини дастрасии хоҷагиҳои деҳқонии вилоят ба захираҳои моддию техникӣ 81 мағозаи фурӯши тухмиҳо, 107 мағозаи қисмҳои эҳтиётӣ, 47 мағозаи фурӯши ниҳолҳо ва 74 мағозаи фурӯши нуриҳои минералӣ ва 79 мағозаи фурӯши заҳрхимикатҳо амал мекунанд. Ҳамзамон, дар вилоят 107 нуқтаи маслиҳатдиҳӣ ба кишоварзон хизмат мерасонад.

Дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, ба роҳ мондани истифодаи тухмиҳои хушсифат ва баландҳосил дар ноҳия мағозаҳои фурӯши тухмиҳо ташкил гардида фаъолият доранд. Тухмиҳои хушсифат аз ҷумла тухмиҳои зироатҳои помидор, бодиринг, сабзи, пиёз, ҷуворимакка, юнучқа, лаблабу ва дигар намуди тухмиҳо аз тарафи соҳибкорони маҳаллӣ ворид гарида, дар ҳамаи ҷамоатҳо фурӯши он ташкил карда шудааст. Ба ғайр аз он баҳри гирифтани ҳосили баланд аз зироати пахта аз тарафи корхонаҳои коркарди пахтаи ноҳия аз хориҷи мамлакат тухмиҳои навъи “Элита” ворид карда, ба хоҷагиҳои пахтакорӣ ноҳия таъмин карда шуда истодаанд.

Дар шаҳри Исфара ду хоҷагии ҷомеавӣ мавҷуд мебошад, самти кори онҳо ба тухмчигӣ ва зотпарварӣ равона карда шуда, хоҷагиҳои деҳқонии ҳудуди шаҳр ва берун аз онро бо тухмии хушсифат ва маҳсулоти шири таъмин намуда, аз ҷониби КТ «Тухмипарварии Чоркуҳ» ва КТ «Кишоварзони Навгилем» ба истеҳсоли тухмии ғалладонагиҳо кор бурда истодааст. Асосан ба истеҳсоли гандумҳои тухми гуруҳи Элита ва гуруҳҳои 1 ва 2 машғул мебошад.

Барои истеҳсоли гандуми тухмии гурӯҳи Элита дар шаҳр бо дастгирии БҶИИМК фонди Оғохон шаш гурӯҳи кори ташкил карда шуда дар майдони 76,6 гектар кишти гандуми тухмӣ навъи Элитаи «Московский-39» гузаронида шудааст.

Дар ноҳияи Шаҳристон 14 кооперативҳои тиҷоратӣ ва 2335 хоҷагиҳои инфиродӣ фаъолият намуда, тибқи талабот тухмиҳои хушсифатро захира ва барои ҳосили соли 2021 кишт намуданд. Инчунин дар ҳудуди ноҳия нуқтаи такягоҳи «Қӯшқӯрғон» фаъолият карда истодааст, ки қисман хоҷагиҳои ноҳияро бо тухмиҳои хушсифат таъмин намуда истодааст.

Дар ҳисоботҳои шаҳру ноҳияҳои Айнӣ, Ашт, Бӯстон, Деваштич, Зафаробод, Истаравшан, Истиқлол, Конибодом, Кӯҳистони Мастчоҳ, Мастчоҳ, Панҷакент, Спитамен ва Ҷаббор Расулов вобаста ба зербанди мазкур маълумоти зарурӣ пешниҳод нагардидааст.

### 7.4. Зиёд намудани майдони гармхонаҳои доимоамалкунанда, инчунин баланд бардоштани ҳосилнокии онҳо

Дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади таъмини аҳолии вилоят бо маҳсулоти авввалиндараҷа таҳлилҳо бобати муайян намудани талаботи аҳолии вилоят гузаронида шуда, баҳри таъмини захираҳои маводҳои ғизоии стратегӣ аз қабили орду равған, шакар, картошка, сабзавот ва меваҷоту ангур силсилаи тадбирҳо андешида шуданд.

Ҷиҳати истифодаи самараноки гармхонаҳои мавҷуда ва бунёди гармхонаҳои нав бо истифода аз усулҳои муосир корбарӣ карда шуда, дар ин давра дар бахши корхонаҳои кишоварзию хоҷагиҳои деҳқонӣ фаъолияти 457 гармхона ба роҳ монда шудааст, ки аз он 287 гармхонаи навъи хитоӣ ва 4 гармхонаи инноватсионӣ мебошанд. Аз ин миқдор, дар 288 гармхона парвариши сабзавот ва дар 169 гармхона парвариши лимӯ ва гулҳо ба роҳ монда шудааст. Майдони умумии кишти сабзавот дар гармхонаҳои хоҷагиҳои ҷамоавӣ ва деҳқонии вилоят ба 25,64 гектар расонида шуд, ки аз он 16,76 гектар помидор, 3,99 гектар бодиринг ва 4,41 гектар дигар зироатҳо мебошад. Илова бар ин, майдони дарахтони лимӯ ба 9,49 гектар ва кӯчати гулҳо ба 3,46 гектар расонда шуд. Дар гармхонаҳои вилоят то ин давра 341,0 тонна маҳсулоти тару тоза истеҳсол карда шудааст. Аз ҷумла, 181,7 тонна помидор, 95,4 тонна бодиринг ва 63,9 тонна дигар намуди сабзавоти тару тоза дастраси аҳолӣ гардида, илова бар ин, 147,4 тонна лимӯ ба бозори дохилию хориҷӣ ба фурӯш бароварда шудааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд +1600 м$^2$(4860м$^2$, Истаравшан +0,51 га (2,18 га), Бобоҷон Ғафуров +0,21га (16,95 га), Бӯстон +6 га (6 га), Ҷаббор Расулов +0,14 га (2,62 га ), Мастчоҳ +1,41 га (10,05 га), Конибодом +1,17 (3,43 га), Исфара +0,61 (4,91 га) ва Панҷакент +0,18 га (1,23 га) ташкил додааст, ки барои таъмини аҳолии шаҳру ноҳияҳо бо сабзавоти тару тоза ва барои кам намудани воридоти маҳсулот аз хориҷи кишвар мусоидат намудааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Деваштич +- 0 (10 га), Ашт +-0 (2,28 га), Зафаробод +-0 (0,29 га), Спитамен +-0 (2,07 га), Спитамен +-0 (1 га) масоҳати гармхонаҳо дар сатҳи ҳамин давраи соли гузашта боқӣ мондааст, ки барои васеъ намудани масоҳати он бояд чораҳои иловагӣ андешида шавад.

Мавриди қайд аст, ки дар ҳисоботи шаҳру ноҳияҳои Айнӣ, Истиқлол, Гулистон, Шаҳристон ва Кӯҳистони Мастчоҳ дар соли ҷорӣ маълумот вобаста ба зиёд намудани масоҳати гармхонаҳо ворид нашудааст.

**7.5. Афзун намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишоварзӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва ташкили марказҳои логистикӣ тибқи талаботҳои бозор ва стандартҳои байналмилалии сифат ба роҳ мондани коркард, басту банд ва содироти маҳсулоти кишоварзӣ**

Дар вилоят корбарӣ дар самти татбиқи амалии "Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 -2020" дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудааст, ки сол аз сол зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот, аз қабили маҳсулоти ғизоӣ, нассоҷӣ ва масолеҳи сохтмон, инчунин афзудани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишоварзӣ бозгӯи ин гуфтаҳост.

Содироти маҳсулот аз вилоят дар ин давра 275,9 млн. долларро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли сипаришуда 103,2 млн. доллар ё 59,7 фоиз зиёд мебошад.

Ҳаҷми содирот аз ҳисоби нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 зиёд шудани содироти нахи пахта, калобаи пахтагин, либосворӣ ва маъдану консентрат афзоиш ёфтааст. Дар 6 моҳи соли 2021 нахи пахта ба миқдори 14681 тонна ба маблағи 24,7 млн. доллар, калобаи пахтагин ба миқдори 2047 тонна ба маблағи 4,9 млн. доллар ва либосворӣ ба миқдори 553 тонна ба маблағи 9,3 млн. доллар содирот шудааст.

Афзоиши ҳаҷми содироти маҳсулоти кишоварзӣ нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ ба миқдори 12042 тонна ё 1,2 фоиз таъмин гардида, 89663 тонна маҳсулоти кишоварзӣ ба маблағи 10,2 млн. доллар содирот шудааст. Дар ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии содиротшуда ҳиссаи хушкмева ва пиёз хеле назаррас боқӣ монда, дар ин давра 12457 тонна хушкмева ба маблағи 4,9 млн. доллар содирот шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 ба миқдори 2679 тонна ва ба маблағи 1,2 млн. доллар зиёд мебошад.

Содироти пиёз нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 8036 тонна афзуда, дар 6 моҳи соли ҷорӣ 71068 тонна пиёз ба маблағи 3,7 млн. доллар содирот шуда бошад ҳам, аз ҳисоби пастравии нарх маблағи аз содирот бадастомада 1,1 млн. сомонӣ кам шудааст.

**7.6. Зиёд намудани шумораи сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ**

Баҳри таъмини аҳолӣ бо сабзавоти тару тоза ва меваҷоту ангур дар мавсими тирамоҳу зимистон ба фаъолияти сардхонаю гармхонаҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардида, фаъолияти бомароми ин иншоотҳо тадриҷан роҳандозӣ шуда истодааст.

Дар миқёси вилоят 36 сардхона бо ғунҷоиши аз 40 то 1000 тонна фаъолият дошта, дорои иқтидори умумии 8680 тонна мебошанд. Айни ҳол, мавсими захираи маҳсулот оғоз гардида, 1582,5 тонна маҳсулот, аз ҷумла 823,5

тонна себ, 345 тонна ангур ва 329 тонна дигар намуди маҳсулот захира карда шудааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров 13 адад сардхона бо ғунҷоиши 3490 тонна, Панҷакент 6 адад бо иқтидори 1650 тонна, Истаравшан 3 адад сардхона (дар ҷамоати деҳоти Зарҳалол, Қалъаи Баланд), Ашт 2 адад бо иқтидори 260 тонна, Спитамен 3 адад, Ҷаббор Расулов 2 адад, Бӯстон 2 адад ва Конибодом 1 адад мавҷуд мебошанд.

Шумораи сардхонаҳо нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳрҳои Панҷакент +3 адад, Истаравшан +3 адад, ноҳияҳои Спитамен 4 адад, Ашт 1 адад, Мастчоҳ +1 адад, Ҷаббор Расулов +1 адад, Бӯстон +1 адад зиёд гардидааст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар ҷалби соҳибкорон барои бунёди сардхонаҳо таъмин карда шудааст.

Вобаста ба ин масъала аз шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Айнӣ, Мастчоҳ, Истиқлол, Шаҳристон, Гулистон, Бобоҷон Ғафуров, Кӯҳистони Мастчоҳ, Исфара, Зафаробод ва Деваштич маълумот пешниҳод нашудааст.

### 7.7. Ташкил додани кластерҳои агросаноатӣ бо коркарди пурраи нахи пахта, пуст, пилла, ангур, мева зироатҳои равғанидиҳанда ва дигар намудҳои маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ.

Ҷиҳати таъмини иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба бештар аз коркард гузаронидани пурраи нахи пахта, пӯст, пилла, ангур ва мева дар дохили кишвар то маҳсулоти ниҳоӣ аз тарафи корхонаҳои саноатии вилоят ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ барои бунёди сиклҳои нави истеҳсолот то маҳсулоти ниҳоӣ корбарӣ идома дорад.

Дар вилоят 34 корхонаи пахтатозакунӣ мавҷуд буда, дар нимсолаи аввали соли 2021 ба миқдори 6192,8 тонна нахи пахта ва 8851,1 тонна чигит истеҳсол намудаанд.

Дар вилояти Суғд 8 корхонаи коркарди нахи пахта, аз ҷумла, ҶДММ "Ангубин" (ҶСП «Олим текстайл»), ҶДММ «Спитамен текстайл», ҶДММ «Нику Хуҷанд», ҶДММ «Ҷавонӣ», ҶСП «Сатн», ҶДММ «Нассоҷи Хуҷанд», ҶДММ «Органик Ян» ва ҶСП «Сомон гурӯҳ» бо иқтидори солонаи коркарди 38,5 ҳазор тонна нахи пахта мавҷуд мебошанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки фаъолияти ҶДММ «Ҷавонӣ», ҶДММ «Нассоҷи Хуҷанд» ва ҶСП «Сатн» силсилаи пурраи коркарди нахи пахтаро дар бар мегирад.

Ҳамзамон, бахри иҷрои муқаррароти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми феврали соли 2020, №64 бобати сохтмони корхонаҳои коркарди маъдану консентрат корҳо идома дошта, дар ноҳияи Айнӣ бунёди 2 корхонаи азим бо иқтидори солонаи коркарди 250,0 ҳазор тонна маъдан амалӣ гардида истодааст.

Бо мақсади таъмини иҷрои нишондиҳандаи пешбинигардидаи дурнамои ҷамъоварии пахта бо истифода аз тухмиҳои баландҳосил ва баланд бардоштани ҳосилнокӣ соли ҷорӣ дар майдони 52782,1 гектар пунбадона кишт карда шуд.

**7.8. Ташкили фермаҳои парвариши чорвои гӯштӣ ва ширӣ;**

Дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилоят саршумори чорвои калони шохдор 671880 сар, аз ҷумла модагов 369897 сар, гӯсфанду буз 1609649 сар, паранда 5139915 сар ва асп 8604 сарро ташкил намудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли сипарӣ саршумори чорвои калони шохдор 5656 сар, аз ҷумла модагов 10825 сар, гӯсфанду буз 16700 сар, паранда 1013092 сар ва саршумори асп 207 сар зиёд шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ маҳсулнокии чорво, аз ҷумла ширҷӯшӣ аз 1 сар модагов ба ҳисоби миёна 818 килограммиро ташкил дода, дар муқоиса нисбат ба соли гузашта аз ҳар сар модагов 35 килограммӣ зиёд шудааст.

Наслгирӣ аз 100 сар модагов 39 сарӣ ва аз 100 сар гӯсфанду буз 92 сариро дарбар гирифта, нисбати сатҳи соли пешин мутаносибан 1 ва 2 сарӣ зиёд шудааст.

Дар давра ҳисоботӣ дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров аз тарафи ҶДММ «Амири Суғд» фермаи чорвои гӯштӣ ва ширӣ ташкил карда шуда, дар хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия барқарор намудани фермаҳои чорводорӣ ва ворид намудани чорвои хуштзот ба роҳ монда шудааст.

Дар ноҳияи Шаҳристон аз тарафи соҳибкор Ҳайитбоев М. фермаи парвариши чорвои зотӣ дар деҳаи Саробии Ҷамоати деҳоти Шаҳристон ташкил ва парвариши моли калони шохдор ба роҳ монда шудааст.

**7.9. Рушди босуръати соҳаи паррандапарварӣ ва зиёд намудани истеҳсоли тухм ва гушти парранда, васеъ намудани парвариши онҳо дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидорӣ;**

Дар давраи ҳисоботӣ дар вилоят истеҳсоли гӯшти чорвою парранда бо вазни зинда 26080,8 тонна, аз ҷумла гӯшти парранда 7759,3 тонна, гӯшти моҳӣ 280,8 тонна, шир 136946,0 тонна, тухм 285,7 млн. дона, пашм 1312,2 тонна, пилла 163,2 тонна ва асал 185,1 тоннаро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 суръати афзоиши истеҳсоли гӯшти чорвою парранда 122,0 фоиз, аз ҷумла гӯшти парранда 5,1 баробар, гӯшти моҳӣ 111,3 фоиз, шир 101,3 фоиз, тухм 104,4 фоиз, пашм 105,6 фоиз, пилла 163,2 фоиз ва асал 103,9 фоиз таъмин гардидааст.

**7.10. Таъмини иҷрои чорабиниҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Доир ба тадбирҳои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023" ва нақшаи барқарорсозии шабакаҳои обёрӣ, пойгоҳҳои обкашӣ ва заҳбуру заҳкашҳо;**

Дар самти ислоҳоти соҳаи обрасонӣ тадбирҳо андешида шуда, дар вилоят 186 ассотсиатсияи истифодабарандагони об фаъолият мебаранд, ки дар

танзими системаи обрасонӣ ва таъминоти бонизоми заминҳои кишоварзӣ бо об нақши муҳим доранд.

Дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади роҳандозӣ намудани таъминоти мунтазами оби полезӣ ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо, ки омили муҳими баланд бардоштани ҳосилнокии замин мебошад, тадбирҳо андешида, аз ҳисоби буҷети вилоят барои таъмин намудани фаъолияти мунтазами пойгоҳҳои обкашӣ 2140,0 ҳазор сомонӣ ва 20 тонна сӯзишвории дизелӣ ҷудо карда шуд. Аз ҷумла ба шаҳру ноҳияҳои Зафаробод 1060,0 ҳазор сомонӣ ва 10,0 тонна сӯзишворӣ, Ашт 780,0 ҳазор сомонӣ ва 10,0 тонна сӯзишворӣ ва Мастчоҳ 300,0 ҳазор сомонӣ маблағ равона карда шуд.

Дар нимсолаи якуми соли равон аз ҷониби Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии шаҳру ноҳияҳо ба истифодабарандагон ба миқдори 675,6 млн. метри мукааб ба маблағи 13497,8 ҳазор сомонӣ об расонида шуда, ба ҳолати 1 июли соли 2021 пардохт 9286,7 ҳазор сомонӣ ё 68,8 фоизро ташкил намудааст.

Бо мақсади татбиқи амалии “Барномаи ислоҳоти соҳаи об дар солҳои 2016-2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар вилоят бо дастгирии Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳавзаи дарёи Сир “Лоиҳаи идоракунии захираҳои об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” мавриди амал қарор дода шуда, дар доираи лоиҳаи мазкур як зумра корҳо ба сомон расонида шуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади роҳандозӣ намудани таъминоти мунтазами оби полезӣ ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо, ки омили муҳими баланд бардоштани ҳосилнокии замин арзёбӣ мешавад, тадбирҳо андешида шуда, аз ҳисоби буҷети вилоят барои беҳтар намудани ҳолати мелиоративии 5411 гектар замин дар соли 2021 ба миқдори 5033,0 ҳазор сомонӣ маблағ пешбинӣ гардидааст. Дар шаш моҳи соли ҷорӣ бо сарфи 2148,5 ҳазор сомонӣ ҳолати мелиоративии 2470 гектар замин беҳтар карда шуд, ки 45,6 фоизи нақшаи солонаро дар бар мегирад.

Қарзи истифодаи оби полезӣ тайи солҳои зиёд бартараф нагардида, монеаи асосии рушди соҳаи обрасонӣ гардидааст. Ба санаи 1 июли соли 2021 қарзи умумии хоҷагиҳо аз пардохти ҳаққи истифодаи об 58,9 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Ин нишондиҳанда мувофиқи пешниҳоди шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров 4938,8, ҳазор. сомонӣ (-188,2 ҳаз. сомонӣ), Зафаробод 22078,5 сомонӣ (+27011 ҳаз. сомонӣ), Конибодом 1867 ҳаз. сомонӣ (-997 ҳаз. сомонӣ), Истаравшан 52891 сомонӣ (+4322,6 сомонӣ), Исфара 500,27 ҳазор сомонӣ (+139,363 ҳаз. сомонӣ), Спитамен 3982,7 ҳаз.сомонӣ (+1382,7 ҳаз.сомонӣ), Айнӣ 60,6 ҳаз.сомонӣ (+-0 ҳаз. сомонӣ) ва Мастчоҳ 18897,3 ҳаз.сомонӣ (+4191,3 ҳаз. сомонӣ) ташкил дода, барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо чораҳои иловагӣ андешиданро тақозо менамояд.

Дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади роҳандозӣ намудани таъминоти мунтазами оби полезӣ ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо, ки омили муҳими баланд бардоштани ҳосилнокии замин мебошад, тадбирҳо

андешида, аз ҳисоби буҷети вилоят барои таъмин намудани фаъолияти мунтазами пойгоҳҳои обкашӣ 2140,0 ҳазор сомонӣ ва 20 тонна сӯзишвории дизелӣ ҷудо карда шуд. Аз ҷумла, ба ноҳияҳои Зафаробод 1060,0 ҳазор сомонӣ ва 10,0 тонна сӯзишворӣ, Ашт 780,0 ҳазор сомонӣ ва 10,0 тонна сӯзишворӣ ва Мастчоҳ 300,0 ҳазор сомонӣ маблағ равона карда шуд

**7.11. Дар ҷараёни кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла кишти такрорӣ, зиёд намудани майдони кишт ва бо истифодаи тухмиҳои хушсифат гирифтани то се ҳосил (банди 30 паём);**

Дар соли 2021 кишти такрории зироатҳои кишоварзӣ дар масоҳати 27962 гектар, аз ҷумла дар корхонаҳои кишоварзию хоҷагиҳои деҳқонӣ майдони 18450 гектар пешбинӣ шуда, дар 6 моҳи соли ҷорӣ майдони умумии кишти такрорӣ 4790 гектарро ташкил намуда, кишт бомаром идома дорад.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли ғалладонагиҳо якҷоя бо ҷуворимакка барои дон 87614,4 тонна, аз ҷумла гандум 61331,5 тоннаро ташкил додааст, ки нисбати ҳамин давраи соли 2020 мутаносибан 8319,4 ва 11887,9 тонна зиёд мебошад.

Дар ин давра дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 43192,3 тонна картошка, 81266,7 тонна сабзавот, аз ҷумла 33690,8 тонна пиёз, 34589,7 тонна мевагӣ, аз ҷумла 30434,2 тонна зардолу, 14227,4 тонна полезӣ истеҳсол карда шудааст. Нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 истеҳсоли картошка 7077,4 тонна, истеҳсоли сабзавот 3633,9 тонна ва полезиҳо 3920,6 тонна афзуда, истеҳсоли пиёз 2781,1 тонна, мевагиҳо 26136,3 тонна, аз ҷумла зардолу 29327,7 тонна коҳиш ёфтааст.

Мушкилиҳо: дар ноҳияи Зафаробод зарурияти иваз намудани пойгоҳҳои обкашӣ ва қубурҳои обкашии қутрашон 2020 мм бо таҷҳизотҳои камхарҷу каммасрафи замонавӣ, ки мушкилоти асосии соҳаи ирригатсия мебошад, ба миён омадааст. Зеро муҳлати истифодаи пойгоҳҳои обкашӣ ва қубурҳои обкашӣ беш аз ду маротиба гузаштааст. Дар соли 2019 ва минбаъда барои ҳалли масъалаи мазкур лоиҳаи “Азнавсозии пойгоҳҳои обкашии ГНС – 1, 2 ва 3 дар ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд” ба маблағи 59 млн. доллари ИМА ба БДС (ПГИ) дохил шудааст. Тайи солҳои охир дар натиҷаи тоза накардан заҳбурҳои магистралии МКБК-5 ва БК-9, ки дарозии онҳо 34 км ташкил медиҳад, бо лойқа пур шуда, роҳҳои обгузарро маҳкам намудааст. Барои ин 260 ҳазор $м^3$ заҳбурҳои номбурдаро тоза кардан лозим аст, ки 370 ҳазор сомонӣ маблағ хароҷот мегардад. Дар ҳолати тоза намудани заҳбурҳои номбурда насосҳои обкашии “Ленинобод” ва “40-солагии Тоҷикистон” бо об таъмин мешавад ва ба кор медароянд. Техникаҳои тозакунии идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Зафаробод пурра фарсуда гардидаанд, зеро солҳои тӯлонӣ аз меъёр 2-3 маротиба бештар истифода шудаанд. Ҳоло ИДБЗО ба экскаватор, булдозер, мехлопата ва дигар техникаҳои зарурӣ эҳтиёҷ дорад. Каналҳои магистрали ТМ-1 дарозиаш 51,5 км ва ТМ-2 дарозиаш 62,4 давоми солҳои 1962-65 сохта шудааст, ки дар натиҷаи истифодаи тӯлонӣ сӯрохӣ ва тарқишҳои зиёд пайдо гардида, сабабгори 30-35 фоиз талафоти об мегардад. Бояд дар ҳаҷми 300 ҳазор $м^3$ тоза карда шавад, ки барои ин зиёда аз 427 ҳазор

сомонӣ маблағ лозим аст. Дар ҳудуди ноҳия мавҷуд набудани нуқтаҳои махсуси фурӯши нуриҳои минералӣ ва гарон будани нархи нуриҳои минералӣ, сузишворӣ дизелӣ ва қисмҳои эҳтиётии техникаҳои кишоварзӣ, мавҷуд набудани нуқтаҳои заҳролудкунии тухмиҳои зироатҳои кишоварзӣ ва нуқтаҳои хушсифат (калибровка) кунии тухмиҳо, баланд будани фоизи қарзҳои кредитии бонкҳо ба хоҷагиҳои кишоварзӣ, мавҷуд набудани корхонаҳои махсуси мубориза бар зидди ҳашаротҳои зараррасони зироатҳои кишоварзӣ ва заҳрдоруҳои хушсифат – ин мушкилотҳои соҳаи кишоварзӣ мебошанд, ки ҳалли онҳо омили пешрафти соҳа хоҳанд шуд.

Дар ноҳияҳои Ҷаббор Расулов, Шаҳристон масъалаи норасоии оби полезӣ ба назар расида, таъминоти оби полезӣ 23 фоизро ташкил медиҳад, барои беҳтар намудани таъминот бо оби полезӣ аз мавзеи "Дуоба" ба масофаи 18 км кашидани хатти об мебошад. Аз тарафи мутахассисон нақшаи ангоравӣ ба маблағи 18 млн сомонӣ омода гардида, аз сабаби субвенсионӣ будани ноҳия кашидани хатти оби полезӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллии ноҳия ғайриимкон мебошад.

Дар ноҳияи Спитамен зиёда аз 3600 гектар заминҳои кишоварзии обӣ дар муозинаи ҶДММ "Спитамен текстайл" қарор дошта, ҷамъияти мазкур ҳамчун хоҷагии тухмипарвар ба қайд гирифта шудааст, ки заминҳои кишоварзиро самаранок ва оқилона истифода наменамоям. Қайд бояд намуд, ки хоҷагии тухмипарвар аз андозҳо озод карда шудааст. Дар асл ҳамаи заминҳо ба иҷора дода шуда, аз ҳар гектари замин ба миқдори 500 сомонӣ иҷорапулӣ гирифта ягон намуди тухми дар онҷо парвариш намеёбад, ки баҳри пешравии соҳаи кишоварзии ноҳия монеъаи калон эҷод кардааст. Аз ин рӯ тақсимоти заминҳои ҷамъияти мазкур ба аҳолӣ ва деҳқонон ба миён омада, дар ин самт розигии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад. Дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ набудани техникаҳои ҳозиразамони соҳаи кишоварзӣ, кам ворид гардидани нуриҳои минералӣ ва тухмиҳои хушсифат ба назар мерасад.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пурсамар намудани фаъолияти Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об тадбирҳои иловагӣ андешида, барои истифодаи оқилонаи обу замин, таъмини заминаи содирот ва воридотивазкунӣ, бунёди боғу токзор дар доманакӯҳҳо, кам намудани қарздории истифодаи оби полезӣ ва амалигардонии барномаҳои давлатии қабулгардидаи соҳаи кишоварзӣ мусоидат намоянд.

## 8. Маълумот оид ба рушди соҳаи сохтмон ва меъморӣ

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи сохтмон бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, 8.1. (8.1., 8.2., 8.3., 8.4., 8.5.) Фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагӣ ба аҳолӣ, 8.2. (8.6) Сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат арзёбӣ гардиданд.**

**8.1. Ба истифодадиҳии манзилҳои истиқоматӣ ва афзоиши манзили зист ба ҳар як сари аҳолӣ ва вазъи таъминоти аҳолӣ бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ, дараҷаи қонеъгардонии муроҷиати шаҳрвандон бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ;**

Дар ин муддат аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 192,5 ҳазор метри мураббаъ манзил ба истифода дода шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба масоҳати 254,0 метри мураббаъ зиёд мебошад.

Ба кор андохтани фондҳои асосӣ, аз ҷумла хонаҳои истиқоматӣ шаҳру ноҳияҳои Истаравшан 105,5 %(32224 $м^2$), Исфара (18,6 ҳазор $м^2$), Кӯҳистони Мастчоҳ 113,3% (1975 $м^2$), Ашт 224,9% (13040$м^2$), Деваштич -164,4 % (17,1 $м^2$), Конибодом 103,2% (10815$м^2$), Истиқлол 124,8% (2155$м^2$), Зафаробод 118,6% (13297 ҳазор $м^2$) ва Спитамен 102,4% (6758 ҳазор $м^2$) нисбати ҳамин давраи соли гузашта ташкил додааст, ки барои таъмини аҳолӣ бо манзили зист шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Ҳамзамон бахри иҷрои супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №13/5-17 аз санаи 15 майи соли 2009 оид ба ҳар як оила ҷудо намудани қитъаи замини наздиҳавлигӣ аз 0,06 то 0,15 гектар аз ҳисоби заминҳои корами лалмӣ ва чарогоҳҳо аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо якҷоя бо комиссияҳои ҷамъиятӣ ва сохторҳои марбута, тибқи қоидаҳо оид ба амалӣ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи гирифтан ва ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо додани қитъаҳои замин, барои ба гурӯҳи заминҳои маҳалҳои аҳолинишин гузаронидани онҳо”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 ноябри соли 2010, №603 тасдиқ шудааст, то ин давра ҳамагӣ 92009 оилаи эҳтиёҷманд бо қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ дар майдони 7841 гектар бо қарори раисони шаҳру ноҳияҳо таъмин карда шудаанд.

Оид ба зербанди мазкур аз ҷониби шаҳру ноҳияҳои Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Бӯстон, Гулистон, Кӯҳистони Мастчоҳ, Панҷакент, Хуҷанд, Ҷаббор Расулов ва Шаҳристон маълумот пешниҳод накардаанд.

**8.2. Вобаста ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рафти бунёди иншооти маорифу тандурустӣ, фарҳангу муассисаҳои иҷтимоӣ, роҳҳо, корхонаҳову коргоҳҳои истеҳсолӣ, ободу зебо гардонидани маҳалли зист ва анҷом додани корҳои дигари созандагӣ, аз ҷумла боғҳо, боғҳои фарҳангию фароғатӣ, гулгаштҳо, толор ва майдончаҳои варзишӣ ва бозиҳои кӯдакон, ҳавзҳои шиноварӣ (банди 73 паём);**

Мутобиқи Нақшаи чорабиниҳои вилоят, ки бо қарори раиси вилоят тасдиқ шудааст, то ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоят бунёд, ва азнавбарқарорсозии фаъолияти 296 корхонаю коргоҳи истеҳсолӣ, сохтмон, таъмиру тармими бинои 480 муассисаи таҳсилоти миёна ва 154 кӯдакистон, 77 беморхона, 123 бунгоҳи тиббӣ, 89 маркази саломатӣ, 21 таваллудхона, 98 нуқтаи хатна ва 100 дорухона, сохтмон ва азнавбарқароркунии 261 варзишгоҳ ва майдончаи варзишӣ, 130 толори

варзишӣ, ҳавзҳои шиноварӣ, 93 майдонча барои бозии кӯдакон, ташкил ва сохтмони 224 сартарошхона, 149 кошонаи ҳусн, 124 ҳаммом, азнавсозӣ, сохтмон ва таъмиру тармими 233 иншооти соҳаи фарҳанг, азнавсозӣ ва таъмиру таҷдиди роҳҳо, сохтмони пулу истгоҳҳо ва 3913 иншооти дигари таъйиноти истеҳсолию иҷтимоӣ пешбинӣ гардидааст.

Шумораи иншоотҳои ба нақша гирифташуда ва иҷрои онҳо то ин ҷониб дар шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров аз 1437 иншоот – иҷро 1376 адад, Шаҳристон аз 136 иншоот – иҷро 124 адад, Истаравшан аз 450 иншоот – иҷро 407 адад, Ҷаббор Расулов аз 394 иншоот – иҷро 355 адад, Спитамен аз 410 иншоот – иҷро 386 адад, Деваштич аз 388 иншоот – иҷро 358 адад, Бӯстон аз 180 иншоот – иҷро 160 адад, Панҷакент аз 405 иншоот – иҷро 395 адад, Айнӣ аз 61 иншоот – иҷро 61 адад, Конибодом аз 506 иншоот – иҷро 467адад, Мастчоҳ аз 634 иншоот – иҷро 588 адад, Зафаробод аз 410 иншоот – иҷро 398 адад, Кӯҳистони Мастчоҳ аз 108 иншоот, иҷро 90 адад, Ашт аз 401 иншоот – иҷро 398 адад, Истиқлол аз 130 иншоот – иҷро 122 адад, Хуҷанд аз 341 иншоот, Гулистон аз 221 иншоот иҷро 204 ададро ташкил дода, бунёду ба истифода додани иншоотҳо идома дошта, ба рушди соҳаҳои мухталиф замина гузошта истодааст.

Аз ҷониби шаҳри Исфара оид ба зербанди мазкур маълумоти муфассал пешниҳод нагардид.

**8.3. Бо мақсади беҳтар намудани шароити корӣ ва дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот сохтмон ва таъмиру тармими биноҳои маъмурӣ;**

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Исфара фаъолияти худро дар асоси Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи мақомоти маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозӣ, ки тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №442 аз 29.09.2017 тасдиқ гардидааст, ба роҳ монда, баҳри иҷрои барномаҳои давлатӣ дар самти меъморӣ ва шаҳрсозӣ кӯшиш намуда истодааст.

Нақшаи генералии шаҳри Исфара бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №201 аз 02.05.2013 тасдиқ гардидааст, мавриди амал қарор дорад. Тибқи нақшаи генералии мазкур ҳудуди шаҳр ба минтақаҳо тақсим карда шуда, минтақабандии ҳудудҳо риоя гардида истодааст.

Шаҳри Исфара дорои 12-адад ҷамоатҳои шаҳраку деҳот буда, дар 3-адад Ҷамоати шаҳраки Нефтобод, Нурафшон ва Шӯроб нақшаи муфассали тарҳрезии маҳал мавҷуд буда, нақшаи муфассали тарҳрезии ҷамоатҳои шаҳраки Нефтобод ва Нурафшон соли 1988 таҳия гардида, ба ҳолати имрӯза ба тасҳеҳ ниёз дорад.

Нақшаи генералии шаҳраки Шӯроб дар асоси Фармоиши Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи ҶСК «Шаҳрофар» соли 2017 таҳия гардида, тибқи моддаи 14-и Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд таҳти №247 аз 27 сентябри соли 2017 тасдиқ гардидааст.

**8.4. Ҷиҳати гиромӣ доштан ва ҳимоя кардани истиқлолу озодии давлати тоҷикон, таҳкими ваҳдати миллӣ, амалӣ намудани корҳои ободонӣ ва сазовор истиқбол намудани 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд намудани Нишон ва Парчами миллӣ дар марказҳои шаҳру ноҳияҳо ва шаҳраку деҳот;**

Ҷиҳати таҳкими корҳои ободониву созандагӣ аз тарафи Идораи сохтмони асосии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо, якчанд иншооти ҷашнӣ бунёд гардида, бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ҷамоати деҳоти Унҷии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шуд.

Инчунин иҷрои нақша чорабиниҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти далатии шаҳри Исфара бахшида ба истиқболи ҷашни 30- солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати бунёди Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳаи азнавсозии майдони назди бинои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти далатии шаҳри Исфара бо фаввораҳо ва Парчами 55 метра пешниҳод карда шуда, сохтмони он оғоз гардидааст.

Зимни сафари кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Исфара майдони Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷамоати деҳоти Ворух бо ҷойҳои дамгирӣ, фаввора ва нишастгоҳҳо ба истифода дода шуд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят ҷиҳати амалишавии супориши мазкур корҳо бо маром идома доранд.

**8.5. Сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат (АПҶТ аз 06.03.20219с., №АП1176 банди 27 нақша чорабиниҳои "Солҳои рушди деҳот, саёҳи ва ҳунарҳо мардумӣ");**

Ба ҳолати 1 июли соли ҷорӣ дар вилоят шумораи оилаҳои ба сохтмон ва таъмири манзилҳои истиқоматӣ ниёзманд 2629 оиларо ташкил дода, 401382 сомонӣ маблағҳои хайриявӣ ба сохтмон ва таъмири манзилҳои оилаҳои ниёзманд харҷ шудааст, ки аз ҷумла дар шаҳри Конибодом 56500 ҳаз. сомонӣ (12 оила), дар ноҳияи Мастчоҳ 150332 сомонӣ (59 оила), дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 115100 сомонӣ (24 оила), дар шаҳри Хуҷанд 10000 ҳазор сомонӣ (124 оила), дар шаҳри Истаравшан 38000,0 ҳазор сомонӣ (26 оила), дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 2950 сомонӣ (2 оила), дар ноҳияи Ашт 17500 сомонӣ (78 оила) ва дар ноҳияи Зафаробод 11000,0 сомонӣ (80 оила) ташкил дода, ҳолати иҷтимоии гурӯҳи осебпазири ин шаҳру ноҳияҳо беҳтар гардонида шудааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Бӯстон 8 оила, Истиқлол 55 оила, Айнӣ 1590 оила, Спитамен 571 оила, шумораи оилаҳои ниёзманд муайян гардида, маблағгузорӣ онҳо оғоз нагардидааст.

Аз шаҳру ноҳияҳои Панҷакент, Исфара, Гулистон, Ҷаббор Расулов, Деваштич ва Шаҳристон шумораи оилаҳои ба сохтмон ва таъмири манзилҳои

истиқоматӣ ниёзманд ва маблағҳои дар ин самт харҷгардида муайян карда нашуда, иҷрои супориши мазкур бенатиҷа мондааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқи нақшаи генералии шаҳру ноҳияҳо, беҳтар намудани манзили зист, таъмини нақшаи корҳои ободонӣ бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кам намудани эҳтиёҷмандони қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ва таъмини иҷрои супориши мазкур тадбирҳои зарурӣ андешанд.

## 9. Маълумот оид ба рушди инфрасохтор ва нақлиёт

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи сохтмон бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, 9.1.(9.1.,9.2.) Масофаи таъмири роҳҳо, 9.2.(9.3., 9.4.) Дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамъиятӣ/хусусӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот, 9.3.(9.5.) Ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ арзёбӣ гардиданд.**

### 9.1. Андешидани чораҳо барои ҷалби соҳибкорон ва аҳолии деҳот ҷиҳати барқароркунии пулҳо, таъмин ва асфалтпӯш кардани роҳҳо.

Дарозии умумии роҳҳои вилоят 8179,9 км буда, аз он 737,0 км роҳи аҳамияти байналмилалӣ, 358,9 км ҷумҳуриявӣ, 2343,5 км маҳаллӣ, 594,5 км роҳҳои тобеи хоҷагии манзилию рифоҳӣ ва 4021,0 км роҳҳои байнихоҷагӣ мебошад.

Дар соли 2021 таъмиру тармими 2099 км роҳҳо ба нақша гирифта шудааст, ки аз он 187,8 км таъмири асосӣ, 912,6 км таъмири ҷорӣ ва 998,6 км шағалпӯш мебошад.

Барои иҷрои нақшаи пешбинишуда аз ҳамаи сарчашмаҳо 124952,9 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла аз буҷети Вазорати нақлиёт 2391,1 ҳазор сомонӣ, буҷети вилоят 68986,0 ҳазор сомонӣ, буҷети шаҳру ноҳияҳо 20436,0 ҳазор сомонӣ, ташкилоту корхонаҳо 2714,0 ҳазор сомонӣ, соҳибкорон 12757,6 ҳазор сомонӣ ва аҳолӣ 17668,2 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ нақшаи таъмиру тармими роҳҳо ҳамагӣ 59,6 фоиз иҷро гардида, 1250,2 км роҳ аз таъмир бароварда шуд, ки аз он 85,3 км таъмири асосӣ, 529,6 км таъмири ҷорӣ ва 635,3 км шағалпӯш мебошад.

Барои корҳои иҷрошуда аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 53826,6 ҳазор сомонӣ маблағ равона гардидааст. Аз ҷумла, аз ҳисоби буҷети вилоят 30300,3 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо гардида, 26 км роҳ аз таъмири асосӣ бароварда шуд.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров 232,6 км, Мастчоҳ 17 км, Шаҳристон 109 км, Исфара 108,8 км, Ашт 84 км, Конибодом 82,8 км, Айнӣ 37,2 км, Ҷаббор Расулов 66,8 км, Спитамен 68,8 км, Истаравшан 108,6 км, Зафаробод 95 км, Кӯҳистони Мастчоҳ 25 км, Хуҷанд 23,4 км, Бӯстон 22,4 км ва Истиқлол 9,8 км, ташкил медиҳад.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Гулистон, Панҷакент, Деваштич вобаста ба масъалаи мазкур маълумот омода ва пешниҳод накардаанд.

**9.2. Дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамиятӣ/хусусӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот (Нақша - чорабиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”)**

Дар вилоят 50 муассисаи нақлиётӣ фаъолият дорад, ки аз он шакли моликияти 49 муассиса хусусӣ ва як муассиса ҷамъиятӣ мебошад. Шумораи умумии нақлиёт 8494 ададро ташкил намуда, аз он 4716 адад нақлиёти мусофиркашон, аз ҷумла 1425 адад сабукрави таксӣ ва 3778 адад нақлиёти боркашон мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров 13 ширкат бо 600 адад нақлиёт, Истаравшан 3 ширкат бо 444 адад нақлиёт, Ашт 3 ширкат бо 365 адад нақлиёт, Хуҷанд 5 ширкат бо 900 адад нақлиёт, Панҷакент 13 ширкат 600 нақлиёт, Спитамен 1 ширкат, Конибодом 7 ширкат бо 366 адад нақлиёт, Бӯстон 6 ширкат бо 22 нақлиёт, Гулистон 9 хатсайр бо 83 нақлиёт, Мастчоҳ 2 ширкат, Исфара 4 ширкат, Шаҳристон 1 ширкат, Деваштич 2 ширкат барои дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиётӣ ба роҳ монда шудааст.

Қобили қайд аст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар вилоят 2 ширкати нақлиётӣ аз ҷумла, дар шаҳрҳои Хуҷанд ва Конибодом 1-ададӣ ширкати нақлиётӣ зиёд гашта, дар дигар шаҳру ноҳияҳо бетағйир боқӣ мондааст.

Вобаста ба банди мазкур шаҳру ноҳияҳои Айнӣ, Зафаробод, Истиқлол, Ҷаббор Расулов ва Шаҳристон маълумот пешниҳод накардаанд.

**9.3. Ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ**

Дар шаш моҳи соли ҷорӣ тавассути маҷмӯи нақлиёт 14392,5 ҳазор.тонна борҳои гуногуни хоҷагии халқ ва 103154,6 млн. нафар мусофир кашонида шудааст, ки суръати афзоиш нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мутаносибан 111,2 фоиз ва 125 фоизро ташкил медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳру ноҳияҳои Ҷаббор Расулов 131,8% (837,9 ҳаз. тн/км) ва 102,7% (980,3 ҳаз. нафар), Бобоҷон Ғафуров 133,1% (2279,7 ҳаз. тн/км) ва 133,8% (10 млн. нафар), Бустон 100,4% (119,2 ҳаз. тн/км), ва 141,1% (17,5 ҳаз. нафар), Конибодом (685,6 ҳаз. тн/км) ва (8143,9 ҳаз. нафар), Исфара 100,5% (1092,30 ҳаз. тн/км) ва 112,6 % (1445,6 ҳаз. нафар), Шаҳристон 110,0% (112,3 ҳаз. тн/км) ва 129,7% (56,4 ҳаз. нафар), Деваштич 135,2% (966,7 ҳаз. тн/км) ва 142,4% (449,7 ҳаз. нафар), Айнӣ 100,8 % (305,7 ҳаз. тн/км) ва 100,8% (226,7 ҳаз. нафар), Мастчоҳ 111,8% (744,8 ҳаз. тн/км), Истиқлол 113,8% (15,1 ҳаз. тн/км), Зафаробод 125,4% (83,3 ҳаз. тн/км) ва 185,3% (197,3 ҳаз. нафар), Спитамен 119,8% (633 ҳаз. тн/км) ва 122,4% (1227,7 ҳаз. нафар), Истаравшан 115,8% (863,6 ҳаз. тн/км) ва 108,7% (8392,9 ҳаз. нафар), Панҷакент 103,4% (1472 ҳаз. тн/км) ва 134% (20638 ҳаз. нафар), Ашт 126,0% (636,3 ҳаз. тн/км) ва 181,4% (3704,5 ҳаз.

нафар), Хуҷанд боркашонӣ 100,5% (1302,6 ҳаз.тн/км) ва мусофиркашонӣ 130,2% (28577,2 ҳаз. нафар) ва Кӯҳистони Мастчоҳ 111,0% (52,3 ҳаз. тн/км) нисбат ба ҳамин давраи соли гузаштаро ташкил медиҳад.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он бо ҷалби соҳибкорон ҷиҳати таъмиру азнавсозии роҳҳои дохилии шаҳру ноҳияҳо чораҳо андешида, бо Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмири роҳ, беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии нақлиётӣ ва афзоиши ҳаҷми мусофиркашонӣ, боркашонӣ ва ҳалли мушкилоти дарҷгардида, фаъолиятро пурзӯр намоянд.

## 10. Рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 10.1. Ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ҳамзамон кам намудани гардиши ҳуҷҷатгузории қоғазии барои иҷро намудани барномаҳои муосири иттилоотӣ дар ин самт (қарори ҲҶТ аз 6 феврали соли 2021, №14, банди 1, сархати 2); 10.2. Шумора ва номгӯи хизматрасониҳои давлатие, ки дар шакли электронӣ пешкаш карда мешаванд, аз ҷумла истифодаи шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ (Амри ПҶТ аз 06.03.2019с. №АП-1176, банди 21-и Нақша- чорабиниҳои “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”);**

### 10.1. Ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ҳамзамон кам намудани гардиши ҳуҷҷатгузории қоғазии барои иҷро намудани барномаҳои муосири иттилоотӣ дар ин самт (қарори ҲҶТ аз 6 феврали соли 2021, №14, банди 1, сархати 2)

Дар қаламрави вилоят 1 телевизиони давлатӣ, 1 радиои давлатӣ, 16 шабакаи телевизион ва 16 шабакаи радиои хусусӣ фаъолият доранд. Пахши барномаҳои телевизиони вилоят 18 соат ва радио 16 соат ба роҳ монда шудааст. Ҳамзамон, дар вилоят 50 рӯзнома ва 6 маҷалла ба нашр мерасад, ки аз ҷумлаи он 21 рӯзнома ва 1 маҷаллаи давлатӣ мебошад. Пахши барномаҳои телевизионии вилоят 18 соат ва радио 16 соат ба роҳ монда шудааст. Илова бар ин, дар марказҳои ҷамоату шаҳракҳо ва ҷойҳои серодам 701 баландгуяк насб гардидааст.

Фарогирии пахши барномаҳои телевизиони ТВ “Тоҷикистон” 99,83%, ТВ “Сафина” - 93,78%, ТВ “Баҳористон” – 87,44, ТВ “Ҷаҳоннамо” – 83,79, ТВ “Суғд” – 72,17%, барномаҳои радиои “1 ҶТ” – 86,47, “2 ҶТ” – 45,75, “3 ҶТ” – 73,97, “Фарҳанг” – 43,81 ва “Суғд” 37,63%-ро дар бар мегирад.

Дар ноҳияи Айнӣ шумораи истифодабрандагони алоқаи мобилӣ ва интернет зиёд гардида, 377 адад нуқтаҳои телефонӣ дар деҳот мавҷуд мебошанд.

Дар шаҳри Исфара теъдоди телефонҳои статсионарӣ ҳамагӣ ба 7460 адад, аз ҷумла телефонҳои шаҳрӣ 4506 адад ва телефонҳо дар деҳаҳо ба 2954 адад баробар буда, 292 адад нуқтаҳои радио фаъолият дорад.

Дар ноҳияи Шаҳристон дар мувозинаи филиали ҶСК «Тоҷиктелеком»-и минтақаи 9-и ноҳия шумораи телефонҳои асосӣ 453 адад ва нуқтаҳои радио 3 адад мавҷуд мебошад.

Дар ҶСК "Тоҷиктелеком" қитъаи шаҳри Панҷакент дар давраи ҳисоботӣ 25 нафар кормандон фаъолият менамоянд, ки музди маоши миёнаи 1 нафар коргар 668 сомониро дар бар мегирад. Шумораи телефонҳои асосӣ дар шаҳр 5115 адад ва дар деҳот 1362 ададро ташкил медиҳад. Нуқтаҳои радио 1239 адад мебошад. Бояд тазаккур дод, ки аҳолии шаҳру деҳоти Панҷакент аз хизматрасонии алоқаҳои мобилӣ ва шабакаи Интернет аз ширкатҳои ТСЕЛ, ВАВИЛОН, МЕГАФОН, ЗЕТ - Мобайл ва ТЕЛЕКОМ истифода мебаранд, қисми зиёд ба ширкатҳои мобилии Тселл(73 фоиз) ва Мегафон (26 фоиз) рост меояд.

Дар соли ҷорӣ тибқи маълумоти қитъаи техникии ҶСК «Тоҷиктелеком» дар ноҳияи Мастчоҳ ба масофаи 27 км хати нахи нурӣ байни ҷамоатҳои деҳоти Оббурдон ва Палдорак насб карда, дастрасии аҳолӣ ба телефонҳои шаҳрӣ ва интернет дар ноҳия 756 адад расонида шуд.

Дар нимсолаи аввали соли 2021 дар ноҳияи Зафаробод 4,1 км таъмири хатҳои алоқа ва таъмири ноқилӣ 1,7 км гузаронида шуд. Инчунин дар ин муддат 1,4 км таъмири ноқилӣ, 0,65 км мустаҳкамкунии симчӯбҳо, 5 адад ивази симчӯбҳо, 6 адад таъмири ҷевони тақсимотӣ ва 2,3 км хатти қубурҳои телефонӣ аз таъмир бароварда шуд.

Инчунин дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дар асоси фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.10.2015 сол, №272 бо мақсади татбиқи Стратегияи рушди низоми хазинадорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2016 ва Барномаи миллии татбиқи Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2018 аз 01.01.2016 сол амалиётҳои даромад ва хароҷоти муассисаҳои буҷетӣ ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия тавассути барномаи банақшагирӣ ва иҷроиши буҷети давлатӣ (SGB.net) ба роҳ монда шудааст, ки ин алоқаи корпоративӣ байни Вазорати молия, Раёсати молия ва гирандагони маблағҳои буҷетӣ таъмин буда, шаффофияти истифодаи сарфакоронаи маблағҳои буҷетӣ фароҳам оварда шудааст. Инчунин дар Раёсати омор ва нозироти андоз низ қабули ҳисоботҳо тариқи электронӣ ба роҳ монда шудааст.

Инчунин, дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят, аз ҷумла ноҳияи Шаҳристон 98,28 фоизи маҳалҳои аҳолинишин аз тамошои барномаҳои шабакаи аввали телевизиони Ҷумҳурӣ, 77,8% ТВ«Сафина», 66,6% ТВ«Баҳористон», 66,6% ТВ «Ҷаҳоннамо», 68,7% ТВ«СТВ», 50,5% ТВ «Варзиш», ноҳияи Ҷ. Расулов (ТВ "Тоҷикистон" 100%, ТВ "Сафина" 96,5%, ТВ "Баҳористон" 96,5%, ТВ "Ҷаҳоннамо" 92,4%), ноҳияи Спитамен ТВ"Тоҷикистон" 100 %, ТВ"Ҷаҳоннамо" 98,1%, ТВ"Сафина" 98,1%, ТВ"Баҳористон" – 98,1%, ТВ"Суғд" 78%, шаҳри Исфара ТВ "Тоҷикистон"

100%, ТВ “Сафина” 96,7%, ТВ “Баҳористон”93,6%, ТВ “Ҷаҳоннамо” 89% ва ТВ«СТВ»-57,5%, дар шаҳри Истиқлол ТВ “Тоҷикистон” 100 %, ТВ “Ҷаҳоннамо” 100%, ТВ“Сафина” 100 %, ТВ“Баҳористон” 80 %, ТВ “Суғд” 90%, дар шаҳри Хуҷанд ТВ“Тоҷикистон”100%, ТВ“Сафина”100%, ТВ“Баҳористон”100%, ТВ“Ҷаҳоннамо”100%, ТВ“СТВ”100%, дар ноҳияи Ашт ТВ“Тоҷикистон”99,9%, ТВ “Сафина”93,3%, ТВ “Баҳористон” - 74,38%, ТВ “Ҷаҳоннамо” – 84,72%, ТВ “Суғд” - 63,54%,” фарогир мебошад.

**10.2 Шумора ва номгӯи хизматрасониҳои давлатие, ки дар шакли электронӣ пешкаш карда мешаванд, аз ҷумла истифодаи шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ (Амри ПҶТ аз 06.03.2019с. №АП-1176, банди 21-и Нақша чорабиниҳои “Солҳои рушди деҳот, сайҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”)**

Дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти шаҳри Гулистон аз ҷумла, дар Ҷамоати деҳоти Консой шумораи хонаводаҳо 100%, Ҷамоати шаҳраки Сирдарё 100%, Ҷамоати шаҳраки Зарнисор 100%, Ҷамоати шаҳраки Адрасмон 75%, Ҷамоати шаҳраки Чорукдаррон 100% , Ҷамоати шаҳраки Навгарзан 100% ба шакли электронӣ ворид карда шудаанд.

Дар шаҳри Хуҷанд баҳри рушди хизматрасониҳои давлатӣ, ки дар шакли электронӣ пешкаш карда мешаванд, чораҳо андешида шуда, ҳамзамон чунин хизматрасониҳо дар сохторҳои давлатӣ, аз ҷумла дар мақомоти иҷроияи маҳаллии шаҳр, Раёсати омор, шуъбаи “Амонатбонк” дар шаҳр, нозироти андоз, Раёсати молия ва шабакаҳои барқии шаҳр ҷорӣ карда шуда, онҳо дастраси бемайлони аҳолӣ гашта истодааст.

Бояд қайд кард, ки дар ноҳияҳои Зафаробод, Кӯҳистони Мастчоҳ ва Спитамен айни замон дар мақомотҳои омор, андоз, фонди нафақа ва дигар субъектҳо маълумотҳоро дар шакли электронӣ аз ҳисоботсупорандагон қабул карда мешаванд. Инчунин, ҷамоатҳои шакраку деҳоти ноҳияҳои болозикр бо лавозимотҳои иттилоотӣ таъмин буда, дафтарҳои хоҷагидорӣ тариқи электронӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар шаҳри Истаравшан дар нимсолаи аввали соли 2021, ҷиҳати иҷроиши Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2018, №291 «Дар бораи таъмини мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бо китобҳои баҳисобгирии хоҷагӣ барои солҳои 2018-2022» ва фармоиши директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 марти соли 2018, №19 китоби баҳисобгирии хоҷагии аҳолии (шакли №1) дар ҷамоатҳои деҳоти шаҳри Истаравшан китобҳои баҳисобгирии хоҷагӣ иҷроишашон ба 47 фоиз баробар гардида, ба шакли электронӣ гузаронида шуда истодааст.

Ҳамзамон аз тарафи раёсати омори шаҳри Истаравшан ва Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд бо ҷалби шахсони масъул бо мақсади ҷорӣ намудани дафтари хоҷагидорӣ дар 10 ҷамоатҳои деҳот корҳои назаррас анҷом дода шуда, ба хатти электронӣ пайваст карда шуданд.

Дар ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Айнӣ, Ашт, Истиқлол, Конибодом, Деваштич, Мастчоҳ, Исфара,

Панҷакент, Шаҳристон, Ҷаббор Расулов маълумоти муфассал пешниҳод нагардидааст, ки арзёбӣ гардидани соҳа ғайриимкон мебошад.

Мушкилиҳо: Дар ноҳияи Шаҳристон бинобар фарсудагии воситаҳои алоқа ва радио дар деҳоти ноҳия фаъолияти нуқтаҳои телефонӣ ва радио ба назар намерасад. Дар шаҳри Гулистон пахши телевизион ва радиои ҷумҳурӣ ва вилоят дар Ҷамоати шаҳракҳои Адрасмон, Зарнисор ва Навгарзан муаммо мавҷуд аст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он дар якҷоягӣ бо Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини дастрасии аҳолӣ ба шабакаи интернет, ҷиҳати ҷорӣ намудани пешбурди шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ дар ҷамоатҳои шаҳру ноҳияҳо чораҷӯӣ намоянд.

## 11.Вусъати шуғли пурмаҳсул

**Арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо бо таъмини вусъати шуғли пурмаҳсул бо нишондиҳандаҳои 11.1. Ҳолати бозори меҳнат ва муҳоҷирати меҳнатӣ, 11.2. Амалисозии низоми таълим ва таҳкими заминаи моддиву техникии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, таҷдиди назар кардани барномаву нақшаҳои таълимӣ, касбҳои коргарӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, таъмини муассисаҳои зикршуда бо китобҳои дарсӣ (банди 50 паём), 11.3. Рафти таъсиси ҷойҳои корӣ, 11.4. Андешидани чораҳо ҷиҳати паст кардани шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳалли масъалаҳои диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатӣ, 11.5. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо**

### 11.1. Ҳолати бозори меҳнат ва муҳоҷирати меҳнатӣ.

Таъмини шуғли пурмаҳсули аҳолӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати иҷтимоии давлат буда, сатҳу сифати зиндагии сокинони мамлакат аз татбиқи босамар ва оқилонаи он вобаста аст.

Давоми шаш моҳи соли 2021 ба раёсат, шуъбаю бахшҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 21951 шаҳрванд муроҷиат кард, ки 10378 нафарашон занон мебошанд. Аз ҳисоби муроҷиаткунандагон 14710 нафар ҳамчун корҷӯй дар сохторҳои мақомоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шуданд, ки аз онҳо 53,9 фоиз ё 4617 нафар занон ва 61,8 фоиз ё 5290 нафар ҷавонони синни 15-29-сола мебошанд.

Илова бар ин, давоми шаш моҳи соли 2021 мақомоти давлатии меҳнат ва шуғли аҳолӣ 1275 нафар шаҳрвандонро ба омӯзиши касбу ҳунар фаро гирифтааст, ки қисми зиёди онҳо бевосита ба омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ ҷалб гардидаанд. Аз ҷумла, ба омӯзиши ҳунари дӯзандагӣ 632 нафар, қолинбофӣ 172, адрасбофӣ 77, бофандагӣ 70, қуроқдӯзӣ 50, сӯзанидӯзӣ 48, гулдӯзӣ 45, сабадбофӣ 30, кешбофӣ 14 ва зардӯзӣ 15 нафар шаҳрвандон ҷалб гардидаанд.

Дар шаҳри Конибодом 1242 нафар бекорон ба қайд гирифта шуда (732 нафар ё 58,9%), шаҳри Исфара 598 нафар (493 нафар, ё 82,4 %), дар шаҳри

Панҷакент 934 нафар (1141 нафар ё 122,1 %), ноҳияи Айнӣ 207 нафар (291 нафар, ё 140,5%), ноҳияи Ашт 388 нафар (434 нафар, ё 111,8,%), ноҳияи Мастчоҳ 587 нафар (346 нафар, ё 65,9%), ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 141 нафар (84 нафар, ё 59,5 %), ноҳияи Спитамен 375 нафар (428 нафар, ё 114,1%), шаҳри Хуҷанд 158 нафар (1177 нафар, ё 111,2%), ноҳияи Зафаробод 166 нафар (190 нафар ё 114,4%), ноҳияи Шаҳристон 281 нафар (368 нафар, ё 130,9%), ноҳияи Деваштич 689 нафар (698 нафар, ё 101,3%), Ҷаббор Расулов 481 нафар (351 нафар ё 72,9%), шаҳри Истаравшан 861 нафар (847 нафар, ё 100,7%), дар шаҳри Истиқлол 119 нафар (105 нафар, ё 88,2 %), Гулистон 414 нафар (410 нафар ё 99,0%), шаҳри Бӯстон 258 нафар (272 нафар, ё 109,4%) ва ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 400 нафар (386 нафар, ё 96,5 %) ташкил медиҳад.

Ҷиҳати ҳалли мушкилоти дар самти таъмини бекорон бо ҷойи кор ва самаранок баргузор намудани ярмаркаҳои ҷойҳои кори холӣ масъулини шаҳру ноҳияҳои вилоятро зарур аст, ки боз ҳам тадбирҳои иловагӣ ва самаранок андешанд.

**11.2. Амалисозии низоми таълим ва таҳкими заминаи моддиву техникии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, таҷдиди назар кардани барномаву нақшаҳои таълимӣ, касбҳои коргарӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, таъмини муассисаҳои зикршуда бо китобҳои дарсӣ (банди 50 паём).**

Дар доираи эълон гардидани солҳои 2019-2021 - “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” ба рушди ҳунарҳои мардумӣ таваҷҷуҳ бештар зоҳир мегардад. Дар миқёси вилоят 282 маркази таълимӣ-истеҳсолӣ фаъолият мекунанд, ки аз он 104 маркази адрасбофӣ ва 178 дигар марказҳои ҳунармандӣ мебошанд. Дар ин марказҳо бо назардошти ҳунармандоне, ки дар хона фаъолият доранд, зиёда аз 24,8 ҳазор нафар ҳунармандон, бахусус занону духтарон, ба шуғл фаро гирифта шудаанд.

Дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 1 адад муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникӣ» мавҷуд буда, низоми таълим дар асоси барномаҳо ва нақшаи таълимии аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида ба роҳ монда шудааст.

Дар литсей 300 нафар хонандагон таҳсил намуда, 60 нафар кормандон фаъолият менамоянд, ки аз онҳо 47 нафар омӯзгорон мебошанд. Соли хониши 2020-2021 144 нафар хонандагон аз рӯйи 6 ихтисос таҳсилро ба итмом расониданд.

Бо мақсади баланд бардоштани савияи дониши хонандагон, ба литсейи мазкур аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 7,5 ҳазор сомонӣ китобҳои умумитаълимӣ, аз тарафи Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим» ба маблағи 3,5 ҳазор сомонӣ китобҳои тахассусӣ ва аз тарафи Муассисаи давлатии «Матбаа» ба маблағи 2,3 ҳазор сомонӣ маводҳои таълимии чопӣ дастрас карда шуд. Ҳамчунин, дар ин

давра 1 адад таҷҳизоти кафшергарии баркӣ ва 1 адад мошинаи ӯрмадӯзӣ харидорӣ карда шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ мувофиқи талаботи бозори меҳнат аз ҳисоби шаҳрвандони бекори дар қайдбуда, 185 нафар ба касбомӯзӣ фаро гирифта шудаанд, ки ин нишондиҳанда 123,3 фоизи нақшаро ташкил медиҳад. Касбомӯзонии шаҳрвандони бекор аз рӯи ихтисосҳои қолинбоф 40 нафар, қаннод-ошпаз 20 нафар, муҳосиб-оператор 15 нафар, баркчӣ 16 нафар, дӯзанда 37 нафар ташкил карда шуд.

Дар шаҳри Гулистон касбомӯзӣ бо воситаи филиали КВД Маркази касбомӯзии шаҳри Душанбе дар шаҳри Гулистон, КВД Маркази таълимии шаҳри Хуҷанд ва Маркази таълимии калонсолони Тоҷикистон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дар асоси шартномаҳои дутарафа ба роҳ монда мешавад.

Дар давраи ҳисоботӣ  касбомузӣ асосан дар ҷамоати шаҳракҳо ташкил карда шуд. Аз ҷумла, дар ҷамоати Чорукдаррон гурӯҳҳои «Қаннод» ва «Дӯзанда», дар ҷамоати Адрасмон гурӯҳҳои «Баркчӣ»  ва дар маркази шаҳр «Оператор» мебошад.

Дар ноҳияи Деваштич баҳри иҷроиши дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.03.2008 № 10/16-4-43 «Оид ба таъсиси ҷойҳои кории иловагӣ» дар нимсолаи аввали соли 2021 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳо 287 ҷойҳои кории нав ташкил карда шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 45 адад зиёд мебошад.

Дар ноҳияи Зафаробод 2 литсейҳои касбӣ- техникӣ ва 2 коллеҷ фаъолият дошта, дорои биноҳои таълимӣ, синфхонаҳои дарсӣ, китобхона, толори маҷлисӣ кабинетҳои методӣ, устохонаҳои таълимӣ, лабараторияҳо, утоқҳои корӣ (кабинетҳо), ошхона, хобгоҳ, майдончаи варзишӣ, толори варзишӣ, мошинсарой буда, бо мизу курсиҳо, компютерҳо, принтерҳо, проекторҳо, тахтаҳои электронӣ, камераҳои мушоҳидавӣ муҷаҳҳаз гардонида шудаанд. Фаъолияти муассисаҳои мазкур дар асоси барномаву нақшаҳои таълимӣ ба роҳ монда шуда, аз рӯи ихтисоҳои гуногун, ки ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ мебошанд, мутахассисонро омода менамоянд. Инчунин бо мақсади баланд бардоштани сатҳи шуғлнокӣ аз ҳисоби эҳёи касбҳои мардумӣ ва ҳунарҳои мардумии дастӣ аз қабили сӯзанидузӣ, бофандагӣ, атласу адрасбофӣ, зардӯзӣ, чаканадузӣ, дӯхтани либосхои миллӣ ва пухтани таомҳои миллӣ бо ҷалби занону духтарони хонашин ба роҳ монда шуда, корҳо дар ин самт идома доранд.

Дар ин давра дар шаҳри Истаравшан 157 бекорон бо назардошти талаботи бозори меҳнат ба омодагии дар филиали Маркази таълими калонсолон ба омодагии касбӣ фаро гирифта шуданд. Аз ин шумора 80 нафарашон занон, 78 нафарашонро ҷавонони 15-29 сола ташкил медиҳанд. Аз шумораи умумии ба касбомӯзонӣ равонашудагон барои 20 нафар омӯзиш ба касби оператори компютер ва ба 15 нафар омӯзиш ба касби қаннод, 37 нафар тракторчӣ, 18 нафар кафшергари газу барқ, 19 нафар муҳосиб бо донистани компютер, 15

нафар дӯзанда, 17 нафар кашидадӯз ва 16 нафар адрасу атласбоф ба роҳ монда шуд.

Дар шаҳри Панҷакент 3 адад муассисаҳои ибтидоии касбӣ фаъолият доранд, ки дар онҳо нақшаҳо ва барномаҳои таълимии зиёда аз 30 намуд касбу ихтисосҳои коргарӣ таҷдиди назар карда шуда, онҳо ба талаботи замони муосир мутобиқ гардонида шудаанд.

Дар китобхонаи ин муассисаҳо айни ҳол 34969 адад китобҳои таълимию бадеӣ, методию сиёсӣ ва тахассусӣ мавҷуд мебошад.

Маврид ба зикр аст, ки дар ин муассисаҳо норасогии китобҳои дарсӣ ба назар мерасад ва ҳоло аз тарафи ташкилотҳои болоии соҳа бахри таъмин намудан бо китобҳои тахассусӣ чораҳо андешида шуда истодааст.

Дар самти касбомӯзӣ ва бозомӯзии шаҳрвандони ҷойи кор надошта 120 нафар ба курсҳои кӯтоҳмуддати корхонаи воҳиди давлатии "Маркази таълимии шаҳри Хуҷанд" аз рӯи 6 ихтисос ҷалб карда шуданд.

Дар шаҳри Хуҷанд инчунин тариқи худмаблағгузорӣ 155 нафар, аз онҳо 125 нафар заноне, ки ҷойи кор надоштанд, ба курсҳои кӯтоҳмуддати корхонаи воҳиди давлатии "Маркази таълимии шаҳри Хуҷанд" барои касбомӯзӣ фаро гирифта шуданд.

Тавассути дастгирии бахши хусусӣ, соҳибкории хурду миёна, бахусус соҳибкорони истеҳсолӣ ба фарогирии калонсолон ва занону ҷавонон бо шуғли пурсамар мусоидат карда шуда, 112 нафар ба касбҳои мардумӣ, ҳунарҳои дастӣ ва кори хонагӣ ба монанди дӯзандагӣ, хариду фурӯши молҳои саноатӣ, хариду фурӯши молҳои занона, мардона ва бачагона, хариду фурӯши мева, таъмири телефонҳои мобилӣ, таъмири мошинаҳои сабукрав, устои дару тирезаҳо, таъмири мебелҳо, нонпазӣ, адрасбофӣ, қаннодӣ, пухтани самбӯсаҳои миллӣ, ронандагӣ, истеҳсоли молҳои хӯрока, гаҳворасозӣ, заргарӣ ва дигар соҳаҳо ҷалб карда шуданд.

Нишондиҳандаҳо собит менамоянд, ки айни ҳол, дар ҳудуди шаҳр 4 адад марказҳои таълимӣ, 3 адад нуқтаҳои омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ ва тавассути марказҳои таълимӣ 60 нафар ҳунармандон дар соҳаҳои гуногун фаъолият намуда, 2444 нафар шогирд тарбия карда истодаанд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳристон ҷиҳати амалӣ намудани низоми таълим ва таҳкими заминаи моддиву техникии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, таҷдиди назар кардани барномаву нақшаҳои таълимӣ, касбҳои коргарӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, таъмини муассисаҳои зикршуда бо китобҳои дарсӣ чораҳои зарурирo андешида истода, дар ин давра филиали маркази таълимии калонсолони ҷиҳати ба касбомӯзӣ фаро гирифтани калонсолон, аҳолии бекасб, аз ҷумла занону ҷавонон ва таъмини шуғлнокии онҳо корҳои муайянро амалӣ намуда истодааст.

Бо мақсади ҷалб намудани ҷавонон ба касбомӯзонӣ, фарогирӣ ба тайёрии касбӣ аз рӯи ихтисосҳои ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнат дар байни аҳолии ноҳия корҳои тарғиботию ташвиқотӣ гузаронида шуда, 90 нафар бекорон ба курсҳои кӯтоҳмуддати худмаблағгузор фаро гирифта шудааст.

### 11.3. Рафти таъсиси ҷойҳои корӣ

Ҳамасола бо мақсади бо ҷойи корӣ таъмин намудани шаҳрвандоне, ки дар бозори меҳнат рақобат карда наметавонанд ва дар ҷустуҷӯи кор душворӣ мекашанд, ҷойҳои кории холии пешакӣ бандкардашуда, яъне квота муқаррар мегардад. Тибқи нақшаи соли ҷорӣ миқдори квотаҳо 1800 ҷойро ташкил дода, дар давраи ҳисоботӣ 916 нафар шаҳрвандон тавассути квота бо кор таъмин гардиданд, ки 50,9 фоизи нақшаи барномавиро ташкил медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади бо кор таъмин намудани корҷӯён, бекорон ва муҳоҷирони меҳнатии ба Ватан баргашта 146 ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ гузаронида шуд. Тавассути ин ярмаркаҳо 1140 нафар корҷӯён ва бекорон ба ҷойҳои кории доимӣ таъмин гашта, 1159 нафар ба касбомӯзӣ ва 334 нафар ба корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар шуданд. Ҷамъи шаҳрвандони бекори ба воситаи ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ ба шуғл ҷалбшуда 2633 нафарро ташкил дод.

Дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят аз ҷумла, Хуҷанд 2836 нафар (1149 нафар, +1687), Ашт 2399 нафар (487 нафар, +1912), Истиқлол 45 нафар (91 нафар, +46), Бобоҷон Ғафуров 7339 нафар (5241 нафар, +2098), Деваштич 287 нафар (242 нафар, +45), Зафаробод 1450 нафар (480 нафар, +970), Панҷакент 66 нафар (8 нафар, +58), Мастчоҳ 987 нафар (640 нафар, +347), Кӯҳистони Мастчоҳ 151 нафар (66 нафар, +85), Спитамен 67 нафар (32 нафар, +35), Шаҳристон 78 нафар (27 нафар, +51) Истаравшан 1121 нафар (1293 нафар, -172) ва Айнӣ 725 нафар (735 нафар, -10) бекорон бо ҷойи корӣ доимӣ таъмин карда шуданд.

Аз ҷониби шаҳру ноҳияҳои Бӯстон, Исфара, Конибодом ва Ҷаббор Расулов маълумот пешниҳод накардаанд.

### 11.4. Андешидани чораҳо ҷиҳати паст кардани шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳалли масъалаҳои диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатӣ

Дар ин давра шумораи шаҳрвандони ба хориҷа сафаркарда 51409 нафар, аз ҷумла занон 8594 нафар ба қайд гирифта шуда, аз ин шумора муҳоҷирони меҳнатӣ 44612 нафар, аз ҷумла занон 7412 нафарро дар бар гирифтааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли сипаришуда шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатӣ 15245 нафар афзоиш ёфтааст.

Дар нимсолаи аввали соли 2021 аз шаҳри Панҷакент дар муҳоҷирати меҳнатӣ 3553 нафар қарор доранд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 1626 нафар кам шуда, ин нишондиҳанда дар ноҳияи Айни 977 (-364) нафар нафарро ташкил медиҳад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров -2925 нафар (6330), Хуҷанд -2031 нафар (4613), Истаравшан -1340 нафар (3770), Спитамен -2341 (4639), Ашт -968 нафар (2324), Зафаробод -719 нафар (1988 нафар), Истиқлол -104 нафар (443), Гулистон -415 нафар (984), Шаҳристон – 430 нафар (990) кам гардида, дар шаҳру ноҳияҳои Ҷаббор Расулов +1385 нафар (3723), Исфара +142 нафар (196), Конибодом +1158 нафар (27568),

Бӯстон +320 нафар (427), Кӯҳистони Мастчоҳ +88 нафар (268), Мастчоҳ +460 нафар (3770), Деваштич +735 нафар (1760) нишондиҳанда зиёд гардида, аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷиҳати паст кардани шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои болозикр тақвият дода шавад.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он зарур аст, дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои баланд бардоштани дараҷаи бо ҷойи кор таъмин намудани шаҳрвандони корҷӯй ва бекор, паст кардани шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ, таъмини самаранокии гузаронидани ярмаркаҳои ҷойи кории холӣ, васеъ намудани фарогирии шаҳрвандон ба омӯзиши касбу ҳунарҳо ва вусъат додани хунарҳои мардумӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

## 12. Рушди сармояи инсонӣ (маориф)

**Нишондоди пешакии рушди маориф бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, 12.1. Бунёди мактабҳои нав, сохтмони синфхонаҳои иловагӣ, рафти таъсиси муассисаҳои томактабӣ ва барқарорсозии муассисаҳои таълимии садамавӣ ва инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ хусусан дар деҳоти дурдаства бо ҷалби соҳибкорон ва дигар сарчашмаҳои маблағгузорӣ бунёд намудани кӯдакистонҳо ва марказҳои инкишофи кӯдак, 12.2. Васеъ намудани фоизи фарогирии кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ, ба роҳ мондани таҳсилоти ғайрианъанавӣ ва алтернативӣ омода намудани кӯдакон, 12.3. Амалӣ намудани чораҳои мушаххас ҷиҳати соҳибкасбу соҳибҳунар гардидани ҳар як ятими кулл, соҳиби ҷойи кор ва зиндагии мустақилона шудани онҳо, 12.4. Андешидани чораҳо барои бунёди як муассисаҳои томактабӣ дар як деҳа ва маҳалҳои аҳолинишине, ки аз 100 хоҷагӣ зиёд доранд (бо иловаи маълумоти шумораи маҳалҳои аҳолинишин, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд ва мавҷудияти муассисаҳои томактабӣ дар онҳо), 12.5. Ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ бидуни имтиҳон қабул намудани ғолибони озмунҳои “Тоҷикистон – ватани азизи ман”, “Фуруғи субҳи доноӣ”, “Илм – фурӯғи маърифат” аз рӯи интихоби худашон ва аз ҷиҳати моддиву маънавӣ ҳавасманд гардонидани омӯзгорон ва падару модарони онҳо, 12.6. Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот (кабинетҳои фаннӣ) ва бартараф намудани норасоии кадрҳои омӯзгорӣ, ҳавасмандгардонии омӯзгорони ҷавон, 12.7. Мушкилоти ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо**

**12.1. Бунёди мактабҳои нав, сохтмони синфхонаҳои иловагӣ, рафти таъсиси муассисаҳои томактабӣ ва барқарорсозии муассисаҳои таълимии садамавӣ ва инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ хусусан дар деҳоти дурдаст, (Амри ПҶТ аз 06.03.2019, №АП-1176 Нақша-чорибиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”**

**банди 25) ва бо ҷалби соҳибкорон ва дигар сарчашмаҳои маблағгузорӣ бунёд намудани кӯдакистонҳо ва марказҳои инкишофи кӯдак (банди 39 паём)**

Соли таҳсили 2020-2021 дар вилоят 941 муассисаи таҳсилоти умумӣ, аз ҷумла 4 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ, 36 муассисаи таҳсилоти асосӣ, 829 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 33 гимназия, 25 литсей, 1 мактаби президентӣ, 2 мактаб барои хонандагони лаёқатманд, 3 мактаб-кӯдакистон фаъолият дошта, дар онҳо 565231 нафар, аз ҷумла 276427 нафар духтарон ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд, ки нисбат ба соли таҳсили 2019-2020 шумораи муассисаҳо 12 адад ва хонандагон 17306 нафар зиёд мебошад.

Шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумии бинояшон садамавӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 46 адад муайян гардида, давоми 6 моҳи соли равон 11 муассиса, аз ҷумла МТМУ №29-и ноҳияи Айнӣ, МТМУ №№ 6 ва 53-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, МТМУ №19-и ноҳияи Мастчоҳ, МТМУ №12-и ноҳияи Спитамен, МТМУ №№17, 18, ва 23-и ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ, МТМУ №23-и шаҳри Исфара, МТМУ №38-и шаҳри Конибодом ва МТМУ №18-и шаҳри Панҷакент барқарор карда шуданд. Барқарорсозии бинои 15 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ идома дорад. Аз 228 бинои муассисаҳои таъмирталаб 219 адад аз таъмир бароварда шуда, дар 6 муассиса корҳо идома доранд.

Дар шаҳри Хуҷанд 50 мактаб, 1 Маркази таҳсилоти иловагӣ, аз он ҷумла 27 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 4 литсей, 4 гимназия, 13 мактаби хусусӣ, 1 мактаб интернати давлатӣ барои кӯдакони имконияташон маҳдуди шаҳри Хуҷанд, 1 комплекс кӯдакистон-мактаби махсус барои кӯдакони қувваи босираашон суст ва нобино фаъолият менамояд. Дар муассисаҳои таълимии шаҳр 43419 нафар хонандагон (20419 нафар духтарон) ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд ва 2517 нафар омӯзгорон фаъолият мебаранд, ки аз онҳо 2187 нафарашон занҳо мебошанд.

Дар шаҳр 48 муассисаи таҳсилоти томактабӣ, аз ҷумла 33 кӯдакистонҳои давлатӣ, 15 кӯдакистонҳои хусусӣ фаъолият менамоянд.

Сохтмони бинои иловагӣ дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №5, сохтмони бинои нави муассисаи таълимии ғайридавлатии «Мактаби Пӯлотов» идома доранд. Кӯдакистони хусусии “Меҳросо” барои кӯдакони ятим ва нимятим, дар маҳаллаи Бофанда дар арафаи ифтитоҳ қарор дорад.

Дар пояи 8 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ марказҳои инкишофи кӯдакон бо 204 нафар тарбиятгирандагон фаъолият мебаранд.

Тибқи Барномаи рушди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии хусусӣ барои солҳои 2014-2020 дар шаҳр сохта, ба истифода додани 24 адад муассисаҳои томактабӣ ва хусусӣ ба нақша гирифта шуда буд. То ин давра 11 адади кӯдакистонҳои хусусӣ сохта, ба истифода дода шудаанд, ки ин 45,8 фоизи нақшаи иҷроиши Барномаро ташкил медиҳад.

Дар 6 моҳи соли 2021 мувофики маълумоти оморӣ дар шаҳри Панҷакент 18 адад муассисаи таҳсилоти томактабӣ, аз ҷумла 12 муассисаи таҳсилоти томактабии тобеи шуъбаи маорифи шаҳру деҳот, 2 муассисаи таҳсилоти томактабии тобеи ташкилоту корхонаҳо ва 4 муассисаи таҳсилоти томактабии

хусусӣ фаъолият намуда, 3296 нафарро кӯдакро ба тарбия фаро гирифтаанд. Нисбат ба соли гузашта шумораи муассисаҳои томактабӣ дар шаҳру деҳоти Панҷакент наафзудааст. Илова бар ин, дар назди шуъбаи маорифи шаҳри Панҷакент 24 маркази инкишофи кӯдак ба фарогирии 701 нафар кӯдакони синни 6 сола дар 28 гурӯҳ фаъолият доранд.

Дар нимсолаи якуми соли 2021 бо кӯмаку дастгирии кумитаи падарону модарон, соҳибкорон ва шахсони саховатпеша дар шаҳри Истаравшан 8 синфхонаҳои иловагӣ барои 240 ҷойи нишаст дар як баст дар назди МТМУ №35, 1 толори варзишӣ дар назди МТМУ №56 ва 1 майдончаи варзишӣ дар назди гимназияи №2 мавриди истифода қарор дода шуданд. Ҳамчунин дар шаҳраки Истаравшани ҷамоати деҳоти Зарҳалол кӯдакистони хусусии «Хурсандӣ» барои 10 гурӯҳ, ки аз тарафи соҳибкори маҳаллӣ Эшонов Аскар сохта шуда буд, мавриди истифода қарор дода шуд.

Ҳоло бо маблағгузории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд сохтмони биноҳои нави муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №37 барои 480 ҷойи нишаст ва №46 барои 240 ҷойи нишаст идома доранд. Бо маблағгузории Фонди Саудии Рушд сохтмони бинои нави таълимӣ барои 264 ҷойи нишаст дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15 идома дорад. Ҳамзамон бо ташаббус ва маблағгузории соҳибкорони шаҳраки Истаравшан сохтмони муассисаи таълимии нав барои 320 ҷойи нишаст дар ин шаҳрак оғоз гардида, алҳол таҳкурсии бинои якум ба анҷом расид. Инчунин бо кӯмаку дастгирии кумитаҳои падарону модарон, соҳибкорон ва шахсони саховатпеша сохтмони 45 синфхонаҳои иловагӣ дар назди 9 муассисаҳои таълимӣ (МТМУ №5, 17, 19, 23, 25, 51, филиали МТМУ №55 дар деҳаи Зартеппаи деҳаи Ниҷонӣ ва гимназияҳои 3, 4), 5 толори варзишӣ дар назди МТМУ №8, 27, 30, 47 ва литсейи №1, майдончаи муосири варзишӣ дар назди гимназияи №5 ва боғчаи бачагона иборат аз 4 гурӯҳ дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №11 идома дорад.

**12.2. Васеъ намудани фоизи фарогирии кӯдакон дар муассисахои томактабӣ, ба роҳ мондани таҳсилоти ғайрианъанавӣ ва алтернативӣ омода намудани кӯдакон (Амри ПҶТ аз 06.03.2019с, №АП-1176 Нақша-чорабиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 "Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" банди 23)**

Дар нимсолаи аввали соли 2021 мувофиқи маълумоти оморӣ дар вилоят 280 муассисаи таҳсилоти томактабӣ, аз ҷумла 205 муассисаи тобеи шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо, 13 муассисаи тобеи ташкилоту корхонаҳо ва муассисаи таҳсилоти томактабии хусусӣ фаъолият бурда, 44916 кӯдакро ба тарбия фаро гирифтаанд. Нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта шумораи муассисаҳои томактабӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 8 адад ва теъдоди кӯдакон 349 нафар афзудааст.

Марказҳои инкишофи кӯдакони синни томактабӣ дар 18 шаҳру ноҳияи вилоят ташкил ёфтаанд. Ин марказҳо аз 736 гурӯҳ иборат буда, дар онҳо 16214 кӯдак таълиму тарбия мегирад. Фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои таҳсилоти

томактабӣ якҷоя бо Маркази инкишофи кӯдакони синни томактабӣ 20,7 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳамагӣ ба 48 адад муассисаҳои таҳсилоти томактабии шаҳр 8755 нафар кӯдакон фаро гирифта шудаанд. Аз онҳо, дар кӯдакистонҳои давлатӣ 8053 нафар, дар кӯдакистонҳои хусусӣ 702 нафар, дар марказҳои инкишофи кӯдакон 204 нафар кӯдакон таълиму тарбия мегиранд.

Дар кӯдакистони Президентӣ 1216 нафар кӯдакон тарбият мегиранд. Тибқи маълумотҳои оморӣ дар шаҳри Хуҷанд 22000 нафар кӯдакони синни томактабӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки аз онҳо дар кӯдакистонҳои шаҳр 46,2 фоизи кӯдакон фаро гирифта шудаанд.

Дар муассисаҳои таълимии томактабии шаҳр 483 нафар мураббиён фаъолият мебаранд.

Дар 30 муассисаи таълимии шаҳри Истаравшан Маркази инкишофи кӯдак бо фаро гирифтани 865 нафар кӯдакон фаъолияти худро самаранок ба роҳ монда, дигар муассисаҳои таълимӣ муваззаф гардидаанд, ки ҷиҳати ташкили Маркази инкишофи кӯдак ва фарогирии кӯдакони ба синни мактабӣ омодашаванда корбарӣ намоянд. Дар шаҳри Истаравшан оилаҳое, ки кӯдакони синну соли томактабиро дар хона тарбия мекунанд мавҷуд нестанд. Дар ҳамаи кӯдакистонҳо камераҳои мушоҳидавӣ барои назорати дохилӣ насб ва компютерҳо барои баланд бардоштани маҳорати касбии мураббиён ва ёварони онҳо ҷиҳозонида шудаанд. Санаи 8-уми апрели соли равон бо иштироки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳраки Истаравшан кӯдакистони хусусии «Хурсандӣ» мавриди истифода қарор дода шуд. Кӯдакистони мазкур бо маблағгузории соҳибкори маҳаллӣ Эшонов Аскар сохта шуда, барои 200 нафар кӯдакон пешбинӣ шудааст. Ҷамъ дар доираи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» 5 муассисаҳои томактабии хусусӣ дар тӯли солҳои 2015-2021 таъсис дода шуда, имрӯз фаъоияти худро бомаром идома дода истодаанд. Дар муассисаҳои томактабӣ шароити санитарӣ-гигиенӣ хуб ба роҳ монда шуда, аз хизматрасониҳои коммуналӣ аз ҷумла барқ, системаи гармидиҳӣ, таҷҳизотҳои ошхона ва зиддисӯхтор пурра истифода бурда мешаванд. Дар шаҳри Истаравшан кӯдакистонҳои мавсимӣ мавҷуд нестанд. Ҳамаи ҳуҷраҳои тиббии кӯдакистонҳо бо маводҳо ва таҷҳизотҳои зарурии тиббӣ таъмин карда шудааст.

### 12.3. Амалӣ намудани чораҳои мушаххас ҷиҳати соҳибкасбу соҳибҳунар гардидани ҳар як ятими кулл, соҳиби ҷойи кор ва зиндагии мустақилона шудани онҳо дар (банди 49 паём)

Дар муассисаҳои таълимии ноҳияи Ашт 26 нафар ятимони кулл (аз онҳо 15 нафар духтар) ва 885 нафар нимятимон (аз онҳо 425 нафар духтар) ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Тибқи қарори суд барои ҳамаи ятимон парастор таъин карда шуда, дар арафаи ҷашни Наврӯзи байналмилал дар вилояти Суғд аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба 8 нафар ятимони кулл маблағҳои пулӣ ва китобу либосворӣ тақдим карда шуданд.

Дар муассисаҳои таълимии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 26 нафар ятимони кулл (аз онҳо 15 нафар духтар) ва 885 нафар нимятимон (аз онҳо 425 нафар духтар) ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Тибқи қарори суд барои ҳамаи ятимон парастор таъин карда шуда, дар арафаи ҷашни Наврӯзи байналмилал дар вилояти Суғд аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба 8 нафар ятимони кулл маблағҳои пулӣ ва китобу либосворӣ тақдим карда шуданд.

Дар муассисаҳои таълимии шаҳри Хуҷанд дар соли хониши 2020-2021 43 нафар ятимони кулл ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд, ки 5 нафари онҳо хатмкунандагон аз гимназияи №13 (2 нафар) ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №8, №17, 18 мебошанд.

Дар шаҳри Истаравшан баъд аз ба итмом расидани давраи бақайдгирии довталабон ба имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ барои соли таҳсили 2021-2022 маълум гашт, ки 2109 нафар хатмкардагони синфи 11 аз қайд гузаштаанд. Аз ин теъдод дар натиҷаи андешидани тадбирҳои мушаххас 1 нафар ятими кулл ва 80 нафар нимятимон низ аз қайди Маркази миллӣ тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштанд. Дар айни ҳол вобаста ба фаъолияти мактаб-интернат қайд карда мешавад, ки 26 нафар омӯзгорон ва мураббияҳо ба таълиму тадриси 88 нафар хонандагон, аз он ҷумла 1 нафар ятим, 5 нафар бепарастор, 34 нафар бепадар, 7 нафар бемодар, 12 нафар аз оилаҳои муҳиташон носолим ва 29 нафар хонандагоне, ки манзили истиқоматиашон аз мактаб дур мебошанд, машғуланд. Хонандагон бо китобҳои дарсии иҷоравӣ, ашёҳои хониш ва дар як рӯз бо 3 маҳал хӯроки гарм таъмин мебошанд.

**12.4. Андешидани чораҳо барои бунёди як муассисаҳои томактабӣ дар як деҳа ва маҳалҳои аҳолинишине, ки аз 100 хоҷагӣ зиёд доранд (бо иловаи маълумоти шумораи маҳалҳои аҳолинишин, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд ва мавҷудияти муассисаҳои томактабӣ дар онҳо);**

Алҳол дар қаламрави ноҳия 38 адад муассисаҳои таълимии томактабии шакли моликияташон гуногун, аз ҷумла 20 адад муассисаҳои таълимии томактабии тобеъи шӯъбаи маориф, 3 адад муассисаҳои таълимии томактабии ташкилотҳои дигар, 15 адад муассисаҳои таълимии томактабии хусусӣ фаъолият доранд. Дар маҷмуъ дар қаламрави ноҳяи 117 адад деҳаҳо мавҷуд буда, дар деҳаҳои ҷамоати деҳоти Д. Холматов, ҷамоати шаҳраки Ғафуров барои сохтмони кӯдакистон эҳтиёҷ мавҷуд намебошад, зеро дар ҳамаи 3 адад деҳаҳои ҷамоати деҳаи Д.Холматов ва маҳаллаҳои ҷамоати шаҳраки Ғафуров, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд, кӯдакистонҳо мавҷуд мебошанд. Вазъият дар ҷамоатҳои деҳоти Исфисор (ҳамагӣ 1 адад кӯдакистони хусусӣ ва 2 адад кӯдакистони тобеъи ҶСШК ба номи А.Ҷумаев), Унҷӣ (ҳамагӣ як адад кӯдакистон), Чашмасор (умуман нест) Исмоил (ҳамагӣ як адад кӯдакистон) нисбатан мушкил мебошанд.

Бо мақсади таъмини деҳаҳо бо як адади кӯдакистон корҳо оғоз ёфта, дар давраи ҳисоботӣ бо маблағгузории мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия дар ҷамоатҳои деҳоти Зарзамин ва Хиставарз сохтмони ду адад кӯдакистонҳои давлатӣ, дар маҳаллаи Ҳавузаки поёни ҷамоати деҳоти Хиставарз аз ҷониби соҳибкор Носирова О. сохтмони як адад кӯдакистони хусусӣ бо суръат идома доранд. Дар давраи ҳисоботӣ дар деҳаи Уяси Ҷамоати деҳоти Исмоил аз ҷониби АХД ба номи Т.Қӯшатов боғчаи бачагонаи хоҷагӣ, ки аз фаъолият бозмонда буд, азнавсозӣ карда шуда, ба фаъолият оғоз намуд.

Тазаккур бояд дод, ки шаҳри Хуҷанд санаи 12 июни соли ҷорӣ дар маҳаллаи Содирхон Ҳофизи шаҳр маросими ифтитоҳи кӯдакистони хусусии "Хуршеди истиқлол" бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид.

Дар шаҳри Истаравшан санаи 8-уми апрели соли равон бо иштироки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳраки Истаравшан кӯдакистони хусусии «Хурсандӣ» мавриди истифода қарор дода шуд. Кӯдакистони мазкур бо маблағгузории соҳибкори маҳаллӣ Эшонов Аскар сохта шуда, барои 200 нафар кӯдакон пешбинӣ шудааст.

Ҳоло сохтмони бинои кӯдакистонҳо дар назди МТМУ№11-и деҳаи Равғангарон ва дар деҳаи Ҷаркӯрғон аз ҳисоби аҳолии деҳа идома дорад.

**12.5. Ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ бидуни имтиҳон қабул намудани ғолибони озмунҳои "Тоҷикиситон-ватани азизи ман", "Фурӯғи субҳи доноӣ", "Илм-фурӯғи маърифат" аз рӯи интихоби худашон ва аз ҷиҳати моддиву маънавӣ ҳавасманд гардонидани омғзгорон ва падару модарони онҳо (банди 38 паём)**

Бо мақсади иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 5 феврали соли 2020, №АП-1339 дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ба муносибати сазовор таҷлил намудани ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти ҳофизаи фарҳангӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, бой гардонидани захираи луғавӣ, фаъолгардонии доираи забондонӣ ва тақвияти ҷаҳони маънавии хонандагон баргузор гардид.

Тазаккур бояд дод, ки дар даври ҷумҳуриявии озмуни "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" Имориддинов Сарфарозиддин - омӯзгори литсейи барои хонандагони болаёқат, дар номинатсияи хондан ва аз ёд намудани осори адибони классикии тоҷик ҷойи 1-умро ишғол намуда, бо 30 ҳазор сомонӣ сарфароз гардид. Ҳамчунин, Қӯзибоева Лайло - хонандаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8, Шодвари Бахтиёр - толибилми литсейи барои хонандагони болаёқат ва Азизов Муҳаммадсолеҳ- тарбиятгирандаи муассисаи таҳсилоти томактабии №20 бо Ифтихорномаҳои Вазорати маориф ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардида, ба онҳо 1000 сомонӣ мукофотпулӣ дода шуд.

Дар Муассисаи таълимии давлатии барои хонандагони болаёқати шаҳр мулоқоти судманди хонандагон бо ғолибони озмуни “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” баргузор гардид, ки онҳо таассуроти худро аз баргузории озмун баён доштанд.

Бо мақсади иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 феврали соли 2021, №АП-44 оид ба гузаронидани озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат» ва бахри амалисозии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф барои солҳои 2020-2040», рушди тафаккури техникӣ, васеъ намудани ҷаҳонбинии илмӣ, дарёфти истеъдодҳои нав ва ҷалби бештари хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба омӯзиши фанҳои риёзӣ ва дақиқ даври якум ва дуюми озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат» дар миқёси шаҳр гузаронида шуд.

Дар шаҳри Бӯстон дар даври шаҳрии озмуни ҷумҳуриявии “Илм - фурӯғи маърифат” аз рӯи 5 наминатсия ҳамагӣ 103 нафар хонандагон, 21 нафар донишҷӯён ва 3 нафар омӯзгорони муассисаҳои таълимии шаҳр иштирок намуданд.

Дар даври шаҳрии озмуни ҷумҳуриявии “Тоҷикистон – Ватани азизи ман” дар умум 70 нафар иштирок намуданд, ки аз ин шумора 40 нафар хонандагон аз муассисаҳои таълимии шаҳр мебошанд. Ба даври вилоятии озмун 12 нафар хонандагон роҳхат ба даст оварданд.

Аз дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят вобаста ба масъалаи мазкур маълумот ворид нашудааст.

Моҳи апрели соли ҷорӣ дар муассисаҳои таълимии шаҳри Истаравшан бо иштироки 7396 нафар хонандагон даври мактабии озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат» гузаронида шуд. Дар асоси дархости муассисаҳои таълимӣ 1246 нафар ғолибони даври мактабӣ ба даври шаҳрии озмун роҳхат ба даст оварданд.

Санаи 31 майи соли 2021 даври шаҳрии озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат» дар се муассисаи таълимии шаҳр (Гимназияҳои №1, 5 ва МТМУ №1) ташкил ва баргузор гардид. Дар он 949 нафар довталабон, аз ҷумла 12 нафар донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ аз рӯйи ҳафт номинатсия иштирок намуданд. Ҳамчунин 3 нафар омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ №39, 40, 63 дар номинатсияи ихтирокорӣ ва навъоварӣ иштирок намуданд.

Дар маҷмӯъ 47 нафар довталабон аз рӯйи ҳафт номинатсия ба даври вилоятии озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат» роҳхат ба даст дароварданд.

Раёсати маорифи шаҳр ҷиҳати амалисозии мактуби Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09.03.2021, №1-2/682 ва қарори раиси шаҳри Истаравшан аз 07.05.2021, №257 дар ҳамкорӣ бо бахши фарҳанги мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшан 24.05.2021 даври шаҳрии озмуни ҷумҳуриявии “Точикистон-ватани азизи ман”- ро гузаронид. Дар озмун хонандагон аз муассисаҳои таълимии № 4, 5, 6, 8, 14, 15, 17, 19, 21, 22, 28, 30, гимназияҳои № 1, 2, 4, 5 иштирок намуда, ҷойҳои зеринро ишғол намуданд:

1. Сайфуллоева Фараҳноз – сароянда дар жанри анъанавӣ сазовори дипломи дараҷаи 1 ва маблағи пулӣ дар ҳаҷми 700 сомонӣ;
2. Ашӯрова Муҳиба, Маъмурзода Роҳила ва Самиева Фирӯза толибилмон аз гимназияи №4 бо суруди гурӯҳӣ дар жанри академӣ сазовори дипломи дараҷаи 1 ва мукофоти пулӣ дар ҳаҷми 700 сомонӣ гардиданд.

Давраи аввали озмуни ҷумҳуриявии «Фуруғи субҳи доноӣ китоб аст» дар тамоми муассисаҳои таълимии шаҳр баргузор карда шуда, дар он наздик 9500 нафар иштирок намуданд. Давраи шаҳрии озмун санаи 05.07.2021 дар бинои Раёсати маорфи шаҳр ба нақша гирифта шудааст.

**12.6. Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот (кабинетҳои фаннӣ) ва бартараф намудани норасоии кадрҳои омӯзгорӣ, ҳавасмандгардонии омғзгорони ҷавон**

Шумораи омӯзгорони вилоят 40085 нафар, аз ҷумла занон 260106 нафар буда, аз онҳо 33659 нафар бо таҳсилоти олӣ, 1658 нафар бо таҳсилоти олии нопурра ва 4768 нафар бо таҳсилоти миёнаи махсус фаъолият мебаранд. Дар ин давра, шумораи омӯзгорони маълумоти олидошта афзуда, 84,0 фоизи шумораи умумии омӯзгоронро ташкил медиҳад.

Эҳтиёҷ ба кадрҳои омӯзгорӣ дар муассисаҳои таълимии вилоят дар соли хониши 2021 - 2022 708 нафар муайян шуда, барои тақсимоти хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ирсол шудааст.

Дар доираи иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2021, № 114 «Дар бораи Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025» дар соли 2021 таъмин намудани муассисаҳои таълимии вилоят бо 695 кабинети фаннӣ, аз ҷумла озмоишгоҳ аз фанни физика 18 адад, кабинети фанни физика 63 адад, химия 87, биология 90, география 129, математика 131, технологияи информатсионӣ 76, суруд ва мусиқӣ 119 адад пешбинӣ шуда, давоми 6 моҳи соли ҷорӣ ҳамагӣ 68 кабинет ва озмоишгоҳи фаннӣ муҷаҳҳаз гардонида шуд, ки баробари 9,8 фоизи нақшаи солона мебошад. Кабинети фанҳои физика 11 адад, химия 11, биология 11, география 6, математика 9, технологияҳои информатсионӣ 8 ва суруду мусиқӣ 12 адад омода гардида, барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим мусоидат менамоянд.

Дар доираи иҷрои "Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии вилояти Суғд барои солҳои хониши 2018-2022" соли 2021 ба муассисаҳои таълимӣ дастрас намудани 2892 компютер ва 211 тахтаи электронӣ ба нақша гирифта, дар шаш моҳи соли ҷорӣ 344 компютер ва 56 тахтаи электронӣ дастрас шудаанд. Алҳол, дар 1126 синфхонаи компютерӣ 19618 компютер ва 2893 принтер мавҷуд буда, 681 тахтаи электронӣ ва 955 проектор мавриди истифода қарор доранд. "Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии вилояти Суғд барои

солҳои хониши 2018-2022” ба ҳолати 1-уми июли соли 2021 96,0 фоиз таъмин гардидааст.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Исфара дар айни ҳол 2104 адад компютер ва 71 адад тахтаи электронӣ мавҷуд мебошад. Дар давоми шаш моҳи соли 2021 аз тарафи кормандони Маркази технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсияи назди раёсати маориф 38 адад компютерҳо аз таъмир бароварда шуданд.

Ҳоло дар 75 муассисаҳои таълимии шаҳри Истаравшан 79 озмоишгоҳҳои фанҳои физика, химия ва биология вуҷуд доранд, лекин на ҳамаи онҳо бо таҷҳизоти нави техникӣ, асбобҳои барқӣ, реактивҳо ва дигар лавозимоти лабораторӣ таъминанд.

Дар давраи ҳисоботӣ мувофиқи нақшаи филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар вилояти Суғд ва Раёсати маорифи шаҳр 207 нафар омӯзгорон аз курсҳои такмили ихтисос гузаронида шуданд.

Дар шаш моҳаи аввали соли 2021 ба 97 нафар мутахассисони ҷавоне, ки дар муассисаҳои таълимии деҳот фаъолият мебаранд дар соли таҳсили 2020-2021 ба маблағи 83524 сомонӣ иловапулии 10 фоиз дода шудааст. Се нафар омӯзгорони ҷавон, аз ҷумла Азамов Наврӯз Орзуқулович - омӯзгори фанни географияи МТМУ №50, Меҳрзодаи Маъмурҷон - омӯзгори фанни географияи МТМУ №36 ва Содиқова Фарзона Ӯктамҷоновна – омӯзгори фанҳои таърих ва ҳуқуқи гимназияи №2 барои гирифтани қарзҳои имтиёзнок ва Махкамов Ҷаҳонгир - омӯзгори фанни таърих ва ҳуқуқи МТМУ №40 барои гирифтани қитъаи замин муроҷиат намуданд, ки ҳалли масъалаи мазкур таҳти назорати қатъи гирифта шудааст.

Мушкилиҳо: дар шаҳри Истаравшан иҷрои сусти харидории компютерҳо (10,7%) ва тахтаҳои электронӣ (18,8%) тибқи нақшаи “Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияи иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022” ба назар расида, бинобар сабаби маблағгузорӣ нагардидани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 29.09.2017, №443 «Дар бораи Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» ва иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2017, №544 дар бораи “Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2018-2020” андешидани чораҳои зарурӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба миён омадааст. Инчунин дар ҳолати садамавӣ қарор доштани 3 адад муассисаҳои таълимӣ (МТМУ №18,48,50) ва оғоз нагардидани идомаи сохтмони МТМУ №8, 43. дар ноҳияи Спитамен бинобар сабаби мавҷуд набудани муассисаи таълимӣ дар деҳаи Курушкадаи Ҷамоати деҳоти Куруш норасогии ҷойи нишаст дар муассисаи таълимии №29 ба миён омада, рафти сохтмони синфхонаҳои иловагӣ бинобар сабаби мавҷуд набудани маблағи зарурӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №16, 30 боздошта

шудааст. Инчунин дар Ҷамоати деҳоти Хуррамзамин муассисаи томактабӣ маҷуд намебошад. Дар шаҳри Конибодом масъалаи ба итмом расонидани сохтмони биноҳои нотамоми таълимӣ дар муассисаҳои таълимиии миёнаи умумии №№1,19,46 ва андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати бартараф намудани муассисаҳои садамавӣ (№9,12,17,18,34, кӯдакистони №8) ба миён омадааст. Дар шаҳрҳои Гулистон, Истиқлол ва ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров, Деваштич норасоии китобҳои дарсӣ, хусусан бо забонҳои русӣ ва ӯзбекӣ мебошад. Дар ноҳияи Ашт сохтмони муассисаҳои таълимӣ дар маҳаллаҳои навтаъсиси ҷамоатҳои деҳоти Ошоба, Пунук ва Ашт мебошад

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини иҷрои босифат ва маблағгузории саривақтии барномаҳои давлатии соҳавӣ, аз ҷумла барномаи компютеркунонӣ, таълиму такмили омӯзиши забони русӣ ва англисӣ, таҷҳизонидани кабинетҳои физика, химия, биология барои гузаронидани амалиётҳои таҷрибавӣ, таъмиру таҷдиди муассисаҳои таҳсилоти садамавӣ, бартараф намудани норасоии омӯзгорон ва китобҳои дарсӣ, васеъ намудани фарогирии кудакон ба муассисаҳои томактабӣ чораҷӯӣ намоянд.

## 13. Рушди соҳаи тандурустӣ

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи тандурустӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 13.1. Бунёди беморхонаву марказҳои саломатӣ ва дигар иншооти тандурустӣ, таъмини таҷҳизоти озмоишӣ ва ташкили муҷаҳҳазгардонӣ дар шаҳру ноҳияҳо, шаҳрак ва деҳот ва ҳалли масъалаҳои норасоии кадрҳои тиббӣ дар маҳалҳо ва деҳоти дурдаст, 13.2. Андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати пешгирии бемориҳо, махсусан, бемории коронавирус ва дигар бемориҳои сироятии ВНМО/ВНМБ ва сил**

### 13.1. Бунёди беморхонаву марказҳои саломатӣ ва дигар иншооти тандурустӣ, таъмини таҷҳизоти озмоишӣ ва ташкили муҷаҳҳазгардонӣ дар шаҳру ноҳияҳо, шаҳрак ва деҳот ва ҳалли масъалаҳои норасоии кадрҳои тиббӣ дар маҳалҳо ва деҳоти дурдаст (банди 68 паём), (Амри ПҶТ аз 06.03.2019с. №АП-1176 Нақша-чорабиниҳои бахшида ба солҳои 2019-2021 "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" банди 26)

Дар вилоят ба ҳифзи саломатии аҳолӣ пайваста таваҷҷуҳ зоҳир шуда, баҳри амалӣ намудани барномаҳои соҳавӣ, «Консепсияи ислоҳоти соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Ҳадафҳои рушди ҳазорсола дар бахши тандурустӣ» корҳои назаррас ба иҷро расиданд.

Дар соҳаи нигаҳдории тандурустӣ бо мақсади сазовор пешвоз гирифтани 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маблағгузорӣ аз ҳамаи сарчашмаҳо сохтмон, таъмир ва азнавсозии 508 иншооти соҳа, аз ҷумла 77 беморхона, 123 бунгоҳи саломатӣ, 89 маркази саломатӣ, 21 таваллудхона, 98 нуқтаи хатна ва 100 дорухона ба нақша гирифта шудааст. Дар солҳои 2018-

2020 ва 6 моҳи соли 2021 сохтмон ва таъмиру азнавсозии 431 иншоот ба итмом расонида шуд, ки ба 84,8 фоизи нақша баробар аст.

Ба аҳолии вилоят 5304 табиб ва 18151 корманди миёнаи тиббӣ хизмат расонида истодаанд. Аз ҷумла, 2787 нафар ё 52,6 фоизи табибон ва 6812 нафар ё 37,6 фоизи кормандони миёна дорои дараҷаи тахассусии касбӣ мебошанд. Аз ҷумла, 3 доктори илми тиб ва 62 номзади илми тиб фаъолият доранд.

Дар вилоят нишондоди таъминот бо табибон ба 10 ҳазор нафар аҳолӣ ба 19,3 ва бо кормандони миёна ба 65,9 баробар мебошад.

Талабот ба мутахассисони соҳаи тиб дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳру ноҳияҳои Истиқлол 29 нафар (- 8 нафар), Бобоҷон Ғафуров 161 нафар (-26 нафар), Спитамен 25 нафар (-15 нафар), Истаравшан 8 нафар (-6 нафар), Хуҷанд 39 нафар (-1 нафар), Панҷакент 18 нафар (-25 нафар), Зафаробод 58 нафар (-5 нафар), Шаҳристон 21 нафар (-2 нафар), Гулистон 29 (-1 нафар) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам гардидааст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои мазкурро дар ин самт нишон медиҳад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Деваштич 26 нафар (0 нафар), Мастчоҳ 24 нафар (+0 нафар ), Кӯҳистони Мастчоҳ 22 нафар (0 нафар), бетағйир монда, дар шаҳру ноҳияҳои Ашт 30 нафар (+2 нафар), Исфара 74 нафар (+9 нафар), Конибодом 46 нафар (+1 нафар), Бӯстон 27 нафар (+12 нафар), Айнӣ 42 нафар (+2 нафар) нисбат ба семоҳаи аввали соли ҷорӣ зиёд гардидааст, ки ба сатҳи хизматрасонии тиббии сифатнок ба аҳолӣ таъсири манфӣ расонида, ба ҳамкории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои ҳаллӣ норасоӣ тақвият бахшида шавад.

### 13.2. Андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати пешгирии бемориҳо, махсусан, бемории коронавирус ва дигар бемориҳои сироятии ВНМО/ВНМБ ва сил (паём банди 46)

Ҷиҳати пешбурди корҳои тарғиботию ташвиқотӣ оид ба пешгирии бемориҳои сироятӣ аз ҷониби кормандони соҳаи тибби вилоят як қатор корҳо ба сомон расонида шуданд.

Дар сатҳи вилоят дар 6 моҳи соли 2021 434 нафар беморони сил дарёфт гардидаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 53 нафар зиёд аст. Шумораи умумии беморони сил дар вилоят 3149 нафар ба қайд гирифта шудааст.

Дар қайди Раёсати тандурустии вилоят ҳамагӣ 3108 нафар мубталоёни ВНМО қарор дошта, дар давраи ҳисоботӣ 112 нафар бо сирояти ВНМО ба қайд гирифта шудаанд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 38 нафар кам мебошад. Асосан гирифторони мубталои ВНМО аз 30 то 49 соларо дарбар мегиранд. Дар 6 моҳи соли 2021 30 ҳолати фавт аз ВНМО ба қайд гирифта шуда, аз соли 2001 инҷониб 918 нафар аз ин беморӣ фавтидаанд.

Бо мақсади пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ барои пешгирии интиқоли коронаровирус дар асоси амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2020, №АП –1365 ва бо мақсади амалӣ намудани чораҳои

зиддиэпидемикӣ ҷиҳати пешгирии интиқол ва пайдоиши сирояти нави коронавирус (COVID -19) дар вилояти Суғд амри раиси вилоят аз санаи 1-уми апрели соли 2020, № 48 ба тасвиб расида, ситоди вилоятӣ ташкил карда шуд.

Дар вилоят 3 беморхонаи касалиҳои сироятӣ бо 1030 кат фаъолият дошта, бар илова 1700 кати захиравии карантинӣ омода карда шудааст. Ҳамзамон, 21 муасисаи нигаҳдории тандурустии вилоят бо 5075 кат дар ҳолатҳои зарурӣ фавран омода карда мешаванд. Дар ин давра шуъбаҳои наҷот ва ҳуҷраҳои муолиҷаи интенсивии муасисаҳои нигаҳдории тандурустии вилоят бо 100 дастгоҳи нафаси сунъӣ, 367 оксигенератор, 59 кардиомонитор, 755 пулсоксиметр таъмин гардида, айни ҳол 225 дастгоҳи нафаси сунъӣ, 547 оксигенератор, 217 кардиомонитор, 965 пулсоксиметр ва 12 дастгоҳи оксигени тиббӣ дар ҳолати корӣ қарор дорад.

Ҳолатҳои бақайдгирии касалии сил дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта аз ҷумла шаҳри Хуҷанд - 22 нафар, Истиқлол -2 нафар, Деваштич -9 нафар, Зафаробод-14 нафар, Конибодом -3 нафар, Ҷаббор Расулов -2 нафар, Гулистон -2 нафар, Бӯстон-2 нафар, Шаҳристон -1 нафар кам гардидааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Айнӣ +2 нафар, Ашт +5 нафар, Бобоҷон Ғафуров +6 нафар, Истаравшан +7 нафар, Исфара +14 нафар, Панҷакент +22 нафар, Кӯҳистони Мастчоҳ +3 нафар ва Спитамен +3 нафар дар Мастчоҳ бетағйир боқӣ мондааст.

Ҳолатҳои бақайдгирии касалии ВНМО нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Конибодом -2 нафар, Панҷакент -15 нафар, Спитамен -5 нафар, Ҷаббор Расулов – 2 нафар, Ашт -9 нафар, Айнӣ -1 нафар, Зафаробод -5 нафар, кам гардида, дар шаҳрҳои Истаравшан, Истиқлол ва ноҳияи Шаҳристон бетағйир боқӣ мондааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров +4 нафар, Исфара +3 нафар, Мастчоҳ +1 нафар, Деваштич +9 нафар бақайдгирӣ нисбат ба шашмоҳаи аввали соли 2020 зиёд гардида, барои пешгирии ин беморӣ чораҳои мушаххас андешида шавад

Дар шаҳри Гулистон барои пешгирии интиқол ва сирояти коронавируси нави Ковид-19 пайваста ҷаласаҳои ситоди шаҳрӣ баргузор гардида истодааст. Доруворӣ ва маводҳои безараргардонӣ ба қадри кофӣ захира карда шудааст. Барои пешгирии интиқол ва сирояти коронавируси нави Ковид-19 гузаронидани ваксинаи кормандони буҷетӣ оғоз гардида марҳила ба марҳила гузаронида мешаванд.

Дар давраи ҳисоботи ноҳияи Истиқлол аз тарафи Вазорати тандурусти ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба беморхона ба маблағи 1 миллион сомонӣ таҷҳизот ва маводҳои тиббӣ, аз тарафи Ташкилоти ҷамъиятии Ҳилоли аҳмари Тоҷикистон ба маблағи 26 ҳазор сомонӣ маводи доруворӣ барои пешгирии бемории навъи COVID-19 ворид карда шуд.

Дар шаҳри Хуҷанд бо мақсади пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ ва безараргардонӣ ҷиҳати пешгирии бемории сироятии КОВИД-19 дар миқёси шаҳр, ҷойҳои ҷамъиятӣ, бозору марказҳои савдо, боғҳову мавзеъҳои

гаштугузори одамон, дар телевизиону радиоҳои маҳаллӣ ва сомонаи Фейсбук корҳои тарғиботӣ-фаҳмондадиҳӣ дар самти риояи қоидаҳои гигиенӣ мунтазам ба роҳ монда шуда, якчанд намуди роликҳо мунтазам дар муассисаҳои таълимӣ ва томактабӣ, нақлиётҳои мусофиркашон намоиш дода шуданд. Ҳамчунин, аз ҷониби Маркази назорати давлатии санитарӣ-эпидемиологии шаҳр мунтазам корҳои тарғиботӣ гузаронида шуда, ниқобҳои яккарата ба аҳолӣ тақсим карда мешаванд.

Боиси зикр аст, ки мувофиқи нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати пешгирии бемориҳои сироятию ғайрисироятӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва томактабӣ корҳои фаҳмонадиҳӣ ба роҳ монда шуда, дар марказҳои саломатӣ варақаҳои санитарӣ, гӯшаи саломатӣ ташкил гардидааст.

Дар ин давра мубталои бемории вируси норасогии масъунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масъуният 9 нафар дарёфт карда шуд, ки аз инҳо 6 нафар мард ва 3 нафар зан мебошанд. Фавтидагон 4 нафарро ташкил медиҳанд. (Дар ҳамин давраи соли 2020 беморон 12 нафар, аз ин 8 нафар мард ва 4 нафар зан, фавтидагон 7 нафар.)

Дар муассисаи давлатии Маркази мубориза бар зидди бемориҳои сили шаҳри Хуҷанд дар давраи ҳисоботӣ дар кайди марказ ҳамагӣ 230 нафар бемор мебошанд. Ба марказ мурочиат намудагон 3853 нафарро ташкил медиҳанд, аз инҳо 3618 нафар калонсолон ва 235 нафар кӯдакони синни то 14 соларо ташкил медиҳанд.

Дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ ду шуъба барои пешгирӣ ва табобати бемории сироятии коронавирус ташкил карда шуда, табибони ин шуъбаҳо бо сарулибоси махсуси муҳофизатӣ таъмин карда шудаанд. Айни ҳол ин шуъбаҳо бо дорувории зарурӣ пурра таъмин карда шуда, пайваста аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия масъалаи мазкур зери назорат қарор дода шудааст. Дар давоми нимсолаи аввали соли 2021 дар ноҳия 5 нафаргирифторон ба ин намуди беморӣ ба қайд гирифта шудааст, ки сари вақт ба табобат фаро гирифта шудаан.

Бахри иҷроиши қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.03.2021, №83 «Дар бораи гузаронидани иммунизатсия бар зидди бемории COVID-19 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарори раиси вилояти Суғд аз 08.04.2021, №168, қарори Раиси ноҳия аз 15.04.2021, №74 бо мақсади фаро гирифтани тамоми гурӯҳҳои мақсадноки аҳолии ноҳия бо ваксинаи зидди сирояти нави коронавирус дар марҳилаи якум ба 120 нафар кормандони соҳаи тандурустӣ аз тарафи маркази иммунопрофилактика гузаронида шуд ва ба ҳамаи онҳо гувоҳнома дода шудааст.

Дар Беморхонаи марказии шаҳри Конибодом доруворихо, маҳлулҳои антисептикӣ, корҷомаҳои яккаратву бисёркарата, респираторҳо, дастпушакҳои яккарата, гиппохлорид, айнакҳои муҳофизатӣ ва дигар таҷҳизотҳои зарурӣ захира карда шудааст.

Дар заминаи Беморхонаи минтақавии деҳоти № 4- и деҳаи Патар 35 кат барои табобати гирифторони COVID-19 ва барои қабули гумонбарон ташкил карда шуд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналхалқӣ ва ғайридавлатӣ, соҳибкорони ватанӣ ва бурунмарзӣ пас аз эълон гардидани аз тарафи Ташкилоти умумичаҳонии тандурустӣ ҳолати Пандемия нисбати коронавируси нави COVID – 19 густариш дода шуда, аз тарафи гурӯҳи соҳибкорони тоҷик дар Федератсияи Россия, ҶДММ "Созмон", ташкилотҳои ҷамъиятии "Имдоди Ғайрат", Ҳилоли аҳмари Тоҷикистон, гурӯҳҳои Азия +, "Гурӯҳи 55" респиратор – 410 дона, айнак – 245 дона , ниқоб – 6450 дона, корҷома – 674 дона ва маводҳои безараргардонии гипохлориди натрий - 1000 литр, антисептик 100 мл – 10 адад тӯҳфа карданд.

Дар давоми шаш моҳи соли равон ягон нафар гумонбар ё худ сироятёфтагон бо Ковид-19 ба табобати статсионарӣ бистарӣ карда нашудаанд.

Дар ин давра дар ноҳияи Айнӣ аз ҳисоби Вазорати тандурусти ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба беморхонаи минтақавии деҳаи Рарз як адад Оксигенератор бо миқдори 11500 сомонӣ, як адад Небупайзер бо миқдори 980 сомонӣ, се адад Пулсоксиметр бо миқдори 1095 сомонӣ, як адад ЭКГ бо миқдори 14980 сомонӣ, панҷ адад мизи якҷевондор бо миқдори 2150 сомонӣ, як адад Кушетка бо миқдори 600 сомонӣ, панҷ адад ҷевончаи назди кати бемор бо миқдори 950 сомонӣ, 10 адад кати хоб бо миқдори 7000 сомонӣ, 10 адад матрас бо миқдори 1357,60 сомонӣ, 10 адад курпача бо миқдори 1280 сомонӣ, 10 адад болишт бо миқдори 368,70 сомонӣ, 10 адад рахти хоб бо миқдори 1000 сомонӣ. Дар умум бо миқдори 43261 сомонӣ таҷҳизот ва лавозимотҳои зарури ворид гардид.

Аз ҳисоби бахши ноҳиявии ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари тоҷик дар ноҳияи Айнӣ як миқдор доруворӣ ва маводҳои лавозимотҳои тиббӣ бо миқдори 57513 сомонӣ ба тариқи ройгон ба беморхонаи марказии ноҳия ворид гардид.

Дар тадбирҳои безараргардонӣ зиёда аз 345000м$^2$ майдонҳои одамгузар, роҳравҳо ҷойҳои ҷамъшавии одамон безарар карда шуд.

Дар шаҳри Истаравшан ҷиҳати пешгирии ҳолатҳои сироятии ВНМО/ВНМБ, сил ва дигар касалиҳои сироятӣ нақшаи чорабиниҳо таҳия намуда мунтазам, корҳои ташвиқотиву тарғиботи тавассути васоити ахбори омма, мулоқоту вохуриҳо ташкил ва баргузор карда мешаванд. Дар нимсолаи аввали соли 2021 масъалаи мазкур 10 маротиба мулоқоту вохурӣ, 5 маротиба баромадҳо дар радиоҳои маҳаллӣ ва 1 семинарҳо ташкил ва баргузор карда шуданд. Ҳамзамон дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр Шӯрои ҳамоҳангсозии пешгирии бемориҳои ВНМО/БПНМ ташкил ёфтааст, ки мунтазам фаъолияташро ба роҳ мондааст.

**Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ**

**13.4. (13.4.,13.5.) Хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандони дар ҳолати душвор қарор дошта (гуруҳи осебпазир) арзёби мегардад.**

**13.4. Ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолии кишвар ва корҳои анҷомдода ҷиҳати расонидани кӯмак, ҳалли масъалаҳои иҷтимоии гуруҳҳои осебпазири аҳолӣ, дар навбати аввал ятимону маъюбон шахсони**

**бесарубонмондаву эҳтиёҷманд ва нафақахӯрону собиқадорон (банди 2 паём)**;

Дар вилоят 22 муассисаи иҷтимоӣ фаъолият мебаранд, ки шумораи бошандагони он 1828 нафарро ташкил медиҳад.

Шумораи умумии маъюбон ба санаи 1 июли соли ҷорӣ 47646 нафар, аз ҷумла маъюбони гурӯҳҳои 1,2,3 39555 нафар ва кӯдакони маъюби то синни 18-сола 8121 нафар мебошад.

Шумораи нафақагирон 235583 нафар ба қайд гирифта, аз он гирандагони нафақаи меҳнатӣ 185866 нафар, бесаробонмонда 8616 нафар ва иҷтимоӣ 44525 нафар, аз ҷумла маъюбон аз овони кӯдакӣ 19407 нафар мебошанд. Шумораи умумии нафақагирон нисбат ба нимсолаи аввали соли қаблӣ 5248 нафар зиёд шуда, андозаи нафақаи миёна ба 304,20 сомонӣ баробар шудааст. Дар вилоят 87644 оила ҳамчун камбизоат ба қайд гирифта шудаанд.

Бо назардошти хизматҳои бузурги иштирокчиён ва маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, маъюбони амалиёти ҷангӣ дар қаламрави давлатҳои дигар, маъюбони барқароркунии сохти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои оилаҳои ҷанговарони дар ин ҷангҳо ҳалокшуда, шахсони дар давраи Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 дар ақибгоҳ меҳнат намуда, инчунин маъюбони бартарафкунии садамаи Нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил кӯмакпулии ҳармоҳа пардохт карда мешавад.

Дар нимсолаи аввали соли 2021 тибқи қарорҳои раиси вилоят аз 6 январи соли 2021, №№ 02, 03, 04 ва 05 пардохти кӯмакпулӣ пешбинӣ гардида, то ин давра 737380 сомонӣ кӯмакпулӣ пардохта шуд.

Ба истиқболи ҷашнҳои миллӣ дар ҳамаи мактаб-парваришгоҳҳои ҳудуди вилоят, хонаи пиронсолон дастурхони идона ороста, тӯҳфаҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва сарпарастон тақдим гардиданд.

Инчунин, оилаҳои камбизоат, беморони барҷомонда, кӯдакони маъюбу ятим аёдат карда, аз ҷиҳати моддиву маънавӣ дастгирӣ ёфтанд.

Аз ҷумла, ба муносибати Иди Рамазон ба 42600 нафар шаҳрвандони камбизоат, бесаробонмонда, маъюбону ятимон, собиқадорони ҷангу меҳнат, бошандагон ва тарбиятгирандагони муассисаҳои иҷтимоии вилоят ва сарбозони қисмҳои ҳарбӣ ба маблағи 16428,0 ҳазор сомонӣ кӯмаки моддию молиявӣ расонида шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи оилаҳои камбизоат, дар вилоят нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд шуда (+25595 адад, ҳамагӣ 87644 адад/62049), дар шаҳру ноҳияҳои Айнӣ +2125 (6663 адад), Зафаробод +428 (3768 адад), Хуҷанд +4983 (3728 адад), Исфара +7781 (3798 адад ), Конибодом +4794 (491 адад), Шаҳристон + 1739 (3099 адад), Бӯстон +1723 (711 адад), Ҷаббор Расулов +3483 (1376 адад), Деваштич +1340 (7090 адад), Бобоҷон Ғафуров +2721 (9205 адад), Ашт +1720 (5852 адад), Гулистон +1008 (18 66 адад), Истиқлол +822 (1023 адад), Истаравшан +906 (8453 адад), Кӯҳистони Мастчоҳ +352 (923 адад), Мастчоҳ +836 (4057 адад), Панҷакент +1983 (9645 адад) ва Спитамен +1984 (3236 адад) зиёдшавии он ба назар мерасад, ки омӯзиши сабабҳои он ва беҳтар

намудани вазъи марҳилавии рушди иҷтимоию иқтисодии ин шаҳру ноҳияҳо ба миён омадааст.

Бо назардошти хизматҳои бузурги иштирокчиён ва маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, маъюбони амалиёти ҷангӣ дар қаламрави давлатҳои дигар, маъюбони барқароркунии сохти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои оилаҳои ҷанговарони дар ин ҷангҳо ҳалокшуда, шахсони дар давраи Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 дар ақибгоҳ меҳнат намуда, инчунин маъюбони бартарафкунии садамаи Нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил кӯмакпулии ҳармоҳа пардохт карда мешавад.

Дар нимсолаи аввали соли 2021 тибқи қарорҳои раиси вилоят пардохти кӯмакпулӣ пешбинӣ гардида, то ин давра 1348,9 сомонӣ кӯмакпулӣ пардохт карда шудааст.

Дар ин давра дар ноҳияи Зафаробод бахшида ба идҳои миллӣ ва санаҳои таърихӣ ба 1630 нафар ҷамъ ба маблағи 231580 сомонӣ кӯмакҳои моддӣ ба собиқадорони меҳнат, нафақахӯрон, оилаҳои бесаробонмондаву эҳтиёҷманд, табақаҳои камбизоати аҳолӣ, ятимону маъюбон ва оилаҳои аз ду нафар зиёд маъюб дошта, кӯмакҳои моддӣ расонида шуд. Ичунин ба дидбонгоҳҳои сарҳадии ҳудуди ноҳия ба маблағи 17076 сомонӣ дастурхони идона ороста, чорабиниҳои фарҳангию маърифатӣ ба роҳ монда шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ба мактаб-интернати кӯдакони ношунаво ва шунавоиашон сусти ба номи Т.Ғаффоров" ва "Маркази вилоятии барқарорсозӣ ва солимгардонии кӯдакон" дар маҷмӯъ 416,0 ҳазор сомонӣ кӯмакҳои моддӣ расонида шудааст.

Дар арафаи Соли нави 2021 947 оила ба маблағи 169,6 ҳазор сомонӣ, дар Иди Наврӯз 820 оила ба маблағи 246,6 ҳазор сомонӣ ва дар иди Саиди Фитр 3685 оила ба маблағи 1133,1 ҳазор сомонӣ аз ҷумла, оилаҳои ниёзманд, собиқадорони ҷангу меҳнат, оилаҳои маъюбдор, шахсони яккаву танҳо, бесаробон, қисмҳои ҳарбӣ аёдат карда шуданд, ки маблағи умумии он 1133,1 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

То санаи 1 июли соли 2021 аз ҷониби комиссияи ноҳиявӣ 9363 адад муроҷиатҳои шаҳрвандони ноҳия бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ омода гардида, аз ҷониби мутахассисон ҳамаи ҳуҷҷатҳо ба барномаи АСИСТ ворид гардида, аз он ба 8690 нафар шаҳрвандони ноҳия кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ таъин гардидааст.

Дар давраи ҳисоботӣ ба ин оилаҳои камбизоат кӯмаки унвонии иҷтимоӣ тавассути шӯъбаи БДА ҶТ “Амонатбонк” дар ноҳия маблағ ба миқдори 1661,8 ҳазор сомонӣ ворид гардида, дастрас карда шудааст.

Дар ин давра ҳуҷҷати як нафар эҳтиёҷманд барои ҷойгир кардан ба "Муассисаи давлатии хона-интернати беморони руҳӣ дар ноҳияи Ҷаббор Расулов" ба мақомоти болоӣ пешниҳод карда шуда, ду нафар шаҳрванди ноҳия ба минтақаи хизматрасонии иҷтимоӣ барои маъюбон ва пиронсолони шаҳри Хуҷанд ҷойгир карда шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ ба 28 нафар эҳтиёҷмандон аробачаи маъюбӣ дастрас карда шуда, ҷиҳати таъмин намудани боқимонда эҳтиёҷмандон корбарӣ идома дорад.

Дар шаҳри Гулистон ду нафар собиқадорон, ки дар рушду нумуи кишвар саҳми арзанда гузоштаанд бо туҳфаи Раиси вилоят ҳар кадоме ба маблағи дар ҳаҷми 500 сомонӣ қадрдонӣ карда шуданд. Аз ҷониби Раиси шаҳр шаш нафар собиқадорони меҳнат бо маблағи пулӣ ва маводи озуқаворӣ аёдат гардиданд.

Ҳамчунин, ба 255 нафар эҳтиёҷмандон ба маблағи беш аз 38675 сомонӣ кумаки моддӣ расонида шуд. Ба 150 нафар ниёзмандон бо дастгирии соҳибкорон ба маблағи 15000 сомонӣ дастархони идона ороста шуд.

Ҷиҳати хотирмон таҷлил кардани иди Наврӯз ба қисмҳои ҳарбии шаҳр ба маблағи 6500 сомонӣ маводи хӯрокворӣ дастрас гардида, оростани дастархони идона бо ташкили барномаҳои фарҳангӣ ба роҳ монда шуд.

Аз ҷониби корхонаҳои сарпараст КВ "Экспедитсияи комплекси геологии Қайроққум" ба муҳассилини мактаб-интернати кӯдакони кар ва шунавоиашон сусти ба номи Тӯхтабой Ғаффорови ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ба маблағи 2000 сомонӣ, Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Қолинҳои Суғд"-и шаҳри Гулистон ба муассисаи давлатии "Хона-интернати пиронсолон ва маъюбон дар шаҳри Панҷакент" ба маблағи 1500 сомонӣ ва ҶДММ ширкати саноати куҳии Тоҷикистону Хитой ба мактаб-интернати кӯдакони биноиашон заифи ноҳияи Исфара ба маблағи 5000 сомонӣ дастархони идона ороста шуд.

Мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.05.2020, №271 "Дар бораи ҷорӣ намудани механизми таъин ва пардохти кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба барнома ҳамагӣ 1801 нафар оилаҳои камбизоат ворид карда шуда, аз онҳо 1866 нафар ҳамчун оилаҳои камбизоат тасдиқ гардида, 29 нафар шаҳрвандон тавассути системаи иттилотии барнома рад карда шуд.

Ҷиҳати пешгирии паҳншавии коронавируси COVID-19 ба оилаҳои камбизоати дорои кӯдакони то 3-сола дар маҷмӯъ 234,5 ҳазор сомонӣ кумакпулӣ ҷудо гардида, ба 469 нафар пурра пардохт карда шуд. Ҳамчунин, кӯмакпулии якдафъаина дар ҳаҷми 400 сомонӣ ба маблағи 447600 сомонӣ ҷудо гардида, ба 1119 нафар оилаҳои камбизоат пардохт карда шуд.

Дар ноҳияи Деваштич шумораи умумии маъюбони нафақагир дар ноҳия аз беморҳои умумӣ 1045 нафар, маъюбӣ аз бачагӣ - 1665 нафар, маъюбони иҷтимоӣ -571 нафар, маъюбони Артиши миллӣ -37 нафар, маъюбони садамаи Чернобил 11 нафар, маъюбони ҷанги Афғонистон 4 нафар ва маъюбони барқароркунии сохти конститутсионӣ 5 нафар, ҳамагӣ – 3338 нафар мебошад.

Дар ноҳияи Айни ҳол шумораи кӯдакони ятими кулл 19 нафар ба қайд гирифта шуда, дар бонкҳо ба 19 нафар кӯдакони ятимони кулл суратҳисоб кушода шудааст ва раисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳияро вазифадор карда шудаанд, ки барои ғанӣ гардонидани суратҳисобҳо тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшан, дар партави дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои

миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати таъмини шароити мусоиди зиндагӣ ба табақаҳои ниёзманди аҳолӣ ба хусус маъюбон, иштирокчиёни ҶБВ, байналмиллал, барқароркунии сохти конститутсионӣ, хизматчиёни ҳарбие, ки ҳангоми адои хизмати ҳарбӣ ҳалок гаштаанд ва оилаҳои камбизоат эҳтиёҷи кумаку дастгирӣ мебошанд, бояд бо ғамхорӣ фаро гирифта шуда, дар рӯзҳои иду айём ва ҷашнҳо ба 7279 нафар ба маблағи 1258,3 ҳазор сомонӣ аёдат карда шуданд. Дар шаш моҳи соли 2021 аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба 283 шахсони камбизоат бо маблағи 48000- сомонӣ кӯмаки молиявӣ ҷудо карда шуд.

Дар шаҳр 1 муассисаи иҷтимоӣ фаъолият мебарад, ки шумораи бошандагони он дар шаш моҳи соли 2021 74 нафарро ташкил медиҳад, ки ба онҳо 57 нафар кормандон хизматрасонӣ менамоянд.

Дар шаҳри Панҷакент дар давраи ҳисоботӣ 9645 оила ҳамчун камбизоат ба қайд гирифта шуданд. Кӯмакпулии унвониии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 майи соли 2020, №271«Дар бораи ҷорӣ намудани механизми таъин ва пардохти кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мунтазам пардохт карда мешавад.

Шумораи умумии маъюбон дар 6 моҳи соли 2021 - 4936 нафар, аз ҷумла кӯдакони маъюби то синни 18 сола 906 нафар мебошанд.

Шумораи нафақагирон 26027 нафар ба қайд гирифта шуда, андозаи миёнаи нафақа 302 сомонӣ ҳисоб карда шудааст.

Бо назардошти хизматҳои бузурги иштирокчиён ва маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, маъюбони амалиёти ҷангӣ дар қаламрави давлатҳои дигар, маъюбони барқароркунии сохти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои оилаҳои ҷанговарони дар ин ҷангҳо ҳалок шуда, шахсони дар давраи ҶБВ солҳои 1941-1945 дар ақибгоҳ меҳнат намуда, инчунин маъюбони бартарафкунии садамаи Нерӯгоҳи барқи-атомии Чернобел кӯмакпулии ҳармоҳа пардохт кардамешавад.

Кӯмакпулии якваќтаинаи молиявӣ ба оилаҳои ниёзманд аз ҳисоби фонди захиравии раиси шаҳри Панҷакент дар шаш моҳи соли равон ба 414 нафар шаҳрвандон маблағи умумии 167290 сомонӣ дастрас карда шуд.

Мушкилот: Набудани хонаи ятимон ва ё интернат барои кӯдакони имконияташон маҳдуд, бинои алоҳидаи маркази тавонбахшӣ ва фонди дастгирии шахсони имконияташон маҳдуд дар шаҳри Панҷакент.

Чорабиниҳо барои бартараф намудани мушкилот: Аз ҷониби Ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ё буҷети давлатӣ ташкил намудани Фонди дастгирии шахсони имконияташон маҳдуд дар ҳудуди шаҳри Панҷакент ва ё водии Зарафшон бо ҷалби шарикони рушд мувофиқи мақсад мебошад.

Дар шаҳри Хуҷанд бояд қайд намуд, ки ҷиҳати расонидани кӯмак, ҳалли масъалаҳои иҷтимоии гуруҳҳои осебпазири аҳолӣ, ятимону маъюбон шахсони бесаробонмондаву эҳтиёҷманд ва нафақахӯрону собиқадорон чораҳои амалӣ андешида шуда истодааст.

Ҳоло дар шаҳр 1254 нафар ятимон, 41 нафар ятими кулл, 4629 адад оилаҳои камбизоат вуҷуд дорад, ки онҳо ҳамарӯза таҳти парастории мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр қарор доранд.

Дар ҳудуди шаҳр 7 адад муассисаҳои иҷтимоӣ бо 446 нафар бошандагони доимӣ ва муваққатӣ фаъолият дорад.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми маблағи аз буҷети маҳаллӣ барои ҳифзи иҷтимоӣ ҷудошуда 1752,9 ҳазор сомониро ташкил дод.

Ба ҳолати 1 июли соли 2021 шумораи нафақахӯрон 19123 нафарро ташкил намуда, андозаи миёнаи нафақа 396,1 сомониро ташкил медиҳад. Талаботи пардохти умумии нафақа бошад, дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ 46,5 млн. сомониро ташкил дода, маблағи он пурра ва саривақт пардохт карда шуд. Теъдоди нафақагирони меҳнатӣ 16736 нафар ва нафақагирони иҷтимоӣ 2387 нафарро ташкил медиҳанд.

Шумораи маъюбоне, ки дар қайди расмӣ истодаанд, дар ин давра 4473 нафарро ташкил дода, он нисбат ба ҳамин давраи соли сипаригашта 129 нафар кам шудааст. Аз шумораи умумии маъюбон 2004 нафар мардҳо ва 2469 нафар занонро ташкил медиҳад, ки он нисбат ба ҳамин давраи сипаригашта мутаносибан 62 нафар ва 67 нафар кам шудааст. Шумораи кӯдакони маъюби то 18 сола бошад, 520 нафарро ташкил намуда, аз онҳо 301 нафар писар ва 219 нафар духтаронро ташкил медиҳанд. Шумораи нафақагирони бесаробонмонда 892 нафарро ташкил медиҳанд.

Дар давраи ҳисоботӣ низ баҳри дастгирии маъюбон, камбизоатон, иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва маъюбони дар истифодаи имтиёз ба онҳо баробар аз ҳисоби маблағи буҷетӣ кӯмакпулӣ муқаррар карда шудааст.

Аз ҷумла, мутобиқи қарори Раиси вилоят аз 06 январи соли 2021 № 03 ба 13 нафар шаҳрвандони дар ақибгоҳ фидокорона меҳнат кардаанд 100 сомонӣ, мутобиқи қарори Раиси вилояти Суғд аз 06 январи соли 2021 № 04 ба 89 нафар маъюбони амалиёти ҷангӣ дар қаламрави давлатҳои дигар, маъюбони барқароркунии сохти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои оилаи ҷанговарони дар ин ҷангҳо ҳалокгардида, инчунин маъюбони Артиши шуравӣ ҳар моҳ ба андозаи 100 сомонӣ ва ба 25 нафар маъюбони рафъи оқибатҳои садамаи экологӣ (иштирокичиёни рафъи садамаи Чернобили маъюбидошта) тибқи қарори Раиси вилоят аз 06 январи соли 2021 № 05 ҳар моҳ 100 сомонӣ кӯмакпулӣ, пардохт шуда истодааст.

Ҳамчунин тибқи қарори раиси шаҳри Хуҷанд аз 4 феврали соли 2021, №29 ба 75 нафар маъюбони амалиёти ҷангӣ дар қаламрави давлатҳои дигар, маъюбони барқароркунии сохти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин аъзои оилаи ҷанговарони дар ин ҷангҳо ҳалокгардида ва дар истифодаи имтиёз ба онҳо баробар аз ҳисоби маблағи буҷети маҳаллӣ ба андозаи ҳар моҳ 30 сомонӣ кӯмакпулӣ муқаррар карда шудааст. Мутобиқи қарори раиси шаҳри Хуҷанд аз 4 феврали соли 2021 №30 ба 13 нафар шаҳрвандони дар ақибгоҳ фидокорона меҳнат кардаанд 25 сомонӣ ва ба 24 нафар маъюбони рафъи оқибатҳои садамаи экологӣ (иштирокичиёни рафъи садамаи Чернобили маъюбидошта) тибқи қарори раиси шаҳри Хуҷанд аз 04

феврали соли 2021 №31 ҳар моҳ 25 сомонӣ, мутобиқи қарори раиси шаҳр аз 04 феврали соли 2021 таҳти №32 ба 14 нафар маъюбони Артиши шӯравӣ ҳар моҳ 30 сомонӣ кӯмакпулӣ дода шуда, пардохти он давом дорад. Инчунин, дар асоси қарори раиси шаҳр таҳти № 33 аз 04 феврали соли 2021 аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба 54 нафар нафақахуроне, ки барои хизматҳои махсус дар назди вилоят қадршиносӣ гардидаанд, иловапулӣ ба нафақаашон, ки маблағи умумии моҳонаи он 6600,00 сомониро ташкил медиҳад, пардохт шуда истодааст.

Дар ноҳияи Шаҳристон дар нимсолаи якуми соли 2021 тибқи қарорҳои Раиси вилояти Суғд ба иштирокчиён ва маъюбони ҶВБ, маъюбони амалиётҳои ҷангӣ дар қаламрави давлатҳои дигар, маъюбони барқароркунии сохти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзоёни оилаҳои ҷанговарони дар ҷанг ҳалокгардида ҳар моҳ ба андозаи 100 сомонӣ, ба шахсоне, ки дар давраи ҶБВ солҳои 1941-1945 дар ақибгоҳ меҳнат намуда ҳар моҳ ба андозаи 100 сомонӣ, ба маъюбони Артиши Шӯравӣ ҳар моҳ ба андозаи 100 сомонӣ, ба маъюбони бартарафкунии садамаи нерӯгоҳи барқӣ атомии Чернобил ҳар моҳ ба андозаи 100 сомонӣ ҷудо ва пардохт карда шудааст. Дар маҷмӯъ ба миқдори 11440 сомонӣ кӯмакпулӣ пардохт гардидааст.

Дар ноҳия интернати давлатии наздимактабии ба номи Бойматов Д. мавҷуд буда, дар он 50 нафар кӯдакони бепадар, ятими кул ва аз оилаҳои камбизоату эҳтиёҷманд таълиму тарбия гирифта истодаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ ба муассисаи иҷтимоии интернати давлатии наздимактабии ба номи Бойматов Д. бахшида ба Иди Наврӯз ва Иди Ваҳдат барои 50 нафар тарбиятгирандагон аз тарафи соҳибкори маҳаллӣ ба маблағи 1550 сомонӣ дастархони идона ороста шудааст.

Дастгирии маъюбон, оилаҳои камбизоат, шахсони барҷомонда ва иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар мадди назари мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия қарор гирифтааст.

Дар арафаи иду айёмҳо иштирокчиён ва маъюбони Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 аз тарафи сарпарастон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия мунтазам аёдат ташкил ва гузаронида шуда истодааст.

Бахшида ба ҷашни солгарди ташкилёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, оилаҳои шаҳидони сохти конститутсионӣ, сарбозони дар вақти хизмат ҳалок гашта, иштирокчиёни сохти конститутсионӣ ва ҷанговарони байналмилал дар маҷмӯъ ба 86 нафар шаҳрвандон ба маблағи 4400 сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои фонди захиравии раиси ноҳия кӯмаки яквақтаи моддӣ расонида шуд.

Инчунин, дар давраи ҳисоботӣ ба 274 нафар оилаҳои камбизоат дар асоси қарорҳои раиси ноҳия аз ҳисоби маблағҳои фонди захиравии раиси ноҳия ба маблағи 18063 сомонӣ кӯмаки яквақтаи моддӣ расонида шудааст.

Дар ин давра мувофиқи ноҳия дар маҷмуъ ба маблағи 86510 сомонӣ аёдат ташкил ва гузаронида шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳия 684 нафар маъюбон ба қайд гирифта шудаанд, ки аз онҳо 389 нафар мардон ва 295 нафарро занон ташкил медиҳад.

Аз он ҷумла, кӯдакони маъюби то синни 18-сола 131 нафар, аз онҳо 57 нафар писарон ва 74 нафар духтарон мебошанд.

Ба ҳолати 1 июли соли 2021-ум 9744 нафар шаҳрвандон барои гирифтани кӯмаки унвонии иҷтимоӣ муроҷиат намуда, аз он ҷумла 2962 нафар интихобшудагон, 185 нафар ба қайд гирифта шуда, 2016 нафари онҳо рад карда шуда, 4380 нафар мӯҳлаташ ба охир расида, 143 нафар шаҳрвандон дар марҳиллаи бақайдгирӣ қарор доранд.

**13.5. Иҷроиши барномаҳои қабулшуда дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла расонидани хизматрасонии тиббӣ дар хона**

Доир ба иҷрои барномаҳои қабулшуда дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар вилоят корҳои мушаххас анҷом дода шудааст.

Ба санаи 1 июли соли 2021 дар ноҳияи Зафаробод шумораи маъюбони дар қайдбуда 1009 нафар, аз он ҷумла мардон 435 нафар ва 360 нафарашон занон мебошанд. Кӯдакони маъюби то синни 18 сола 214 нафар аз он ҷумла, писарон 130 нафар ва духтарон 84 нафарро ташкил медиҳанд, ки 17 нафарашон аз тарафи 21 нафар омӯзгорон ба таҳсили хонагӣ фаро гирифта шудаанд.

Ҷараёни пардохти кӯмакпулиҳои иҷтимоию унвонӣ ба санаи 1 июли соли 2021-ум 3599 адад ҳамчун оилаи камбизоат эътироф гардидааст. Дар ин давра барои пардохти кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ 723820 сомонӣ маблағ ворид гардидааст. Маблағи умумӣ бо назардошти бақия 913368 сомонӣ буда, аз ҳисоби маблағҳои пардохтгардида дар ин давра 741852 сомонӣ пардохт карда шуда, ба санаи 1 июли соли 2021 маблағи бозпасгардонида 23168 сомонӣ буда, бақияи маблағ 148348 сомониро ташкил дода, тақсимоти маблағ идома дорад.

Ҳоло эҳтиёҷмандони хизмати иҷтимоӣ 386-нафар шахсони яккаву танҳо, пиронсолон, одамони ғайри қобили меҳнат, аз онҳо 103 -нафар мард, 222-нафар зан, 61-нафар кӯдакони дорои маъюбият ташкил менамоянд, ки ба онҳо 59 нафар кормандони иҷтимоӣ хизмат менамоянд.

Бо дастгирии Вазорати тандурустӣ ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷалби лоиҳаи Аврупоӣ дар шаҳри Истаравшан барои 100 кӯдакони имкониятașон маҳдуд ТҶ “Меҳри дил”аз 1 январи соли 2017 ташкил карда шудааст, ки дар онҷо 15 кормандон, аз ҷумла 12 занҳо, 6 мардҳо, аз онҳо 6 маълумоти олӣ, 5 маълумоти миёнаи махсус, 4 маълумоти миёна фаъолият менамоянд. Ба кӯдакон табобатҳои физиотерапевтӣ, маҳси бадан, машқҳои варзишӣ, инчунин хизматрасонии иҷтимоӣ-маишӣ, тиббӣ, педагогӣ, равонӣ, ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад.

Муассисаи давлатии «Маркази дастгирии оила ва кӯдак» аз соли 1918 ҳамчун хонаи кӯдакон таъсис ёфта, дар асоси қарори раиси шаҳри Истаравшан аз 27 декабри соли 2018, №534 ба Муассисаи давлатӣ «Маркази дастгирии оила ва кӯдак «Фарзанди Ватан» табдил дода шуд.

Ҳоло марказ ба 48-нафар кӯдакони иҷтимоии имкониятașон маҳдуд дар будубоши рӯзона ва 23-нафар кӯдакони доимии шабонарӯзӣ дар 5 равия хизмат расонида истодааст.

Ба кӯдакон хизматҳои иҷтимоӣ ба монанди тандармонӣ, ташаккули малакаҳои худхизматрасонӣ, рушди нутқ, тайёрнамоӣ ба мактаб расонида мешавад.

Дар шаҳри Хуҷанд вобаста ба масъалаҳои ҳалталаби соҳаи иҷтимоӣ "Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020" қабул гардидааст, ки тамоми фаъолияти соҳа дар асоси ин ҳуҷҷати муҳим амалӣ гардида истодааст.

Маврид ба зикр аст, ки дар тобеияти бахши хифзи иҷтимоии аҳолии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд 1 адад шӯъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона ба пиронсолон ва маъюбон фаъолият менамояд.

Айни замон, аз ҷониби 21 нафар хизматгузорон ва як нафар ҳамшираи шафқати шӯъба ба 105 нафар занҳо, 50 нафар мардон, ҷамъ ба 155 нафар шахсони яккаву танҳо, бепарастор ва маъюбону оилаҳои ба хизмати хонагӣ ниёздошта хизматрасонии иҷтимоӣ расонида мешавад, ки аз онҳо пиронсолони яккаву танҳо ва нафақагирони синну солӣ 21 нафар, кӯдакони имконияташон маҳдуд 24 нафар, маъюбони гурӯҳҳои 1,2,3-юм 78 нафар ва оилаҳои камбизоату саробонгумкарда 32 нафар мебошанд.

Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ 11 нафар эҳтиёҷмандон ба қайд гирифта шуда, 6 нафар бо сабаби вафот, 3 нафар бо хоҳиши худ аз қайд бароварда шуданд. Дар ин давра аз тарафи ташкилотҳои ҷамъиятии "Ҳилоли Аҳмар" ва "Умед барои ҷомеа" маводҳои хӯрока дастрас карда шуда, аз ҷониби саховатмандон ба 13 нафар истифодабарандагон кӯмакпулии якваќта ба маблағи 2,0 ҳазор сомонӣ расонида шуд.

Дар ноҳияи Шаҳристон ҷиҳати татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №455 "Дар бораи Барномаи миллии тавонбахши маъюбон барои солҳои 2017-2020" қарори раиси ноҳияи Шаҳристон аз 04.03.2017 сол, № 73 ба тавсиб расида, чораҳои зарурӣ андешида шуда истодааст.

Дар ноҳия маркази хизматрасонии иҷтимоӣ барои кӯдакони имконияташон маҳдуд ва шахсони дар ҳолати душвори зиндагӣ қарордошта аз собиқ бинои таваллудхонаи беморхонаи марказии ноҳия 6 ҳуҷра ҷудо карда шудааст.

Маркази хизматрасонии иҷтимоӣ барои кӯдакони имконияташон маҳдуд ва шахсони дар ҳолати душвори зиндагӣ қарордошта, таҳти унвони "Мадад" бо 7 нафар ҷойи кори доимӣ ташкил гардида, маркази хизматрасонии мазкур ба 44 нафар кӯдакони имконияташон маҳдуд ва ба 16 нафар шахсони дар ҳолати душвори зиндагӣ қарор дошта, хизматрасонӣ намуда истодааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои пешгирии касалиҳои сироятӣ (хусусан сил, ВНМО) чораҳои иловагӣ андешида, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии тиббӣ бозҳам пурзур намудани сатҳи хизматрасонӣ ва ҳалли мушкилоти дарҷгардида, фаъолиятро пурзӯр намоянд.

## 14. Рушди соҳаи фарҳанг

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи фарҳанг бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ 14.1. (14.1.) 14.1. Бунёд, азнавсозӣ, таҷдиди инфрасохтор, таҳкими пояҳои моддию техникии муассисаҳои соҳаи фарҳанг (китобхонаҳо, шумораи китобҳо), инчунин мактабҳои мусиқии бачагона ва таъмини онҳо бо таҷҳизотҳо**

Дар замони муосир таблиғи арзишҳои миллию фарҳангӣ, бедор намудани худшиносиву худогоҳии миллӣ рисолати ҳар фарди ватандуст маҳсуб меёбад.

Дар вилоят 362 китобхона, 133 муассисаи клубӣ, 6 клуби сайёр, 95 қаср, кох ва хонаҳои фарҳанг, 2 осорхонаи ҷумҳуриявӣ, 1 осорхонаи таърихии вилоятӣ, 9 осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ, 5 осорхонаи шахсӣ ва 6 хона-музей, 3 маҷмааи фарҳангӣ, 1 амфитеатр, 1 маркази фарҳангӣ-фароғатӣ, 22 боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ, 5 театри халқӣ, 7 театри касбӣ, 4 ансамбли тарона ва рақс, 2 филармонияи халқӣ, 30 мактаби бачагонаи санъат, мусиқӣ ва рассомӣ, 11 ансамбли шашмақом, 2 гурӯҳи ҳаҷвӣ, 6 ансамбли фолклорӣ-этнографӣ, 2 ансамбли "Фалак", 1 ансамбли доиранавозон, 1 ансамбли карнайнавозон, 18 ансамбли рақсӣ, 6 ансамбли эстрадӣ, 3 радио ва 1 телевизиони маҳаллӣ фаъолият доранд.

Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 1190 ёдгории таърихию фарҳангӣ мавҷуд буда, аз онҳо 13 ададаш аҳамияти умумибашарӣ, 91 ададаш аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва 1086 ададаш аҳамияти маҳаллӣ доранд. Ин ёдгориҳо муаррификунандаи фарҳанги оламшумули миллати тоҷик арзёбӣ гардида, барои ҷалби сайёҳон аз хориҷи дуру наздик мусоидат менамоянд.

Дар вилоят тибқи нақшаи чорабиниҳои барномаҳои соҳавӣ муассисаҳои фарҳангии шаҳру ноҳияҳо марҳила ба марҳила таъмиру тармим гардида, бо таҷҳизоти техникӣ, сарулибоси саҳнавӣ, асбобҳои мусиқӣ, мизу курсӣ муҷаҳҳаз шуда истодаанд. Инчунин, ҷиҳати ҳифз ва барқароркунии ёдгориҳои таърихӣ бо дастгирии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо ва соҳибкорон корбарӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар соли ҷорӣ таваҷҷуҳ ба рушди соҳа бештар гардида, Қасри фарҳанг дар Ҷамоати деҳоти Ворухи шаҳри Исфара бо сарфи 12,0 млн. сомонӣ ба истиқболи ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷдиду азнавсозӣ гардида, бо иштироки Пешвои муаззами миллат ифтитоҳ шуд.

Айни замон дар ҳудуди ноҳияи Айнӣ 1 бахши фарҳанг, 32 муассисаҳои клубӣ, 39 китобхонаҳои системаи марказонидашуда, 2 мактаби бачагонаи санъат, 1 Қасри Фарҳанг, 1 осорхонаи таърихи кишваршиносӣ, 1-маҷмааи таърихию фарҳангии ба номи Нақибхон Туғрал, 1-радиошунавонии маҳаллӣ амал менамоянд.

Фонди китоби китобхонаҳои ноҳия 190561 нусха китобро ташкил медиҳад, ки ба 13525 нафар хонанда хизмат расонида истодааст. Китобдиҳи 121216 нусхаро ташкил медиҳад.

Теъдоди китобҳо: бо забони тоҷикӣ 13644-нусха, бо забони русӣ 53236-нусха ва бо дигар забонҳо 884-нусхаро ташкил медиҳад.

Дар шаҳри Хуҷанд дар ин давра барои иштирокчиёни дастаҳои ҳунарӣ 46 адад сару либосҳои нави саҳнавӣ дӯзонида шуданд. Ҳамчунин, қисми зиёди таҷҳизотҳои техникии тақвияти овоз аз таъмири хушсифат бароварда шуда, мавриди истифода қарор дода шуданд.

Синфхонаҳои мактаби санъати бачагонаи №4 бо айёниятҳои барои ҳунаромӯзӣ лозима ва дигар таҷҳизотҳои зарурӣ таъмин карда шуданд.

Дар мактаби санъати бачагонаи №3 низ корҳои таъмиру тармими ҷорӣ гузаронида шуда, роҳрави асосӣ бо айёниятҳои соҳавӣ ҷиҳозонида шуд. Инчунин, дар мактаби мусиқии бачагонаи №2 таҷҳизоти интиқоли қувваи барқ ва хати обгузар таъмин карда шуд.

Дар ноҳияи Зафаробод 26 муассисаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла 6 хонаи фарҳанг, 3 муассисаҳои клубӣ, 1 китобхонаи марказӣ, 1 китобхонаи бачагонаи ноҳиявӣ, 12 китобхона-филиалҳо, 1 мактаби мусиқии бачагона, 1 боғи фарҳангӣ – фароғатӣ инчунин 1 осорхонаи таърихӣ ва 2 ансамбл ба аҳолӣ хизмат мерасонанд.

Дар ин давра 273 адад чорабиниҳои фарҳангиву фароғатӣ бо фарогирии 56431 нафар одамони касбу кори гуногу баргузор карда шуд, ки аз он 91 адад чорабинӣ бо фарогирии 8811 нафар кудакону наврасон мебошад.

Шумораи маҳзани китобҳо 104685 ададро ташкил намуда, гардиши он ба 0,50 баробар мебошад. Инчунин дар ин давра 69 адабиётҳои нав дохил карда шудааст.

Таъмири хонаи фарҳанги деҳаи Бахт ба маблағи 1,5 млн сомонӣ оғоз гардида, давра ба давра бино таъмиру тармим карда ба талаботи замон мутобиқ гардонида мешавад.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшан баҳри рушди соҳаи фарҳанг аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад. Дар шаҳр 28 китобхона, 21 муассисаи клубӣ, 1 клуби сайёр, 9 хонаи фарҳанг, 1 осорхонаи доираи “Адибони Истаравшан”, 1 осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ, 1 хона-музей, 1 мактаби санъати бачагона, 2 ансамбл, 1 амфитеатр, 1 театри халқӣ, 1 радио ва 1 телевизиони маҳаллӣ фаъолият доранд.

Дар шахр ансамблҳои “Шашмақоми Истаравшан” ва “Файзи Истаравшан” амал менамоянд. Бояд зикр намуд,ки осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ дорои 4902 нигораҳо, осорхонаи адабӣ дорои 2000 китобҳои нодир ва 28 китобхонаҳои оммавӣ бо фонди 158759 маҳзани китобӣ фаъолият менамоянд.

Бахри муҳайё намудани шароит барои китобхонаҳо дар деҳаҳои Маҳаллаи Ясӣ ва Боғи Калони Ҷамоати деҳоти Гули Сурх сохтмони бинои нав барои филиалҳои китобхона оғоз гардидааст. Инчунин аз тарафи соҳибкорони деҳаи Калъачаи Бакавул барои китобхона-бахши № 22 бинои нав сохта ба истифада дода шуд.

Мушкилиҳо: Дар муассисаҳои фарҳанги ноҳияи Шаҳристон барои мутахассисони соҳаи театр, омузгори мусиқӣ, ансамбли фолклорсароён, ансамбли эстрадӣ, ансамбли шашмақом, ансамбли рақсӣ, ҷудо намудани

воҳидҳои корӣ дар Қасри фарҳанги ноҳия ва таъсиси мактаби мусиқӣ эҳтиёҷ дорад. Дар ноҳияи Спитамен бинои мактаби санъати ба номи М.Пардаеви ноҳия дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, хонаи фарҳанги Ҷамоати деҳоти Тағояк, филиали №8-и китобхонаи деҳаи Метари Ҷамоати деҳоти Тағояк ба азнавсозӣ ниёз дорад. Дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ норасоии мутахассисони баландихтисоси соҳа, нарасидани таҷҳизотҳои тақвияти овоз, набудани мактаби мусиқии бачагона мебошад. Дар шаҳри Конибодом норасоии асбобҳои мусиқӣ ва таҷҳизоти техникӣ, мизу курсиҳо дар ҳамаи клубу хонаҳои фарҳанг ва мактаби санъати бачагона, китобҳои тозанашр ба забони тоҷикӣ ва адабиётҳои бачагона, лавозимоти техникӣ ва мизу курсиҳо дар китобхонаҳо, техникаҳои компютерӣ ва ташкили китобхонаи электронӣ дар китобхонаи марказӣ.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят дар якҷоягӣ бо Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши мушкилотҳои соҳаи фарҳангии шаҳру ноҳияҳоро ташкил намуда, ҷиҳати ҳалли онҳо ва беҳтар намудани ҳолати муассисаҳои фарҳангии дар ҳолати садамавӣ ва таъмирталаб қарор дошта чораандешӣ намоянд.

## 15. Маълумот оид ба таъмини аҳолӣ бо оби тоза, беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ:

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи таъмини аҳолӣ бо оби тоза, беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 15.1. (15.1., 15.2.) Дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза, 15.2. (15.3.) Ҷорӣ намудани низоми ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳру ноҳия, деҳот, ҳавасмандгардонии “Шуғли сабз”, вусъатдиҳӣ ва дастгирии давлатии низоми соҳибкорони экологӣ ва бозори хизматрасониҳои экологӣ арзёбӣ гардиданд.**

### 15.1. (15.1., 15.2.) Дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза,

**15.1. Нишондиҳандаҳои таъмини аҳолӣ бо оби тоза (ҳиссаи дастрасии аҳолӣбаобиошомиданӣ дар сатҳи ҷамоатҳо ва маҳаллаҳои аҳолинишин дар муқоиса ба нишондиҳандаҳои ҳамин давраи соли гузашта ва бо фоиз нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ, рафти пардохти ҳаққи истифодаи оби ошомиданӣ ва бақияи қарзи он),**

Ҳамасола вобаста ба масъалаҳои таъминоти аҳолӣ бо оби ошомиданию полезӣ дар вилоят аҳамияти бештар зоҳир мегардад, зеро баробари мавҷудияти захираҳои бойи оби нӯшокӣ дар Тоҷикистон бобати таъминот бо оби нӯшокию полезӣ дар аксар шаҳру ноҳияҳои вилоят танқисӣ ҷой дорад.

Дар мувозинаи КДФ “Обтаъминкунӣ ва канализатсия”-и шаҳру ноҳияҳои вилоят 182 чоҳи амудӣ ва 39 ҳавзи захиракунии об мавҷуд буда, дарозии хатти оби нӯшокии дар мувозинаи ин корхонаҳо қарордошта 1798 км ва хатти ташноб 4500 км мебошад.

Ба аҳолии шаҳри Хуҷанд аз ҷониби корхонаи “Хуҷандобуканал” тавассути ду манбаи обтаъминкунӣ: рӯизаминӣ ва зеризаминӣ об расонида

мешавад. Манбаи рӯизаминӣ аз оби сойи Хоҷабақирғон бо канали КДФ “Хоҷабақирғон” ва 12 чоҳи амудии захиравӣ бо об таъмин шуда, тавассути лӯлаи об ба шаҳри Хуҷанд интиқол дода мешавад. Инчунин, 2 ҳавзи захиравии ғунҷоишаш 1000 метри мукааб ва 2 ҳавзи ғунҷоишаш 6000 метри мукааб барои таҳшинкунӣ ва интиқоли об хизмат мерасонанд. Иқтидори лоиҳавии истеҳсоли об дар як шабонарӯз 85000 метри мукааб мебошад. Дар мувозинаи корхона ҳамагӣ 85 чоҳи амудӣ мавҷуд мебошад.

Бахри беҳтар намудани вазъи таъминоти оби нӯшокии аҳолии шаҳраки Шӯроби шаҳри Исфара ҷиҳати ба итмом расонидани корҳои сохтмонӣ дар иншооти обтаъминкунии “Чорқишлоқ-Шӯроб”-и шаҳрак дар асоси Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” 13,0 млн. сомонӣ маблағ ҷудо гардида, вазъи таъминоти об дар ин минтақа беҳтар гардид.

Солҳои минбаъда дар ҳошияи иқдоми сатҳи ҷаҳонии Сарвари давлат оид ба эълон шудани “Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” тавсеаи фаъолият дар самти таъмини аҳолии вилоят бо оби сифатноки ошомиданӣ назардошт шуда, инчунин, дар доираи татбиқи марҳилаи дуюми “Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, яъне “Барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2021-2025” лоиҳаҳои гуногунҳаҷм татбиқ карда мешаванд.

Шумораи умумии аҳолии марказҳои шаҳру ноҳияҳо 407216 нафар буда, аз он 323759 нафар ба оби тозаи нӯшокӣ пурра дастрасӣ доранд. Сатҳи таъминоти аҳолии маркази шаҳру ноҳияҳо, ки аз ҷониби КДФ “Обу канализатсия” бо об таъмин мешаванд, 79,5 (+1,5 % ё 14189 нафар нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта) ташкил медиҳад.

Нишондиҳандаи баланди дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд 100%, Бӯстон 100%, Гулистон 100%, Айнӣ 95%, Шаҳристон 90,5%, Бобоҷон Ғафуров 87,0%, Мастчоҳ 87,4%, Кӯҳистони Мастчоҳ 85,0%, Истиқлол 83,9%, Деваштич 75%, Исфара 72,04%, Ҷаббор Расулов 70%, Панҷакент 64,3%, Ашт 66,2% ва Зафаробод 54,8% ба назар расида, шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Спитамен 36,8%, Конибодом 36,7% ва Истаравшан 29,1% ташкил дода, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо барои ҷалби сармояи беруна ва дохила, соҳибкорони маҳаллӣ таъмин карда нашудааст.

## Қарзи истифодаи оби нӯшокӣ

Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ ба аҳолӣ ба маблағи 23919127 ҳазор сомонӣ оби нӯшокӣ расонида, маблағи ҳаққи истифодаи об дар ҳаҷми 24397299 ҳазор сомонӣ ҷамъ оварда шудааст, ки ба 101,9 фоиз баробар аст. Бақияи қарзи оби истифодашуда ба санаи 1 июли соли ҷорӣ 11818601 ҳазор сомониро дар бар мегирад, ки нисбати аввали сол 1 млн.452 ҳазор сомонӣ кам гардидааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Истаравшан 1914348 сомонӣ,

Деваштич 103538,2 сомонӣ, Панҷакент 538385 сомонӣ, Хуҷанд 3192,0 сомонӣ, Гулистон 90030 сомонӣ Шаҳристон 42891 сомонӣ, Исфара 24649 сомонӣ, Спитамен 10626,3 сомонӣ, Мастчоҳ 13251 сомонӣ, Ашт 765,5 сомонӣ, Истиқлол 838,7 ҳсомонӣ, Конибодом 32,4 сомонӣ, Зафаробод 233,3 сомонӣ, Ҷаббор Расулов 28,5 ҳазор сомон ва Айнӣ 5523 сомонӣ мавҷуд мебошад.

Қарзҳои калон аз истифодаи оби нӯшокӣ дар шаҳру ноҳияҳои Деваштич, Панҷакент, Истаравшан, Спитамен, Мастчоҳ, Исфара, Конибодом ва, Хуҷанд мавҷуд буда, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати кам намудани бақияи қарз чораҳои зарурӣ бояд андешанд.

**15.2. Корҳои анҷомдодашуда, ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ бо оби ошомиданӣ, хусусан дар деҳоти дурдаст ва ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ, соҳибкорони маҳаллӣ**

Бахри беҳтар намудани вазъи таъминоти оби нӯшокии аҳолӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2006, №514 “Барномаи беҳтар намудани вазъи таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби нӯшокӣ барои солҳои 2007-2020” тасдиқ гардида, дар соли 2020 барои таъминоти оби нӯшокии аҳолии вилоят 10822,0 ҳазор сомонӣ маблағ пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла, ҷудо намудани маблағ аз буҷети мутамарказ 1633,5 ҳазор сомонӣ, буҷети маҳаллӣ 1082,0 ҳазор сомонӣ, маблағҳои худӣ 540,5 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби сармоягузориҳо 7566,5 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта шуда, дар шаш моҳи соли ҷорӣ ба маблағи 9868,8 ҳазор сомонӣ корҳо ичро гардиданд, ки аз он 13,8 ҳазор сомонӣ маблағҳои буҷети мутамарказ, 1860,5 ҳазор сомонӣ маблағҳои буҷети маҳаллӣ, 368,0 ҳазор сомонӣ маблағҳои худии соҳа ва 7626,5 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби сармоягузориҳо мебошад.

Дар шаҳри Бӯстон бо мақсади ичрои барнома оид ба “Даҳсолаи байналмиллалии «Об барои рушди устувор”, солҳои 2018-2028» дар ин давра аз ҳисоби хизматрасонии қитъаи обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳр дар ду кӯча 295 метр қубури қутраш гуногун бо лавозимотҳои зарурияш иваз карда шуд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бӯстон дар 6 моҳи соли 2021 ба қитъаи обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳр дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2006, №514 «Дар бораи тасдиқи барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2020-2021» 1,5 млн. маблағ пешбинӣ намуд, ки аз он дар ин давра 900 ҳазор сомонӣ ҷудо шуда, барои рӯйпӯш намудани қарзи мутақобила дар назди Бонки аврупоии Таҷдид ва Рушд равона карда шуд.

Дар шаҳри Панҷакент мутобиқи лоиҳаи “Барқарорсозии системаи обтаъминкунии шаҳрҳои шимоли Тоҷикистон-2” аз тарафи Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд корҳо идома ёфта, аз тарафи пудратчӣ ҶСК “Обёрии Данғара” қубурҳои қутрашон гуногун ба масофаи умумии 31757,5 метр хобонида

шуданд, ки ҷамъи умумии корҳои иҷрошуда маблағи 991,4 ҳазор доллари ИМА - ро ташкил медиҳад.

Аз аввали соли 2021 муҳаррикҳои таҷҳизотҳои обкашии пойгоҳҳо аз таъмири ҷорӣ бароварда шуда, ҳамагӣ 145 ҳолати садамаҳои шабакаҳои об ва 25 ҳолати садамаи канализатсия аз ҷониби кормандони техникии корхона бартараф карда шуданд.

Дар ноҳияи Деваштич аз тарафи Корхонаи давлатии фаръии «Истифодабарии оби нӯшокии деҳот»-и ноҳияи Деваштич ва Шурои маҳаллаҳои деҳаҳои ноҳия амалӣ намудани 28 лоиҳаҳо тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» бо мақсади беҳтар гардонидани таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокӣ дар соли 2016 -13 адад ба маблағи 5496600 сомонӣ, дар соли 2017 - 5 адад лоиҳаҳои ба маблағи 6325700 сомонӣ, дар соли 2018 – 6 адад ба маблағи 7304540 сомонӣ ва дар соли 2020 – 6 адад лоиҳаҳо ба маблағи 7667717 сомонӣ, дар маҷмуъ ба маблағи 23 миллиону 704 ҳазору 434 сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки дар умумият 17 адад лоиҳаҳо ба маблағи 10 миллиону 33 ҳазор сомонӣ ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба Идораи сохтмони асосии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд барои ворид намудан ба Барномаи таъминоти оби нӯшокӣ пешниҳод карда шудааст.

Дар ноҳияи Шаҳристон дар доираи лоиҳаи “Барқарорсозии системаи обтаъминкунии шаҳрҳои шимолии Тоҷикистон-2” бо маблағгузории Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд дар асоси созишномаҳои қарзӣ ва грантӣ ба имзорасида ба ноҳияи Шаҳристон 3,8 миллион доллари ИМА ҷудо гардидааст, ки аз он 1,7 миллион доллари ИМА маблағҳои қарзӣ ва 2,1 миллион доллари ИМА маблағҳои грантиро ташкил медиҳад.

Дар соли 2017-ум лоиҳаи “Барқарорсозии системаи обтаъминкунии шаҳрҳои шимолии Тоҷикистон-2” дар ноҳия оғоз гардида, аз тарафи ширкати пудратии ҶДММ “Сохтмон”-и ноҳияи Мастчоҳ қарордод ба маблағи 1763,79 ҳазор доллари ИМА, ё ин ки 15 млн 600,7 ҳазор сомонӣ ба имзо расида, дар давраи ҳисоботӣ корҳои сохтмонӣ ба маблағи 12 млн сомонӣ ба иҷро расонида шуда, корҳои сохтмонӣ идома дорад.

Дар ноҳияи Ашт ҷиҳати таъмини мунтазами аҳолӣ бо оби тозаи нушокӣ аз тарафи корхонаҳои соҳавӣ ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия баҳри беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ дар нимсолаи якуми соли 2021 аз ҳисоби ҳамаи манбаҳои маблағгузорӣ, ба маблағи 747,4 ҳазор сомонӣ корҳои сохтмону таъмирии иншоотҳои обрасонӣ гузаронида шудааст. Аз ҷумла, дар ҳудуди ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия 9,0 километр хатҳои нави обгузар кашида шуда, таъмири асосии 1,8 километр ва таъмири ҷории 23,7 километр хатти қубури обгузар гузаронида шудааст. Инчунин, 1 чоҳи нави амудӣ кофта шуда, таъмиру барқарорсозии 19 чоҳҳои амудии таъминоти оби нӯшокӣ, гузаронида шудааст.

Дар шаҳри Истиқлол дар ин давра аз ҷониби Минтақаи обтаъминкунӣ ва канализатсия дар шаҳр ба маблағи 457,4 ҳазор сомонӣ хизматрасониҳо гардид,

ки аз он 93,5 фоиз пардохт карда шуд. Аз ин, ҷамъоварии маблағҳои истифодаи ҳаққи оби нӯшокӣ 325,7 ҳазор (86 фоиз) сомониро ташкил медиҳад, ки аз он 161,7 ҳазор (84,4 фоиз) аз ҷониби аҳолӣ пардохт гардидааст.

Дар нимсолаи якуми соли 2021 аз ҷониби КДФ "ХМК"-и шаҳр хизматрасониҳои коммуналӣ ва хоҷагии манзилӣ ба маблағи 202,9 ҳазор сомонӣ, аз он ҷумла аҳолӣ 193,7 ҳазор сомонӣ пардохт гардидааст. Ҷамъоварии маблағи ҳаққи хизматрасонии коммуналӣ умуман 67,2 расид, аз ҷониби аҳолӣ 66,2 фоиз иҷро гардид.

Қитъаи обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳри Конибодом дар шаш моҳи соли 2021 барои муштариён 393166 $м^3$ оби нӯшокиро ба маблағи 692504 сомонӣ дастрас намуда, аз муштариён 230059 $м^3$ партовооб ба маблағи 251162 сомонӣ қабул карда шудааст. Хизматрасонии умумии қитъаи обтаъминкунӣ ва канализатсия 943666 сомониро ташкил медиҳад, ки аз ин 970916 сомониро ҷамъоварӣ карда шуд, ки 102,89% ташкил медиҳад. Дар шаш моҳи соли 2021 ба 242 хоҷагӣ оби нӯшокӣ бо обченкунак васл карда шуд, ки ин дар кӯчаҳои Д.Сайфуллоев, Қ.Ҳусейнрй ва кӯчаи Ортиқов бо қубурҳои полиэтиленӣ қутрашон аз ф-32 то 150 мм, ки дар маҷмӯъ 5600м, дар деҳаи Қӯруқ ба масофаи 350 метрро ташкил медиҳад, хобонида шуд. Аз тарафи муштариёни оид ба садамаи хатти оби нӯшокӣ дар шаш моҳи соли ҷорӣ 67 адад ба қайд гирифта шуда, 60 садама бартараф ва барқарор карда шуд.

Хатти партовоб дар ин давра 175 садама ба қайд гирифта шуда, 160 адад барқарор карда шуд.

Дар ноҳияи Зафаробод лоиҳаи барқарор намудани системаҳои оби нушокии ки аз тарафи Бонки Аврупо моҳи декабри соли 2012-ум ба маблағи 3 миллиону 450 ҳазор доллари ИМА таҳия ва тасдиқ карда шудааст, марҳилаи якуми сохтмони он ба маблағи 1 миллиону 650 ҳазор доллари ИМА аз моҳи августи соли 2017 аз шаҳраки Зафаробод оғоз гардид ва корҳо дар ин самт идома дорад, ки то имрӯз зиёда аз 48,6 км қубурҳои нави магистралии хатти оби нушокӣ, 221 адад колодесҳо, 48 адад задвиҷкаҳо, 76 адад мурбатҳо (винтелҳо) гузаронида шуда, барои интиқоли оби нӯшокӣ омода карда шуд. Аз моҳи октябри соли 2019 сохтмони марҳилаи дуюми лоиҳаи мазкур оғоз гардид, ки сохтмони 1 адад ҳавзи оби тоза, 1 адад чоҳи амудии 140 метра дар РЧВ "Бахт"-и шаҳраки Зафаробод 1 адад чоҳи амудӣ, барқарор сохтани ҳудуди иншоот, 1 адад ташхисгоҳ, 1 адад чоҳи амудии 80 метра, 1 адад ташхисгоҳ дар шаҳраки Меҳнатобод ба нақша гирифта шудааст. Аз рӯи нақша дар шаҳраки Меҳнатобод 8447 метр қубурҳои полиэтилени қутрашон 225 мм 1160 метр, 160 мм 2100 метр, 110 мм 5121 метр, 63 мм 66 метр насб карда шуд.

Дар деҳаҳои Бахт ва Логини Ҷамоати шаҳраки Зафаробод тибқи Лоиҳа ҳисобкунакҳо васл карда шуда, корҳо дар ин самт идома дорад.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшан ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ бо оби ошомиданӣ, хусусан дар деҳоти дурдаст корбарӣ намуда истодааст. Баҳри таъмин намудани кишоварзони шаҳр бо оби полезӣ дар нимсолаи аввали соли 2021 дар ҳудуди 10 ҷамоатҳои деҳот 23 чоҳҳои амудӣ аз ҷумла, дар ҷ/д "Зарҳалол" 10, ҷ/д

“Ничонӣ” 2, ч/д “Сабристон” 7, ч/д “Пошкент” 2, ч/д “Нофароҷ” 2 чоҳҳои амудӣ кофта ба истифода дода шуд.

Гузашта аз ин, дар ҳамкорӣ бо муассисаи давлатии «Сарраёсати Тоҷикобдеҳот» дар шаҳр 18 дархости лоиҳавӣ оиди бо об таъмин намудани 24 деҳаи ба об дархости лоиҳавӣ оид ба таъмин намудани деҳаҳои Боботағо, Маҳаллаи Ясӣ, Заргнисор, Ободӣ, Бафоӣ, Себзор-Кӯл, Шӯрак, Дӯстӣ, Шонатарошон, Курушкада, Вогат, Қалъачаи Калон, Истаравшан, Ҷаркӯрғон, Пошкент, Тӯтк, Ничонӣ, Сӯфи Ориф, Лакат, Ободдара дар ҳамкорӣ бо Ҷамоатҳои деҳоти «Гули-Сурх», «Пошкент», «Қалъачаи Калон», «Зарҳалол», «Ничонӣ», «Сабристон» ва кумитаҳои ҷамъиятии деҳаҳои номбурда пешниҳод карда шудааст.

Ба аҳолии ҷамоатҳои деҳот аз ҷониби корхонаи “Тоҷикобдеҳот” тавассути 1 манбаи обтаъминкунии зеризаминӣ об расонида мешавад. Инчунин, 8 ҳавзи захиравии ғунҷоишаш 580 метри мукааб барои таҳшинкунӣ ва интиқоли об хизмат мерасонанд. Иқтидори лоиҳавии истеҳсоли об дар як шабонарӯз 1166 метри мукааб мебошад. Дар мувозинаи корхона ҳамагӣ 11 чоҳи амудӣ мавҷуд мебошад, ки аз ин миқдор 6 чоҳи амудӣ корношоям аст.

Дар шаҳри Хуҷанд барои баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ бо оби ошомиданӣ бояд қайд намуд, ки марҳилаи 3-юми лоиҳаи “Беҳтаргардонии вазъи таъминоти оби нӯшокӣ ва партовоби шаҳри Хуҷанд” амалӣ гардида истода, аз оғози татбиқи ин лоиҳа 9645,8 ҳазор доллари амрикоӣ азхуд карда шудааст, ки 760,8 ҳазор доллари он ба давраи ҳисоботӣ рост меояд.

Дар асоси лоиҳаи мазкур аз давраи оғози лоиҳа то имрӯз ивази қубури обгузар 24,5 км, ивази қубурҳои партовоб 8,96 км, харидории мошин ва механизмҳо 7 адад, харидории завод бо лавозимоташ 2 адад, харидории обченкунакҳои ҳаҷмашон калон 12 адад, харидории таҷҳизоти пост-терминал 100 адад, харидории 1 адад системаи SCADA, харидории 67 адад таҷҳизотҳои санҷиши оби тоза ва партовоб, 54 адад курсиву ҷевон, 3 адад компутер, 2 ададӣ принтер, ксерокс, сканер ва аппарати аксбардорӣ барои ташхисгоҳ, харидории 10 адад насос бо муҳаррикаш, 4 адад насоси артезианӣ, 3 адад насоси горизонталӣ ва 3 адад насоси канализатсионӣ бо муҳаррикҳояш ва дигарҳо ба иҷро расонида шудааст. Ғайр аз ин ба иншооти партовобтозакунӣ 6 адад насосҳо аз давлати Ҷопон ва 6 адад насос аз давлати Олмон ворид карда шуд.

Инчунин аз тарафи ширкати “Фелла Планунгс”-и давлати Швейцария дар соҳили рости шаҳр дар маҳаллаҳои 13, 20 ва кӯчаи Дӯстии халқҳо ба миқдори 3950 метр қубури ПЭ-100 мм, Д-315 мм таҷҳизонида корҳои васлу насби қубурҳо идома ёфта истодааст.

Баҳри таъмини аҳолии маҳаллаҳои навбунёди соҳили рости шаҳр дар асоси лоиҳаи “Хати обрасонӣ аз чашмаи Деҳмойи ноҳияи Ҷаббор Расулов ба шаҳри Хуҷанд” корҳои сохтмонию васлгарӣ давом дода шуда истодааст.

Барои соли 2021 бо ин мақсад 6,0 млн. сомонӣ аз буҷети мутамарказ маблағ пешбинӣ шудааст. Маблағгузории сохтмони иншоот сари вақт таъмин гардида, корҳои воқеии иҷрошудаи нимсолаи аввали соли 2021-ум 3726,3 ҳаз. сомонӣ ё 62,0 фоизи корҳои нақшавиро ташкил дод.

Маврид ба зикр аст, ки бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри 2006, №514 дар давоми нимсолаи аввали соли 2021-ум 1512 адад намунаҳои оби нӯшокӣ гирифта, 15180 адад санҷишҳои кимёвию бактериологӣ гузаронида шуданд.

**Беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ**

**15.3. Ҷорӣ намудани низоми ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳру ноҳия, деҳот, ҳавасмандгардонии "Шуғли сабз", вусъатдиҳӣ ва дастгирии давлатии низоми соҳибкорони экологӣ ва бозори хизматрасониҳои экологӣ**

Ҷиҳати таъмини иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, №791 ва "Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи ислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025" чораҳои амалӣ андешида шуда истодааст.

Дар ҷодаи тоза нигоҳ доштани мавзеи шаҳр, ҷорӣ намудани ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ корҳои муайян ба сомон расонида шуда, аз тарафи КВДК "Хизматрасонии нақлиёти санитарӣ"-и шаҳри Хуҷанд ба маблағи 3,7 млн. сомонӣ ба аҳолӣ ва 1,3 млн. сомонӣ ба корхонаву ташкилотҳо хизмат расонида шудааст.

Дар шаҳри Хуҷанд як адад партовгоҳи умумишаҳрӣ ва 175 нуқтаҳои муваққатан ҷамъоварии партовҳо мавҷуд буда, бо 900 адад қуттиҳо таҷҳизонида шудааст, ки инҳо дар мувозинати КВДК "Хизматрасонии нақлиёти санитарӣ"-и шаҳри Хуҷанд қарор дошта, 17 адад нақлиётҳои махсуси қуттибардор ва 10 адад дигар нақлиётҳои партовкашон ба сокинон хизмат мерасонад.

Дар шаҳр ҷиҳати ба танзим овардану назорат аз ҳолати беҳдошти мавзеъҳои кабудизоргашта ва ҳолати дарахтони ҳамешасабзу ороишӣ, аз ҷониби фаъолон, аз ҷумлаи донишҷӯён ва хонандагони фаъол ба 16 маҳфилҳои табиатдӯстон ва ҳаракатҳои "Шуғли сабз"шомил буда, дар ин самт барои ҳифзи муҳити зист саҳмгузорӣ карда истодаанд.

Ҷиҳати кабудизоркунӣ ва ободонии кӯчаю хиёбонҳо ва майдонҳои ҳудуди шаҳр чораҳои амалӣ андешида шуда, дар натиҷа 2708 адад дарахтони ороишии сояафкани ҳамешасабз, 748,7 ҳазор дона гулҳои ҳархелаи ороишӣ, 46,0 ҳазор адад буттагули садбарг, 55,0 ҳазор дона қаламчаи гули садбарг, 655,8 ҳазор дона пиёзаки гули лола шинонида шуда, таҳти нигоҳубин қарор дорад.

Бояд қайд намуд, ки дар ин давра аз тарафи корхонаву ташкилотҳо, мактабу донишкадаҳо ва соҳибкорон дар маъракаҳои шанбегӣ 3056 адад дарахтони мевадиҳанда ва 2,8 ҳазор дона гулҳои ороишӣ шинонида шуданд.

Хизматрасонии коммуналӣ дар маркази ноҳияи Айнӣ ва шаҳраки Зарафшон 1 ва Зарафшон 2 ба анҷом расонида мешавад. Сохтмони партовгоҳ дар деҳаи Мадм идома дорад.

Аз тарафи Корхонаи давлатии фаръии хоҷагии манзилию коммуналии ноҳияи Ашт дар маҳаллаҳои истиқоматӣ ҷиҳати ҷамъоварӣ ва интиқол додани партовҳои сахти маишӣ ба партовгоҳ корҳои муайян ба сомон расонида шуда

истодаанд. Барои дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани симои шаҳрак ва тозаву озода кардани кучаву хиёбоҳо бо 169 ташкилоту муассисаҳо ва 4862 адад хоҷагиҳои аҳолӣ шартномаҳои хизматрасонӣ оид ба ҷамъоварӣ ва интиқоли партовҳои сахти маишӣ расмӣ карда шудааст. Дар давраи ҳисобӣ барои ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ 60 адад қуттиҳои махсус гузошта шуда, ба миқдори 2086 метри мураббаъ партовҳои сахти маишӣ аз маҳалҳои ҳудуди шаҳрак ҷамъоварӣ карда шуда, ба партовгоҳ интиқол дода шудааст.

Дар ҳудуди ноҳия як адад партовгоҳ, ки дар тавозуни Корхонаи давлатии фаръии “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” мебошад, барои ҷойгиронӣ, гуронидан ва безараргардонии партовҳои сахти маишӣ ташкил карда шудааст. Дар асоси қарори Раиси ноҳия аз 26 январи соли 2001, №200 дар Ҷамоати шаҳраки Шайдон як адад партовгоҳ бо масоҳати 2 гектар замин ҷудо карда шудааст ва он дар масофаи 3,0 километр дуртар аз маркази ноҳия ҷойгир мебошад. Вале то ҳол партовгоҳ сертификати ҳуқуқи истифодаи заминро надорад. Дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти ноҳия партовгоҳҳои муваққатӣ ташкил карда шуда бошад ҳам, лекин ба расмият даровардa нашудааст.

Дар ин давра канори роҳи асосии “Хуҷанд - Ашт” 3 адад партовгоҳҳои муваққатӣ барои нигоҳдории партовҳо аз тарафи Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳия ташкил карда шудааст.

Дар ҳудуди ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ду партовгоҳ барои ҷойгир кардани партовҳои сахти маишӣ мавҷуд мебошад. Барои саривақт баровардани партовҳои аҳолӣ ва обектҳои хизматрасонии ташкилоту муассисаҳо дар назди ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия 10 адад корхонаҳои давлатии коммуналӣ ва як хоҷагии манзилӣ-коммуналӣ кор ва фаъолият доранд.

Корхонаҳои мазкур тибқи ҷадвали тасдиқгардида аз ҳудуди маҳаллаҳои аҳолинишин партовҳои майишӣ ва рӯзғорро саривақт бароварда ба аҳолӣ хизмат мерасонад.

Дар ин давра бо мақсади сабзу хуррам гардонидани ҳудуди ноҳия 4380 бех дарахтони ҳамешасабзу ороишӣ, зиёда аз 463 бех мевадиҳанда ва 6415 бех сафедор шинонида шуданд.

Дар ҳудуди шаҳри Бӯстон 104 адад қуттиҳои партовҷамъкунӣ мавҷуд буда, 2 маротиба дар ин нуқтаҳо корҳои безараргардонӣ гузаронида шуд.

Дар ин давра аз тарафи кормандони ҶДММ «Билол-2017» танҳо аз кӯчаҳои ташрифотии шаҳр ба миқдори 6500 $м^3$ партовҳои сахти маишӣ бароварда шуд. Инчунин аз ҳудуди шаҳр ва корхонаю муассисаҳо ба миқдори 14500 $м^3$ партовҳои сахти маишӣ бароварда шуда, зиёда аз 13650 $м^3$ партовҳо гуронида шуд.

Дар шаҳри Гулистон дар доираи чорабиниҳои омодагӣ ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру шаҳракҳо 18 маротиба ҳашарҳои умумишаҳрӣ гузаронида шуд, ки дар он зиёда аз 26000 нафар намояндагони корхонаю муассисаҳо ва аҳолӣ иштирок намудаанд. Ҳудуди шаҳру шаҳракҳо аз ҷумла, бозорҳо, марказҳои хизматрасонӣ, нуқтаҳои савдо, маҳаллаҳои аҳолинишин, қабристонҳои мавҷуда, боғҳои фарҳангиву фароғатӣ, варзишгоҳҳо ва сойҳо аз алафҳои хушк ва партовҳо тоза карда шуд.

Дар ноҳияи Зафаробод дар доираи нақша чорабиниҳои “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” аз ҷониби корхонаи давлатии фаръии “Хоҷагии манзилию коммуналӣ”-и ноҳияи Зафаробод баҳри иҷрои нақша чорабиниҳо оид ба беҳдошт ва дастгирӣ ба хизматрасонии коммуналӣ як қатор корҳоро ба сомон расонида шуда, дар ин давра ба миқдори 6263 $м^3$ аз аҳолӣ, ташкилоту корхонаҳо, муассисаҳо, ошхонаву мағозаҳо ва кӯчаҳои ҳудуди хизматрасонӣ партов бароварда шуда, ба 100,5 фоизи нақша баробар мебошад. Барои расонидани хизмати коммуналӣ ба аҳолии деҳот чораҷӯӣ шуда истодааст.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшан бо мақсади ҷамъоварӣ, истифода, безараргардонӣ, интиқол, нигоҳдошт ва гӯронидани партовҳои истеҳсолӣ ва маишӣ, ободонию кабудизоркунӣ, ҳавасманд гардонидан, вусъатдиҳӣ ва дастгирии давлатии низоми соҳибкории экологӣ бахшида ба Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ корҳои муайянро ба иҷро расонид. Ҷиҳати дар амал татбиқ ва ҷорӣ намудани низоми ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ дар ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот корҳои ташвиқотию тарғиботӣ бобати ташкили корхонаҳои давлатии коммуналӣ дар назди ҷамоатҳо, ташкил ва гузоштани қуттӣ ва нуқтаҳои муваққатии ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ дар назди хонаҳои истиқоматӣ, иншооти таъминоти маданию маишӣ, истеҳсолӣ ва дигар ҷойҳои ҷамъиятии ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот гузаронида шуданд.

Ҷиҳати беҳдошти вазъи сойи «Зарринрӯд» аксияи тозагии соҳил доир шуда, мавзеъҳои муайянгардида аз партов тоза карда шуданд.

Бо мақсади татбиқи нақшаҳои кабудизоркуниву гулшинонӣ дар шаҳр зиёда 28,35 ҳазор тухми гулҳои мавсимӣ, 25,4 ҳазор қаламчаи гули садбарг, 9050 бех ниҳолҳои ҳамешасабз, дарахтони мевадиҳанда 24900 бех, сояафкан ва ороишӣ 11900 бех ва дигар намудҳо дар мавзеҳои муайянкарда шинонида шуданд.

Дар ноҳияи Истиқлол аз ҷониби КДФ “ХМК”-и шаҳр хизматрасониҳои коммуналӣ ва хоҷагии манзилӣ ба маблағи 202,9 ҳазор сомонӣ, аз он ҷумла аҳолӣ 193,7 ҳазор сомонӣ пардохт гардидааст. Ҷамъоварии маблағи ҳаққи хизматрасонии коммуналӣ умуман 67,2 расид, аз ҷониби аҳолӣ 66,2 фоиз иҷро гардид.

Дар шаҳри Конибодом барои тозагии ҳудуди шаҳр ва ҷамоатҳо дар ин давра аз тарафи КДФ “ХМК”-и шаҳр ва КВД–и ҷамоатҳо 29343 $м^3$ партовҳои сахти маишӣ бароварда, он безарар гардонида шуданд. Аз тарафи кормандони корхона дар ҳамкорӣ бо сохторҳои марбута 158 адад сагҳои дайду нобуд карда шуд. КДФ “ХМК”-и шаҳр ва КВД–и ҷамоатҳо тибқи шартнома аз ҳисоби хизматрасонии коммуналӣ-баровардани партовҳои сахти маишӣ аз аҳолӣ ва корхонаю муассисаҳо ба 19279 муштарӣ хизматрасонӣ намуда истодааст.

Дар ноҳияи Мастчоҳ Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилии коммуналӣ» мавҷуд аст, ки фаъолияти он асосан ба иҷрои хизматрасониҳои коммуналӣ ва рушди корҳои ободонӣ равона карда шудааст.

Корхонаи мазкур дар нимсолаи якуми соли 2021 ба аҳолии ноҳия ба маблағи 982 ҳазору 150 сомонӣ хизматрасониҳои коммуналиро анҷом додааст, ки ин 107 фоизро дар бар мегирад. Дар ин давра ба миқдори 2653 $м^2$ партовҳо бароварда безарар гардонида шуданд, ки 100 фоизро ташкил медиьад.

Дар нимсолаи якуми соли 2021 аз тарафи буҷаи ноҳия ба маблағи 873 ҳазору 556 сомонц равона карда шуд, ки барои беҳдошт ва тақвият ёфтани фазои кор аз тарафи хоҷагии коммуналӣ аз худ карда шуданд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳристон ҷиҳати ҷорӣ намудани низоми ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳру ноҳия, деҳот, ҳавасмандгардонии “Шуғли сабз”, вусъатдиҳӣ ва дастгирии давлатии низоми соҳибкорони экологӣ ва бозори хизматрасониҳои экологӣ тадбирҳо амалӣ намуда истодааст.

Дар ҳудуди ноҳия 1 адад партовгоҳ мавҷуд буда, дар мувозинаи Корхонаи давлатии фаръии “Хоҷагию манзилии коммуналӣ”-и ноҳия қарор дорад. Дар ин давра аз тарафи корхонаи мазкур бо аҳолии маҳаллаҳои маркази ноҳия хизматрасонии коммуналӣ барои баровардани партоваҳо ба роҳ монда шуда, дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи корхонаи мазкур ба миқдори 774 метри кубӣ партоваҳо бароварда шудааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят дар ҳамкорӣ бо КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” ҷиҳати ҷорӣ намудани хизматрасониҳои коммуналӣ дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти шаҳру ноҳияҳо барои фаъолияти корхонаҳои “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” , ҷумла ҷиҳати саривақт баровардани партовҳои сахти маишӣ дар шаҳру ноҳияҳо, нарасидани техникаҳои корӣ, автомашинаҳои партовкашонӣ, қуттиҳои партовпартоӣ чораҳои иловагӣ андешанд.

## 16. Таъмини устувори экологӣ

**Нишондодҳои пешакии таъмини устувори экологӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 16.1. Корҳои анҷомдода оид ба рафти корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, пешгирии зарари офати табиӣ ба оилаҳои дар минтақаҳои хавфнок истиқоматкунанда, 16.2. Ташкили нуқтаҳои безараргардонӣ, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва коркарди лампаҳои симобдор;**

### 16.1. Корҳои анҷомдода оид ба рафти корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, пешгирии зарари офати табиӣ ба оилаҳои дар минтақаҳои хавфнок истиқоматкунанда

Бахри пешгирии ифлосшавии муҳити зист, ҷамъоварӣ, истифода, безарагардонӣ, интиқол, нигоҳдошт ва гӯронидани партовҳои истеҳсолӣ ва маишӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 24 партовгоҳи истеҳсолӣ ва 28 партовгоҳи партовҳои сахти маишӣ фаъолият дошта, 644 нуқтаи ҷамъоварии муваққатии партовҳо ва зиёда аз 1975 қуттии махсуси партовҷамъкунӣ ташкил карда шудааст. Инчунин, бо мақсади риояи муҳлат ва шарту усулҳои безараргардонӣ, интиқол, нигоҳдошт ва гӯронидани

партовҳои истеҳсолӣ ва маишӣ фаъолияти мунтазами 113 техникаи махсус ба роҳ монда шудааст.

Дар вилоят вобаста ба пешгирии ҳолатҳои фавқулодда ва рафъи оқибатҳои ҳодисаҳои фавқулодда Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулоддаи вилоят мунтазам корбарӣ намуда, тавассути воситаҳои ахбори омма шаҳрвандонро аз эҳтимолияти сар задани ҳолатҳои фавқулода хабардор менамоянд.

Дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят 34 партовгоҳи партовҳои сахти маишӣ, 16 партовгоҳи истеҳсолӣ, 1 партовгоҳи заҳрдору ва 10 партовгоҳи радиоактивӣ мавҷуданд. Партовгоҳи партовҳои сахти маишии шаҳри Хуҷанд тавассути Лоиҳаи «Идоракунии партовҳои сахти маишии шаҳри Хуҷанд» бо дастгирии Бонки аврупоии таҷдид ва рушд азнавсозӣ карда мешавад.

Дар марҳилаи якуми барномаи мазкур 18 нақлиёти махсуси партовкашонӣ ва 1584 қуттии партов дастрас гардида, дар марҳилаи дуюм дастрас намудани 19 нақлиёти махсус пешбинӣ шуда, то ин давра 13 нақлиёт ворид карда шуд. Инчунин, дар ин марҳила сохта ба истифода додани зиёда аз 100 нуқтаи партовҷамъкунӣ назардошт шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ баҳри иҷрои талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооти экологӣ» ва «Дар бораи маърифати экологӣ» корҳои фаҳмондадиҳӣ ва ташвиқоту тарғибот ба роҳ монда, дар матбуоти даврӣ 149 мавод ба чоп расида, ба воситаи телевизион 260 гузоришу барномаҳо намоиш дода шуданд, инчунин тавассути радио 128 гузориши мустақим ва навидҳо таҳия ва шунавонида шуданд.

Тибқи маълумотҳои пешниҳодгардида, дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ 32268 оилаи дар шаҳру ноҳияҳои вилоят дар минтақаҳои хавфноки аввалиндараҷа истиқоматкунанда ба қайд гирифта шудааст. Дар ин давра ба минтақаҳои бехавф кучонидани 88 оила ба нақша гирифта шудааст. Мутаассифона айни замон ягон оила кучонида нашудааст.

Баҳри таъмини устувории экологӣ, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, бартараф намудани партовгоҳҳои ғайриқонунӣ корбарӣ ба таври мунтазам ба роҳ монда шуда, ҷиҳати баланд бардоштани маърифати экологии шаҳрвандон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 42 семинару сӯҳбати атрофи мизи мудаввар, 18 озмун, 26 намоишгоҳ, 536 вохӯриву сӯҳбат бо аҳолӣ, 199 вохӯрӣ дар мактабҳо ва 61 вохӯрӣ дар боғчаҳо гузаронида, савияи дониши экологии аҳолӣ баланд бардошта шуд.

Баҳри корҳои анҷомдодашуда вобаста ба соҳил мустаҳкамкунӣ ва тозаю озода нигоҳ доштани манбаи об чораҳои амалӣ андешида шуда, дар ин давра бо ҷалби 1350 нафар шаҳрвандон 6 маротиба аксияҳои "Тозагии соҳил" гузаронида шуда, соҳилҳои дарё аз алафҳои худрӯй ва ҳаргуна партовҳо тоза карда шуда, зиёда аз 16 метри мукааб партовҳо бароварда шуд.

Масофаи дарёи Сир, ки аз байни шаҳр мегузарад 10 километрро ташкил дода, ду тарафи соҳили он бо бетонҳои махсус мустаҳкам карда шудааст ва хавфи рахнашавиро надорад.

Дар самти пешгирии зарари офати табиӣ ба оилаҳои дар минтақаҳои хавфнок истиқоматкунанда бояд қайд намуд, ки 1101 оилаҳо дар маҳаллаҳои

сатҳи оби зеризаминиашон баланд мешуда, аз ҷумла, кӯчаи 1 майи хиёбони Раҳмон Набиев ва маҳаллаи “Раззоқ” истиқомат доранд.

Бояд зикр намуд, ки дар соҳили рости дарёи шаҳр 10 адад селроҳаҳо мавҷуд мебошад, ки дарозии онҳо тақрибан 31680 метрро ташкил медиҳад.

Тибқи нақшаи чорабиниҳо оид ба баргузории аксияи “Тозагии маҳал” ва ҷиҳати таъмини иҷрои қарори оаиси вилояти Суғд “Дар бораи эълон намудани 1300 рӯзи меҳнати зарбдор ба истиқболи 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар шаҳр 12 маротиба бо иштироки зиёда аз 2,4 ҳазор нафар шаҳрвандон чунин аксияҳо гузаронида шуданд.

Дар ноҳияи Ашт тибқи нақшаи тасдиқшуда, таҳлили минтақаҳои хавфноки ҳудуди ноҳияро мунтазам ба роҳ монда, ҷиҳати омодагии ҳаматарафа ва пешгирӣ намудани ҳолатҳои фавқуллодаи хусусиятҳои табиидошта, бо истифодаи имконияту захираҳои мавҷуда чораву тадбирҳои зарурӣ амалӣ намуда истодааст.

Тибқи нақшаи корӣ руйхати 14 адад минтақаҳои хавфноки ноҳия тартиб дода шудааст, ки дар он 436 хоҷагӣ ҷойгир буда, 2124 нафар аҳолӣ истиқомат мекунанд.

Дар ноҳия 7 селроҳаи асосӣ Долонасой, Даҳанасой, Понғозсой, Ошобасой, Ғудоссой, Аштсой ва Пунуксой мавҷуд мебошад.

Бо мақсади пешгирӣ намудани офатҳои табиӣ, комиссияи ҳудудии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ба ҳамаи роҳбарони сохторҳои дахлдор ва раисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия ҷиҳати огоҳонидани аҳолӣ, дар ҳолати омодагӣ қарор доштан ва андешидани чораҳои зарурӣ барои саривақт бартараф намудани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда вазифагузорӣ намудааст.

Бо мақсади пешгирии ҳолатҳои фавқулодда дар мавзеъҳои эҳтимолии рух додани селу обхезиҳо ва сойҳои селгузар бо дастгирии сокинони маҳаллӣ, дар ҳудуди Ҷамоати деҳоти Понғоз, аз ҷумла деҳаи Саро 150 метр ва деҳаи Бободархон 60 метр корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ бо истифода аз семент ва арматура анҷом дода шудааст.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бо ҷалби техникаҳои муҳандисии Идораи беҳдошти замин ва обёрии ноҳия дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти ноҳия баьри пешгирии ҳолатҳои фавқулодда корҳо бо маром идома ёфта, Селпартои Р-25, бо дарозии 11 км, ки аз ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти Хистеварз, Зарзамин ва Исфисор мегузарад, баҳри пешгирии офатҳои табиии минтақаи ҷамоати деҳоти Исфисор бо дарозии 1200 метр ва ҷамоати деҳоти Зарзамин 450 метр дар маҷмӯъ бо дарозии 1650 метр тоза карда, каналҳои обгузар ба маблағи умумӣ 226,2 ҳазор сомонӣ корҳои тозакунӣ аз лойқаю алафҳо гузаронида шуд.

Дар шаҳри Гулистон бо мақсади таъмини ҳифзи аҳолӣ корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар шаҳру шаҳракҳо бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ аз тарафи Корхонаи воҳиди давлатии хоҷагии манзилию коммуналии шаҳр ва дигар корхонаю ташкилотҳо як қатор корҳо ба анҷом расонида шуд. Аз ҷумла, дар шаҳраки Навгарзан се пул, ки дар натиҷаи

боронгариҳои мавсимӣ ва омадани сел садамавӣ гардида буданд, пурра таъмир карда шуданд. Дар деҳаи Гулдараи ҷамоати шаҳраки Адрасмон, соҳили руди Тариэкан бо истифодаи сангҳои калонҳаҷм ва арматура бо дарозии  100 метр соҳил мустаҳкам  ва 200 метри Қаромазорсой, ки аз шафати маҳаллаҳои Зарчашмаи боло ва поён мегузарад тоза карда шуданд. Инчунин  дар шаҳраки Зарнисор  бо дастгирии ҶДММ "Ширкати саноати-кӯҳии Тоҷикистону Хитой" тариқи ҳашарҳои дастаҷамъона  зиёда аз 300 метр  сойҳои селгузар, ки аз шафати маҳаллаи Навобод мегузарад, тоза карда шуд.

Аз тарафи соҳибкорони маҳалли дар соҳили "Баҳри тоҷик" назди боғи "Темурмалик", корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ бо истифода аз сангҳои калонҳаҷми бетонӣ бо техникаҳои махсуси муҳандисӣ бо маром идома дорад. Айни замон дар масофаи 120 метри соҳили "Баҳри тоҷик" корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ба анҷом расонида шуда, 3000 метри мукааб сангҳои калонҳаҷми бетонӣ истифода бурда шуд.  Инчунин баҳри мустаҳкам намудани сарбанди неругоҳи барқии обӣ "Қайроққум" моҳи майи соли ҷорӣ аз тарафи ширкатҳои ғайридавлатӣ бо маблағгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сарбанди неругоҳи мазкур корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ бо истифода аз сангҳои калонҳаҷми табиии бо техникаҳои махсуси муҳандисӣ шурӯъ гардид. Бояд қайд намуд, ки айни замон ба масофаи 110 метри соҳили "Баҳри тоҷик" корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ба анҷом расонида шуда, зиёда аз 2800 метри мукааб сангҳои калонҳаҷми табиӣ истифода бурда шуд. Мувофиқи лоиҳа корҳои соҳилмустаҳкамкунии сарбанди неругоҳи барқии обии "Қайроқум",  дар масофаи 300 метр бо баландии 23 – 24 метр ба анҷом расонида мешавад.

Бо мақсади бехатарии аҳолӣ  аз ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ нақшаи чорабиниҳо таҳия шудааст. Дар шаҳракҳои тобеи шаҳри Гулистон 536 оилаҳое, ки дар минтақаи хавфнок истиқомат мекунанд ба қайд гирифта шудааст. То ин давра чор хоҷагӣ аз деҳаи Навободи шаҳраки Зарнисор ба ҷойҳои бехавф кӯчонида шуданд.

Баҳри пешгирии офатҳои табиӣ ва огоҳонидани хоҷагиҳои мавзеъҳои хавфнок дар ҷамоати шаҳракҳои Адрасмон, Консой ва Чоруқдаррони  шаҳри Гулистон корҳои фаҳмондадиҳиро дар мавзӯи пешгирӣ аз офатҳои табиӣ, захира намудани маводҳои хӯрокворӣ, доруворӣ, сӯзишворӣ, ҳезум, ангишт, пешгирӣ аз омадани сел, шамолҳои сахт, бехатарӣ аз сӯхтор, маҳдуд намудани сафарҳо дар давраи боришоти сахти борону барф гузаронида шуд. Фаъолият дар ин самт идома дорад.

Дар ноҳияи Деваштич бо мақсади татбиқи сиёсати ягонаи давлатии экологӣ ва идоракунии комплексӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, амалӣ сохтани назорати давлатии фаъолияти объектҳои хоҷагидорӣ новобаста ба шаклҳои моликият ва мансубияти идоравӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ба таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ, кафолатҳои ҳуқуқи инсон ба муҳити зисти солим ва мусоид, таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии таъсири номатлуби фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият ба муҳити зист ва таъмини амнияти экологӣ дар нимсолаи аввали соли 2021 дар 56 объектҳои дар ҳудуди

ноҳия буда, санҷишҳои соҳавӣ ва амалиётҳои фаврии мақсаднок гузаронида шуда 56 адад санад тартиб дода шудааст. Тафтишотҳои соҳавии ҳифзи захираи об - 21 адад, ҳифзи олами наботот - 3 адад, партов-9 адад, 6-адад санҷиши нақшавӣ, ҳифзи захираи замин - 4 адад, экспертизаи давлатии экологӣ -1 адад ва ҳамагӣ 38 ададро ташкил медиҳад.

Барои бартараф намудани камбудию норасогиҳо 63 адад пешниҳодҳо пешкаш карда шуд, ки нисбати 13 адади он аз тарафи истифодабарандагони табиат хулосаҳо пешниҳод ва иҷроиши он таъмин карда шуд. Барои вайрон кардани қонун ва қоидаҳои ҳифзи муҳити зист нисбати 38 нафар шахсони вазифадор ва шаҳрвандон протоколҳои ҳуқувайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудааст.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Зафаробод оид ба рафти корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ва баҳри пешгирии зарари офати табиӣ ба оилаҳои дар минтақаҳои хавфнок истиқоматкунанда чунин корҳоро ба сомон расонид:

Дар ҳудуди ноҳия ҳамчун минтақаи хафнок 2 селроҳа ба қайд гирифта шудааст, ки баҳри соҳилмустаҳкамкунӣ ҳамасола ниҳолҳои муҳофизатӣ шинонида мешавад. Дар асоси нақша ҳамаги 20760 бех ниҳолҳо аз он ҷумла мевадиҳанда 4940 бех, ороиши ва сояафкан 10900 бех, ҳамешасабз 4920 бех ва шинонидани дарахтон дар лаби сой, роҳ, каналҳо 1560 бехро ташкил мекунад.

Дар ҳудуди ноҳия барои гузаронидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ва тоза намудани селроҳаҳо аз тарафи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кооперативҳои кишоварзӣ хатҳои муҳофизавии киштзор таъмир ва барқарор карда шуд.

Айни замон бошад ба таври ҳашар каналу ҷуйборҳои маҳаллаҳо ва селроҳаҳо аз тарафи аҳолӣ тоза карда шуда, зери назорати доимӣ қарор доранд.

Дар шаҳри Исфара аз тарафи қитъаи обтаъминкунӣ ва канализатсия корҳои таъмиру барқарорсозӣ дар шабакаҳои обтаъминкунии шаҳр, шаҳракҳои 8, 9, 10-и Навобод, ҷамоатҳои Шаҳрак ва Навгилем хати магистралии Исфара-Лаккон, Қалъачаи Мазор гузаронида шуд.

Дар кӯчаи Абдуллоев 3 км қубури фишорнокии қутраш 355 мм хобонида, сохтмони ҳавзи захиравӣ дар ҳаҷми 1000 $м^3$ ба итмом расонида шуд. Инчунин корҳои аз нав барқароркунии чоҳҳои амудӣ ва бо васли насосҳои нав, қисмҳои барқӣ ба маблағи 360 ҳазор доллари ИМА дар обанбари Чоркӯҳ-Сурх ба итмом расид. Айни ҳол бо маблағгузории Бонки Шветсария оид ба Рушд бо хамкории Котиботи Байналхалқӣ оид ба захираҳои об дар чамоати деҳоти Чилгазӣ ва Кӯлканд сохтмони хати оби нӯшокӣ давом дорад.

Дар ҳудуди шаҳри Конибодом ҷамоатҳои деҳоти Патар, Пулотон, Раҷаб Ҳамробоев, Эргаш Шарипов тариқи техникаҳои пуриқтидор ва аз ҳисоби хизматрасонии об зиёда аз 42173 метри мукааб мавзеъҳои осебпазири Канали калони Фарғона тоза карда шуда, ин иқдом ҳам барои паст кардани хавфи офатҳои табиӣ ва ҳам тозаву озода нигоҳ доштани муҳити экологӣ роҳандози гардидааст.

Дар 19 деҳаҳои ҳудуди ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 412 оила дар минтақаҳои хавфнок ба қайд гирифта шудаанд, ки аз тарафи хадамоти

муҳоҷират дар ноҳия 33 оила дар минтақаи Сайҳун ва Зафаробод аз деҳаҳои Ҳадишаҳр, Ғузн ва Худгифи Соя бо қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ таъмин карда шудаанд. Дар маркази ноҳия ва ҷамоатҳои деҳот нуқтаҳои қабул ва безараргардонии лампаҳои каммасрафи симобдор ташкил карда шудааст, ки дар ин давра 230 адад лампаҳои каммасраф ҷамъоварӣ карда шудааст.

Дар ин давра дар ҳудуди ноҳияи Мастчоҳ 15 адад ҳодисаи фавқулоддаи хусусияти техногенӣ дошта рух додааст, ки аз он 8 ададашро сӯхтор ташкил дода, маблағи зарари расонидашуда дар ин самт 39 ҳазору 900 сомониро дар бар гирифт. Ҳамчунин дар ин давра 2 ҳолати фавқулоддаи хусусияти табиидошта ба қайд гирифта шуда, ягон нафар зарари ҷисмонӣ надидааст.

Баҳри пешгирии ҳолатҳои фавқулодда дар ҳудуди ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия аз тарафи аҳолӣ бо ҷалби техникаҳои идораи беҳдошти замин ва обёрии ноҳия бо тариқи ҳашар заҳбуру заҳкашҳо ва селроҳаҳо ба миқдори 2400 метр корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ва тозакунӣ гузаронида шуданд.

Дар 6 моҳи соли 2021 дар шаҳри Панҷакент барои тоза намудани сел роҳаҳо ва корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ як қатор корҳо ба анҷом расонида шуд. Бо кӯмаку дастгирии ташкилотҳои ҷамъиятӣ, “Барномаи озуқаворӣи умумиҷаҳонӣ” ва ҷалби аҳолӣ корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ бароҳ монда шудааст. Дар ин замина аз ҷониби соҳибкор Ахмедов Мубориз барои кушодани 100 гектар заминҳои нав дар соҳили дарёи Зарафшон корҳои мустаҳкамкунӣ идома дорад. То имрӯз ба дарозии 1200 метр корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ гузаронидашудааст, ки дар натиҷа 40 гектар замини ғайрикишоварзӣ ба гардиши кишоварзӣ ворид карда шуд.

Дар ноҳияи Спитамен вобаста ба пешгирии ҳолатҳои фавқулодда ва рафъи оқибатҳои ҳодисаҳои фавқулода Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулоддаи ноҳия мунтазам корбарӣ намуда, тавассути воситаҳои ахбори омма шаҳрвандонро аз эҳтимолияти сар задани ҳолатҳои фавқулодда хабардор менамоянд.

Мувофиқи нақшаи тасдиқгардидаи гузаронидани аксияҳои «Тозагии маҳал» ва «Тозагии соҳил» дар ҳудуди ноҳияи Спитамен ва Ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия мунтазам гузаронида шуд, ки дар рафти баргузории аксияҳо 1580 нафар сокинон иштирок намуданд. Дар ҷараёни баргузории ин чорабиниҳои тозагӣ кӯчаю хиёбонҳо, маҳалҳои аҳолинишин, соҳилҳои сойи Яхшӯ, Ширинсой, Исфансой, каналҳои Шавкат, Қаросу, Ҷангоб пурра аз партовҳо тоза карда шуд.

Дар ноҳияи Ҷаббор Расулов дар деҳаҳое, ки аҳолии он дар минтақаи хавфнок истиқомат мекунанд вохӯриҳо ва машғулиятҳои фаҳмондадиҳӣ баҳри пешгирии зарари офатьои табиӣ бо иштироки намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, бахши Раёсати ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании вилояти Суғд дар ноҳия, намояндагони ҷамоатҳо ва фаъолони деҳаҳо гузаронида шуд.

Дар ноҳияи Шаҳристон дар деҳаҳои Шаҳристон, Турсунзода, Ҳисор, Истиқлол, Темурмалик, Себзор, Саробӣ, Ободӣ ва Фирдавсӣ дар минтақаҳои хавфноки сойҳо маҳалҳои аҳолинишин ҷойгир буда, корҳои

соҳилмустаҳкамкунӣ аз тарафи масъулини соҳа, ҷамоатҳои деҳот ва бо ҷалби аҳолии деҳаҳо ба роҳ монда шуда, корҳо дар ин самт идома дорад.

Дар давраи ҳисоботӣ фарсоиши (эрозияи) заминҳои кишоварзӣ ва ҷангалҳо таҳти назорат қарор дода шуда, заминҳои ба эрозия дучоргардида дар ноҳия ошкор карда нашудааст.

**16.2. Такшили нуқтаҳои безараргардонӣ, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва коркарди лампаҳои симобдор (Ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҚҶТ "Дар бораи ҳифзи муҳити зист" моддаи 10)**

Дар ин давраи ҳисоботӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят 272 нуқтаҳои қабули лампаҳои симобдор ташкил карда, дар онҳо аз соли 2011 486663 адад дар нимсолаи якуми соли 2021 Дар шаҳри Хуҷанд 30 нуқтаҳои қабули лампаҳои симобдор ташкил карда шудааст, ки аз соли 2011 160810 адад, дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ 724 адад ҷамъоварӣ карда, ҳамагӣ 33 503 адад лампаҳо барои коркард супорида шудаанд.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Айнӣ 23 нуқтаи қабул, 26212 адад лампаҳои ҷамъоваришуда, 2400 адад лампаҳои барои коркард супорида, ноҳияи Ашт 2 адад (21312 адад/6700 адад), ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 13 адад (47795 адад/0адад), ноҳияи Деваштич 5 адад (6844 адад/5500 адад), ноҳияи Зафаробод 5 адад (5770 адад/2400 адад), шаҳри Исфара 12 адад (16952 адад /14202 адад), шаҳри Истиқлол 2 адад (6432 адад/0 адад), шаҳри Истаравшан 8 адад (17473 адад/1580адад), шаҳри Гулистон 11 адад (36811адад/33000адад), шаҳри Конибодом 91 адад (20594адад/20426 адад), ноҳияи Мастчоҳ 7 адад (32156адад/0адад), шаҳри Панҷакент 16 адад (34416 адад/0адад), ноҳияи Спитамен 32 адад (10548 адад/7662адад), шаҳри Хуҷанд 30 адад (160810адад/33503адад), шаҳри Бӯстон 1 адад (23165адад/16000адад), ноҳияи Ҷаббор Расулов 8 адад (9875 адад/9346адад) ва ноҳияи Шаҳристон 6 адад (9498 адад/0 адад).

Вобаста ба ин масъала аз ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ маълумот пешниҳод нагардидааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" барои ҷамъоварии лампаҳои каммасраф ва ташкили коркарди онҳо, пешгирӣ намудани ҳолатҳои фавқуллода ва ҳалли масъалаҳои аҳолии дар минтақаҳои хавфнок истиқоматдошта чораҳои амалӣ андешанд.

## 17. Маълумот оид ба соҳаи кор бо ҷавонон ва варзиш (банди 51-и паём)

**17.1. Нишондиҳандаҳои соҳаи кор бо ҷавонон, 17.2. Рафти иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ ва чораҳои андешидашуда, барои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷавонон, 17.3. Дар ҳар як деҳа ва маҳалли аҳолинишин, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд, бунёд кардани як толор ва як майдони варзишӣ (бо иловаи маълумоти шумораи маҳалҳои аҳолинишин, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд ва мавҷудияти толор/майдончаи варзишӣ дар онҳо, 17.4. Таъмини рушди соҳаи варзиш, оммавигардонии он, ташакули тарзи ҳаёти солим ҷалби боз ҳам бештари ҷавонон ба ҳаёти сиёсии ҷомеа, баланд бардоштани майлу рағбати онҳо ба илмомӯзиву навоварӣ, дарёфту дастгирӣ кардани истеъдодҳои ҷавонон (банди 54 паём), 17.5. Рафти бунёди иншоотҳои варзишӣ аз ҷумла, бо ҷалби соҳибкорону тоҷирон (банди 85 паём, Амри ПҶТ аз 06.03.2019с. №АП-1176 Нақша-чорабиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 "Соли рушди деҳот, сайёҳи ва ҳунарҳои мардумӣ" банди 32), 17.6 Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо.**

**17.1. Нишондиҳандаҳои соҳаи кор бо ҷавонон;**

Шумораи умумии ҷавонони вилоят 965400 нафар буда, аз онҳо 465900 нафарашонро духтарон ташкил медиҳанд.

Шумораи ҷавонони роҳбарикунанда дар шаҳру ноҳияҳои Деваштич +8 нафар (14 нафар роҳбарикунанда), Шаҳристон +1 нафар (4 нафар), Мастчоҳ +3 (38 нафар), Ҷаббор Расулов +2 нафар (6 нафар), Исфара +1 (50 нафар), Конибодом +5 (25 нафар), Истаравшан +1 (21 нафар), Спитамен +1 (8 нафар), Хуҷанд +-0 (10 нафар), Бӯстон +-0 (27 нафар), Гулистон +-0 (36 нафар), Айнӣ +-0 (7 нафар), Ашт +-0 (13 нафар), Зафаробод +-0 (32 нафар), Истиқлол -6 (20 нафар) ва Бобоҷон Ғафуров -4 (8 нафар) ташкил медиҳад, ки ба пурзӯр намудани фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои болозикр барои баланд бардоштани нишондиҳандаи дастгирии ҷавонони лаёқатманд ба вазифаҳои роҳбарикунанда ба миён омадааст.

**17.2. Рафти иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ ва чораҳои андешидашуда, барои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷавонон;**

Нақшаи тирамоҳии даъвати ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар иҷро гардида, дар сатҳи шаҳру ноҳияҳои Деваштич 100,6%, Бобоҷон Ғафуров 100%, Хуҷанд 100%, Панҷакент 100%, Исфара 100%, Конибодом 100%, Гулистон 100%, Истиқлол 100%, Бӯстон 100%, Зафаробод 100%, Шаҳристон 100%, Айнӣ 100%, Ашт 100%, Кӯҳистони Мастчоҳ 100%, Ҷаббор Расулов 100% , Спитамен 100%, Истаравшан 98% ва Мастчоҳ 79%-ро ташкил додааст.

**17.3. Дар ҳар як деҳа ва маҳалли аҳолинишин, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд, бунёд кардани як толор ва як майдони варзишӣ (бо**

**иловаи маълумоти шумораи маҳалҳои аҳолинишин, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд ва мавҷудияти толор/майдончаи варзишӣ дар онҳо.**

Дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ аз 26 декабри 2019 иброз намуданд, ки дар ҳар як деҳа ва маҳалҳои аҳолиашон аз 100 хоҷагӣ зиёд мебошад, як толор ва як майдони варзиш бунёд карда, ба оммавӣ шудани варзиш ва солимии аҳолӣ мусоидат намоянд, корбарӣ шуда, айни ҳол дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия 175 майдончаи варзишӣ ва 70 толорҳои варзишӣ фаъолият менамояд.

Инчунин, дар шаҳри Истаравшан тибқи нақшаи чорабинӣ дар нимсолаи аввали соли 2021, 2 толори вазишӣ дар Ҷ/д "Зарҳалол", деҳаи Сӯфӣ-Ориф, МТМУ №56-и деҳаи "Зарнисор", 2 майдони варзишии футбол дар деҳаи "Қалъаи Баланд" ва Гимназияи № 2-и Ҷамоати деҳоти Қалъачаи Калон, ҳавзи шиноварӣ дар Осоишгоҳи Авитсенаи Истаравшан аз ҳисоби буҷаи маҳал ва соҳибкорон ба маблағи 1500 ҳазор сомонӣ мавриди истифода қарор дода шуд. Ҳоло 9 иншоотҳои варзишӣ, ки дар нақшаи 30 - солагии иншоотҳои ҷашнӣ дохил шудааст бо маром идома дорад.

Ҳамзамон дар соли 2021, 2 майдончаҳои варзишӣ аз он ҷумла 1 майдончаҳои футбол ва 1 майдончаи волейбол ба нақша гирифта шуда, ҳоло корҳои сохтмонӣ рафта истодааст.

Вобаста ба зербанди 17.3 маълумот аз ҷониби шаҳру ноҳияҳои Айнӣ, Ашт, Бӯстон, Гулистон, Деваштич, Зафаробод, Истиқлол, Исфара, Шаҳристон, Мастчоҳ, Панҷакент, Спитамен, Кӯҳистони Мастчоҳ, Хуҷанд ва Ҷаббор Расулов пешниҳод нагардидааст.

**17.4. Таъмини рушди соҳаи варзиш, оммавигардонии он, ташакули тарзи ҳаёти солим ҷалби боз ҳам бештари ҷавонон ба ҳаёти сиёсии ҷомеа, баланд бардоштани майлу рағбати онҳо ба илмомӯзиву навоварӣ, дарёфту дастгирӣ кардани истеъдодҳои ҷавонон (банди 54 паём).**

Дар нимсоли аввали соли 2021 дар шаҳри Хуҷанд 71 маротиба машқҳои пагоҳирӯзӣ баргузор гардидааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта +23 маротиба зиёд гардида, дар он 18800 нафар шаҳрвандон иштирок намуданд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта +13100 нафар зиёд мебошад, ки дар шаҳру ноҳияҳои Конибодом +35 маротиба (60 маротиба) ва +5550 нафар (7800 нафар), Айнӣ +26 маротиба (45 маротиба) ва +2546 нафар (4478 нафар), Бобоҷон Ғафуров +32 маротиба (47 маротиба) ва +2060 нафар (6820 нафар), Деваштич +49 маротиба (71 маротиба) ва +1787 нафар (10686 нафар), Бӯстон +22 маротиба (37 маротиба) ва +1728 нафар (3888 нафар), Истаравшан +7 маротиба (52 маротиба) ва +1708 нафар (5958 нафар), Зафаробод +2 маротиба (24 маротиба) ва +1040 нафар (2800 нафар), Истиқлол +13 маротиба (27 маротиба) ва +976 нафар (1886 нафар), Мастчоҳ +5 маротиба (22 маротиба)

ва +853 нафар (3743 нафар), Кӯҳистони Мастчоҳ +13 маротиба (32 маротиба) ва +823 нафар (4313 нафар), Ҷаббор Расулов +12 маротиба (22 маротиба) ва +616 нафар (3005 нафар), Спитамен +10 маротиба (26 маротиба) ва -1210 нафар (2560 нафар), Ашт +48 маротиба (65 маротиба) ва -544 нафар (4383 нафар) ва Шаҳристон -8 маротиба (24 маротиба) ва -1600 нафар (2720 нафар)-ро ташкил додааст.

Шумораи зиёди иштироки шаҳрвандон дар машқҳои пагоҳирӯзӣ дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Конибодом, Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Деваштич, Бӯстон ва Истаравшан ба назар расида, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо дар ҷалби шаҳрвандон ба варзиш ва тарғиби тарзи ҳаёти солим таъмин карда шудааст.

Ҳамзамон, варзишгарони вилоят дар ҳайати 19 нафар, аз ҷумла 2 бону дар ҳайати дастаи мунтахаб дар 11 мусобиқаи байналмилалӣ сафарбар гардида, ба хазинаи варзишии вилоят 10 медал, аз ҷумла 4 медали тилло, 5 нуқра ва 1 биринҷӣ оварданд.

Дар нимсолаи аввали соли 2021 дар вилоят варзишгарон аз рӯи натиҷаҳои мусобиқаҳои варзишӣ дар шаҳру ноҳияҳои Мастчоҳ 381 адад (97 тилло, 108 нуқра, 176 биринҷӣ), Исфара 489 адад (155 тилло, 146 нуқра, 188 биринҷӣ), Гулистон 852 адад, Хуҷанд 172, Бӯстон 498 адад (148 тилло, 133 нуқра, 217 биринҷӣ), Деваштич 29 адад (8 тилло, 10 нуқра, 11 биринҷӣ), Ашт 267 адад (90 тилло, 92 нуқра, 85 биринҷӣ), Спитамен 405 адад (125 тилло, 132 нуқра, 148 биринҷӣ), Зафаробод 157 адад (28 тилло, 27 нуқра, 32 биринҷӣ), Конибодом 85 адад (32 тилло, 22 нуқра, 31 биринҷӣ) ва Панҷакент 294 адад (79 тилло, 85 нуқра, 130 биринҷӣ) ба даст оварданд.

### 17.5. Рафти бунёди иншоотҳои варзишӣ аз ҷумла, бо ҷалби соҳибкорону тоҷирон (банди 85 паём, Амри ПҶТ аз 06.03.2019с. №АП-1176 Нақша-чорабиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳи ва ҳунарҳои мардумӣ” банди 32).

Мувофиқи маълумоти оморӣ дар вилоят 2745 иншооти варзишӣ новобаста аз шакли моликияташон, ба қайд гирифта шудаанд, ки аз ин 48 варзишгоҳ, 1893 майдончаи варзишӣ, 602 толори варзишӣ, 37 ҳавзи шиноварӣ ва 165 маҷмаа, иншооти махсуси варзишӣ аз қабили тир, боулинг, фитнес ва клубҳои ихтиёрӣ фаъолият доранд.

Ҳамзамон, дар нимсолаи аввали соли 2021 дар шаҳру ноҳияҳои вилоят, дар маҷмӯъ, 22 иншооти варзишӣ, аз ин 2 толор ва 1 маҷмааи варзишӣ, 15 майдончаи варзишӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба маблағи 1076,0 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби соҳибкорон ба маблағи 6360,0 ҳазор сомонӣ мавриди истифода қарор дода шуд.

Бо мақсади ҷалби наврасону ҷавонон ба варзиш дар вилоят фаъолияти 44 мактаби варзишӣ, аз ҷумла 1 мактаби маҳорати олии варзишии вилоят, 1 мактаби варзишии вилоят, 10 мактаби махсуси варзишӣ, 1 мактаби махсуси варзишии захираҳои олимпӣ, 28 мактаби варзишӣ дар шаҳру ноҳияҳо ва 3

мактаби варзишӣ дар тобеияти кумитаҳои иттифоқҳои касабаи мустақил ва ташкилоти ҷамъиятии “Ҳосилот” ба роҳ монда шудааст.

Дар боқимонда шаҳру ноҳияҳо ба таври зайл нақшагузорӣ карда шудааст, аз ҷумла Хуҷанд 9/27, Бобоҷон Ғафуров 12/33, Айнӣ 21/58, Спитамен 5/11, Бӯстон 3/10, Конибодом 5/20, Исфара 1/9, Истаравшан 7/3 ва Деваштич 36/55 мебошад.

Маълумотҳои пешниҳоднамудаи шаҳру ноҳияҳои Ашт 29/28, Кӯҳистони Мастчоҳ 8/11, Истиқлол 2/6, Шаҳристон 0/1 ва Зафаробод 0/5 нисбати ҷамъбасти сол бетағйир боқи мондааст.

Баҳри ҳарчӣ бештар ҷалб намудани сокинон ба варзиш шумораи иншоотҳои варзишӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Конибодом +18 адад зиёд гардида, ба 224 адад расонида шуд. Ин нишондод дар шаҳру ноҳияҳои Истиқлол +13 адад (78 адад), Хуҷанд +10 (275 адад), Истаравшан +8 адад ( 319 адад), Панҷакент +45 адад (195 адад), Ашт +7 адад (177 адад), Спитамен +6 адад (143 адад), Бобоҷон Ғафуров +5 адад (252 адад), Шаҳристон +5 адад (66 адад), Мастчоҳ +3 адад (70 адад), Деваштич +2 адад (143 адад), Кӯҳистони Мастчоҳ +2 адад (36 адад), Зафаробод +1 адад (83 адад), Гулистон +1 адад (128 адад) ва Исфара 141 ададро ташкил медиҳад, ки ба таъмини нишондиҳандаи рушди соҳаи варзиш таъсири мусбӣ мерасонад.

Инчунин ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Бӯстон 118 адад, Айнӣ +-0 адад (83 адад) ва Ҷаббор Расулов +-0 адад (41 адад) нисбати ҳамин давраи соли гузашта бе тағйир боқи мондааст.

Шумораи нисбатан зиёди бунёди иншооти варзишӣ дар шаҳру ноҳияҳои Конибодом, Хуҷанд, Истаравшан, Ашт, Спитамен, Бобоҷон Ғафуров ва Шаҳристон ба назар расида, шароити мусоидро баҳри ҳарчи бештар ҷалб намудани ҷавонон ба варзиш фароҳам оварда, шумораи иншооти варзишӣ дар шаҳрҳои Бӯстон, Айнӣ ва Ҷаббор Расулов бе тағйир буда, ба нишондиҳандаи рушди соҳаи варзиш таъсири мусбӣ расонида нашуда, тавқият бахшидани фаъолиятро тақозо менамояд.

Дар нимсоли аввали соли 2021 аз ҷониби соҳибкорон ва шахсони саховатпеша дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 15 адад иншоотҳои варзишӣ сохта ба истифода дода шуданд, аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Истаравшан 4 адад, Хуҷанд 3 адад, Ашт 3 адад, Шаҳристон 2 адад, Бобоҷон Ғафуров 1 адад, Спитамен 1 адад ва Зафаробод 1 адад.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷобаҷокунии ҷавонон дар вазифаҳои роҳбарикунанда, ҷалби ташкилоту муассиса, соҳибкорон барои бунёди майдону толорҳои варзишӣ, ва фароҳам овардани заминаи баланд бардоштани оммавигардонии варзиш мусоидат намоянд

## 18. Рушди соҳаи сайёҳӣ

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи сайёҳӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 18.1. (18.1., 18.2., 18.3.) Фароҳам овардани шароит барои рушди соҳаи сайёҳӣ, арзёбӣ гардиданд.**

### 18.1. (18.1., 18.2., 18.3.) Фароҳам овардани шароит барои рушди соҳаи сайёҳӣ

**18.1. Андешидани тадбирҳо ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, бунёд ва беҳтар намудани шароити инфрасохтори сайёҳӣ, экологӣ, табобатӣ, варзишию шикор ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ**

Дар ноҳияи Айнӣ ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ бунёд ва беҳтар намудани шароити инфрасохтори сайёҳӣ, экологӣ, табобатӣ, варзишию шикор ва баланд бардоштани сатҳи сифати хизматрасонӣ бо мақсади чорабиниҳои бахшида ба солҳои 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” ва нақша чорабиниҳои амалисозии стратегияи рушди сайёҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 корҳои муайяне ба сомон расонида шуд.

Рушди соҳаи сайёҳӣ бо ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ такмил додани инфрасохтор дар мавзеҳои сайёҳии ноҳия аз қабили “Искандаркул”, “Кулҳои Аловуддин”, “Дараи Яғноб”, мавзеъҳои таърихӣ рафта истода 2 ширкати сайёҳӣ, аз ҷумла намояндагии ширкатҳои сайёҳии мамлакат ва ноҳия амал мекунанд. Дар мавзеи Саратоғ минтақаи сайёҳии мавсимии шаҳраки хаймаҳо фаъолияти худро оғоз кардааст.

Дар ноҳияи Ашт ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ дар ноҳия 42 адад иншоотҳои соҳавӣ, аз қабили меҳмонхонаҳо, осорхона, табобатгоҳ, истироҳатгоҳҳо, ёдгориҳои таърихӣ фаъолият доранд. Дар ноҳия сайёҳии куҳиву варзишӣ, экологӣ, таърихию маърифатӣ, табобатӣ ва истироҳатӣ маъмул мебошад. Дар Ҷамоати деҳоти Ошоба дар мавзеъи Чинор-бобо ва мавзеъи куҳии Бобои Об, ки баландиаш аз сатҳи баҳр 3768 метр мебошад, сайёҳии куҳиву варзишӣ ва экологӣ ба роҳ монда шудааст.

Деҳаҳои Кулихоҷа ва Мулломир бо мавзеъҳои нотакрори худ, мисли “Надок”, “Сардоб”, “Пазмон”, ”Ченар”, ”Шерлоқ”, ”Милқӣ”, ”Бобои Четан”, ”Маздак”, ”Сарои хиштин”, ”Бурси якка” ва мавзеъҳои таърихии “Қалъаи Афросиёб”, “Тудаи калон”, “Тудаи хурд”, “Меҳроби Ашт”, масҷиди “Ҳашт саҳоба”-и Ҷамоати деҳоти Ашт барои қабули сайёҳон ва меҳмонон хеле мувофиқ мебошад.

Дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров низ ҷойҳои таърихии тамошобоб ба монанди Осорхонаи ҷумҳуриявии ба номи Академик Бобоҷон Ғафуров, Муассисаи давлатии Қасри маданияти Арбоб, мавзеи Хоҷабақирғони ҷамоати Овчиқалъача, хона музейи "Анора", минтақаи истироҳатии "Биҳиштосо", маҷмааи фарҳангию фароғатии ба номи "Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ", минтақаи истироҳатии “Ҷазираи Темурмалик”, гӯшаи табиати зинда “Маркази табиатшиносӣ” дар ҷамоати деҳоти Ғозиён, минтақаи дамгирии “Арчазор” дар

ҷамоати деҳоти Чашмасор мавҷуд мебошад, ки ин метавонад барои ҷалби сайёҳони хориҷӣ мусоидат намояд.

Бо мақсади муаррифии минтақаҳои сайёҳии ноҳия айни ҳол дар маркази ноҳия лавҳаи рекламавии андозааш 3х6 бо ишораҳои минтақаҳои сайёҳӣ насб карда шуда, ҳамаи минтақаҳои сайёҳӣ бо расм ва маълумотҳо дар сомонаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ҷойгир карда шудааст.

Дар шаҳри Гулистон бояд қайд кард, ки осоишгоҳи ҶДММ “Баҳористон” аз зумраи иншооти муҳими соҳаи табобату саёҳат мебошад, ки дар соҳили баҳри тоҷик бунёд гаштааст. Айни ҳол бо дастуру ҳидоят ва роҳнамоии Сарвари давлат дар ҳудуди осоишгоҳи “Баҳористон” сохтмони боз як иншооти нав барои 100 ҷойи хоб бунёд шуда истодааст. Бинои мазкур бо дарназардошти талабот ба ҷойҳои нави истироҳату табобат бо тарҳи замонавӣ сохта ба истифода дода мешавад.

Қобили зикр аст, ки аз ҷониби соҳибкор Зокирова Т. сохтмони осоишгоҳи замонавӣ барои 250 ҷойи истироҳат бунёд гардида истодааст. Мувофиқи лоиҳа дар осоишгоҳ тамоми шароити зарурӣ барои меҳмонону сайёҳони дохилию хориҷӣ фароҳам оварда мешавад, вобаста ба ин барои сохтмони тамоми қисматҳои осоишгоҳ мутахассисони ботаҷриба ҷалб карда шудаанд.

Дар ноҳияи Зафаробод дар давоми нимсолаи якуми соли 2021 ба ноҳия 188 нафар сайёҳон ташриф оварданд, ки аз ин 12 нафарашон сайёҳони хориҷӣ мебошанд.

Оид ба таъсиси Марказҳои иттилоотии сайёҳӣ ва ширкати сайёҳӣ дар якҷоягӣ бахши рушди сайёҳии шаҳри Истаравшан корҳо идома дошта, дар рӯзҳои наздик намояндагии ширкати сайёҳӣ дар ноҳия ташкил мегардад.

Ҳамчунин ҷиҳати ҳифзи ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ соли 2018 осорхонаи ноҳиявӣ ташкил карда шуд. Дар ин давра ба осорхона 30 нафар сайёҳ ба қайд гирифта шуда, аз ин 3 нафар хориҷӣ мебошанд.

Бо мақсади бунёд ва мавриди истифода қарор додани иншооти инфрасохтори сайёҳӣ моҳи апрели соли 2018 дар маркази ноҳия аз тарафи соҳибкори маҳаллӣ Маҳмудов Орифҷон меҳмонхонаи замонавии бо номи «Ситора» барои қабули 18 нафар меҳмонон дар як вакт сохта ба истифода дода шуд. Ҳамчунин сохтмони боз як меҳмонхона дар маркази ноҳия идома дорад.

Дар давраи ҳисобот ба меҳмонхона 169 нафар меҳмонон ба қайд гирифта шудаанд, ки хизматрасонии ин соҳа 50,7ҳазор сомониро ташкил дод.

Дар шаҳри Истаравшан аз ҷумла ҷиҳати иҷрои бандҳои Стратегия дар соли 2021 дар ҳамкории ширкатҳои сайёҳӣ 13 хатсайрҳои нави муштарак бо монанди хатсайрҳои “Шиносои бо Қалъаи Муғ” “Истаравшан – шаҳр осорхона”, “Истаравшан макони ҳунарҳои миллӣ” ва дигар хатсайёрҳои сайёҳӣ дар самти ёдгориҳои таърихӣ, манзараҳои зебо, ҳунармандӣ ва сайёҳии экологӣ ташкил карда шуда, бо бастаҳои хизматрасонӣ ба мақомоти ваколатдори соҳа пешниҳод карда шуданд. Ҳамзамон барои баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ дар инфрасохторҳои сайёҳии шаҳр, ки яке аз ҳадафҳои асосии Стартегия маҳсуб меёбад, бо ҷалби пешхизматҳои тарабхонаҳову ошхонаҳо,

кормандони осоишгоҳҳо ва меҳмонхонаҳои шаҳр мулоқотҳо ташкил карда шуда, тавсияҳои муфид дода шуданд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр 25 майи 2021 озмуни шаҳрии “Мисгарию оҳангарӣ”-ро дар майдони парчами шаҳри баргузор намуд. Дар натиҷа 5 нафар ғолибон муайян карда шуданд.

Ҳамаи иштирокчиён ва ғолибони озмун бо тӯҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шуданд.

Ҳамзамон ғолибон санаи 21 июни соли 2021 дар озмуни вилояти иштирок варзида ба даври ҷумҳуриявӣ роҳхат бурд карданд. Дар санаи 27 июни соли 2021 Мирзоев Иброҳим аз рӯи наминатсияи мисгарӣ дар озмуни ҷумҳуриявӣ иштирок намуда сазоворӣ ҷойи аввал гашт, ки ин боиси қайд кардан ва гуфтанист.

Дар шаҳри Исфара баҳри боз ҳам рушд додани соҳаи сайёҳӣ қарори раиси шаҳр дар бораи амалӣ намудани нақшаи чорабиниҳои “Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020”дар шаҳри Исфара қабул карда шуда, маблағҳои зарурӣ пешбинӣ гардидааст. Барномаи мазкур аз панҷ фасл ва аз 26 банд иборат буда маблағҳои зарурӣ барои соли 2018-17000 сомонӣ, соли 2019-15,5 ҳазор сомонӣ ва соли 2020-15.5 ҳазор сомонӣ аз буҷети шаҳри Исфара пешбинӣ шудааст. Тибқи барномаи мазкур раисони Ҷамоати шаҳраку деҳоти Исфара барои амалигашти нуқтаҳои дахлдори нақша чорабиниҳои мазкур дар ҳудуди худ низ корбарӣ намуда истодаанд. Аммо мутаасифона, барои иҷрои саривақтии бандҳои ба маблағ вобаста будаи Барномаи мазкур дар солҳои 2018, 2019 ва то ҳол маблағгузорӣ нагардидааст. Бобати масъалаи мазкур дархостҳои бахши рушди сайёҳӣ пешниҳод гардидааст.

Инчунин қарори раиси шаҳри Исфара аз 12- уми июли соли 2017, таҳти №226 “Дар бораи Шӯрои ҳамоҳангсозии соҳаи сайёҳӣ дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Исфара” ба тавсиб расида, аъзоён аз фаъолияти нуқтаҳои хизматрасонӣ, мавзеъҳои сайёҳӣ ва ёдгориҳои таърихӣ назорат бурда баҳри пешрафт маслиҳатҳои худро мерасонанд.

Дар шаҳри Конибодом бо истифода аз имтиёзҳо ҷиҳати воридоти таҷҳизоту техника ва масолеҳи сохтмонӣ барои бунёди иншооти инфрасохтории сайёҳӣ якчанд лоиҳаҳо, аз ҷумла бунёди меҳмонхонаҳо, маҷмааи сайёҳӣ, боғҳои фароғатӣ корбарӣ идома дорад.

Аз ҷумла, бинои меҳмонхонаи “Ором” ва истироҳатгоҳи “Ирам” таъмир гашта, роҳи истироҳатгоҳ асфалтпуш гардид. Дар аксари ҷамоатҳои деҳот вобаста ба таъмини дастуру супоришҳои Сарвари давлат корбарӣ хуб ба роҳ монда шуда, бунёди иншоотҳои нав ба роҳ монда шудааст.

Дар идомаи тадбирҳои судманд ва дар доираи корҳои ободониву бунёдкорӣ ба истиқболи 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Нақшаи чорабиниҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Конибодом оид ба бунёду азнавсозии як қатор иншоотҳои гуногун аз ҷумла, китобхона, қасри фарҳанг, боғи фарҳангу фароғатӣ, гулгашт, марказҳои савдо, маркази хизматрасонӣ, кошонаи ҳусн

майдончаҳои варзишӣ ифтитоҳ ва азнавсозӣ карда шуда, корҳо дар ин самт ҷараён доранд.

Дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 10 адад иншоотҳои хизматрасонии сайёҳӣ, инчунин 49 адад ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ мавҷуд аст, ки ҳамаи онҳо ба рушди сайёҳии ноҳия мусоидат мекунанд. Барои таъмиру тармими иншоотҳои саёҳӣ дар ноҳия якҷо бо соҳибкорон ва сармоягузорон корбарӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар давоми нимсолаи аввали соли равон ба ноҳия 149 нафар сайёҳон ворид гардидаанд, ки аз он 36 нафар кухнавардӣ, 82 нафар таърихию фарҳангӣ ва 31 нафар дигар намудҳо мебошанд.

Дар ноҳияи Мастчоҳ 7 адад мавзеъҳои сайёҳӣ, 2 адад меҳмонхона, 1 адад маркази ташхиси табобатии "Сино", ошхонаҳои замонавӣ ва инчунин дар гузаргоҳҳо нуқтаҳои хизматрасонии бонкиву шабакаҳои алоқа барои сайёҳон мавҷуд аст. Дар давраи ҳисоботӣ 30 нафар сайёҳони хориҷӣ ва 35 нафар сайёҳони дохилӣ аз мавзеҳҳои сайёҳии ноҳия дидан намуданд.

Ҳоло дар шаҳри Панҷакент 23 ширкати сайёҳӣ ва як ташкилоти ҷамъиятии "Шӯрои Зарафшон оид ба рушди сайёҳӣ" фаъолият мебаранд. Ҳамзамон дар шаҳр 4 маркази иттилоотии сайёҳӣ, 10 меҳмонхона, 2 пойгоҳи сайёҳӣ ва 22 хонаҳои меҳмонқабулкунӣ бо ғунҷоиши зиёда аз 750 ҷой, 4 осорхона ва 355 ёдгориҳои таърихӣ фаъолият мебаранд.

Бинобар сабаби ба саёҳати кӯҳӣ таваҷҷӯҳи бештар доштани сайёҳони хориҷӣ дар хатсайрҳои «Ҳафткӯл» ва «Кӯликалон» пойгоҳҳои пазироии сайёҳон ташкил карда шудааст ва айни замон бунёди нуқтаҳои нави пазироии сайёҳон дар дигар хатсайрҳои сайёҳӣ низ идома дорад.

Дар ноҳияи Спитамен 46 адад қаҳвахона, ошхона, тарабхона, чойхона, 3 адад меҳмонхона, 3 адад маркази солимгардонии ғайридавлатӣ, 1 адад осорхонаи ба номи "Курушкада" фаъолият намуда истодааст. Тибқи маълумотҳои оморӣ ба ҳолати 1 июли соли 2021 ба ноҳия 1250 нафар сайёҳони ҷумҳуриҳои ҳамсоя ва сайёҳони дохилӣ аз зиёратгоҳи таърихии "Лангар Ота" ва ҷойҳои таърихии ноҳия, аз ҷумла Қалъаи Ширин дидан намуданд, ки аз ин шумора 2125 нафар сайёҳони дохилӣ мебошанд.

Дар шаҳри Хуҷанд бояд зикр намуд, ки ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ 10 муассисаҳои сайёҳӣ, ба монанди ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуди "Спутник", "Саёҳати олӣ", "Олами саёҳат", "Ҷаҳонгард", "Алп Сомон-тур", "Панҷистон", филиали ҶДММ "Вояҷпур", филиали ҶДММ "Шоҳинтур", Ассотсиатсияи тараққиёти туризми "Зарафшон" ва муассисаи давлатии Маҷмааи фарҳангию таърихии "Қалъаи Хуҷанд" фаъолият бурда истодаанд.

Бо мақсади ҷалби сайёҳони дохилӣ ва ҳам хориҷӣ хатсайрҳои нави "Қалъаи Хуҷанд", "Душанбе-пойтахти Тоҷикистон", "Кӯҳистони нишот", "Водии ҳунармандон", "Панҷакенти бостонӣ", "Зебогии кӯҳҳои Шаҳристон", "Конибодоми таърихӣ", "Баҳри тоҷик" ва "Хони кушода" фаъолияти пурсамар доранд.

Айни ҳол, дар шаҳр барои қабули сайёҳон 14 меҳмонхонаҳо бо теъдоди 873 адад ҷойи қабули меҳмонон фаъолият намуда истодаанд. Барои сайёҳон 15

адад нуқтаҳои фурӯши маҳсулоти ороишӣ аз сангҳою металлҳои қимматбаҳо, тӯҳфаҳои хотиравӣ, намунаҳои ҳунарҳои дастии ҳунармандон фаъолият менамояд.

Ноҳияи Ҷаббор Расулов асосан дар фасли баҳор диққати сайёҳонро ба худ ҷалб менамояд. Дар фаслҳои баҳору тобистон шаҳрвандон аз шаҳру ноҳияҳои гирду атроф барои сайри лола меоянд ва дар ноҳия баҳри истироҳати бофароғат дар табиат шароит муҳайё карда шудааст. Дар ноҳия 1 адад меҳмонхона бо номи «Салимбек» фаъолият менамояд, ки дар шаҳраки Меҳробод ҷойгир аст.

Дар ноҳия 2 адад истироҳатгоҳ – осоишгоҳ мавҷуд буда, аз он ҷумла; «Истироҳатгоҳи солимгардонии кӯдакон ба номи 20-солагии Истиқлолият» ва ҶДММ «Гиппократ» ва 2 адад осорхонаҳо, хона-осорхонаи Бобохон Ҳамдамов дар Ҷамоати деҳоти Сомониён ва осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ дар Ҷамоати деҳоти Ғулакандоз мавҷуд аст.

Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ ба ноҳия 3356 нафар сайёҳ ворид шудааст, ки аз он 16 нафар сайёҳи хориҷӣ мебошад.

Дар ин давра гардиши маблағи умумии соҳаи сайёҳӣ аз хизматрасонии меҳмонхона, тарабхона ва ошхона ба маблағи 1173,2 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳристон ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, бунёд ва беҳтар намудани шароити инфрасохтори сайёҳӣ, экологӣ, табобатӣ, варзишию шикор ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ тадбирҳо амалӣ намуда истодааст.

Дар Маркази мазкур харитаи сайёҳӣ, феҳрести хатсайри сайёҳӣ, маълумотҳо дар бораи мавзеъҳои ҷойгиршавӣ ва таърихи ёдгориҳои таърихӣ ва мавзеъҳои сайёҳӣ бо назардошти феҳрести хатсайри сайёҳӣ насб карда шудааст.

Дар маркази ноҳия осоишгоҳи ҶДММ "Аҳмаду Кароматˮ дорои ҳамаи шароитҳои табобатию истироҳатӣ мебошад.

Бахшида ба Иди Наврӯз дар маркази ноҳия аз тарафи соҳибкор Ниёзмаҳматов Юсуф бинои 3 ошёнаи Маркази ташхисию табобатии "Юсуфӣˮ бо ҳамаи шароитҳои муосир сохта ба истифода дода шуд.

Инчунин дар деҳаи Турсунзода аз тарафи соҳибкор Хорумбоев Ёрибек сохтмони бинои ошхона ва меҳмонхона идома ёфта дар рӯзҳои наздик ба истифодабарӣ дода мешавад

**18.2. Андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани хизматрасониҳо, дарёфти роҳҳои нави ташкили инфрасохтори сайёҳӣ, ҷалби ҳарчи бештари сайёҳони дохиливу хориҷӣ, хусусан, рушди сайёҳии дохилӣ .**

Дар ноҳияи Айнӣ бояд қайд намуд, ки дар ҳамаи 5 меҳмонхонаҳо ва мавзеъҳои сайёҳии Искандаркул, Кулҳои Аловуддин, Саратоқ, мавзеъҳои таърихии ноҳия корҳои фаҳмондадиҳи гузаронида шуда, меҳмонхонаҳо ва мавзеъҳои сайёҳии ноҳия барои қабули сайёҳон бо риояи ҳатмии қоидаҳои

беҳдошти санитарӣ, барои таъмини бехатарии сайёҳон бо истифода аз маводҳои антисептикӣ ва дигар маҳлулҳои безараргардонӣ омодаанд.

Тули ин давра 1750 нафар сайёҳ, аз ҷумла 135 сайёҳи хориҷӣ, 1615 сайёҳи дохилӣ ба ноҳия ворид шудаанд ва онҳо 3,9 млн сомонӣ хизмат расонида шудааст.

Ҷиҳати ҷалби сайёҳони дохилию хориҷи фароҳам овардани шароит аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ дар мавзеи Работ, шаҳраки Зарафшон, маркази ноҳия, такоби Хушекат инфрасохтори хизматрасони бо истифода аз меҳмонхонаҳои хусусии дорои ташноб, хуроки тезтайёр, ҷойҳои истироҳат ба роҳмонда шудааст. Аз ҷумла меҳмонхонаҳои "Нурӣ Раҳмон", "Варзи Манор", "Суғд"-и маркази ноҳия, "Қаҳрамон" (шаҳраки Зарафшон), мавзеи Искандаркул, Аловиддин ба хизматрасонӣ омодаанд.

Дар деҳаи Мадм сехи истеҳсоли армуғонҳо барои сайёҳон ва ҳунарҳои мардумӣ, меҳмонхонаи миллии шахсӣ барои қабули сайёҳони хориҷӣ фаъолият мекунад.

Вале бинобар набудани бахш ё мутассадии соҳа шумораи сайёҳон ва ҳаҷми хизматрасони ба сайёҳони хориҷию дохилӣ аниқ набуда назорату ҳамкорӣ мувофиқи талаб нест.Таъсиси сомонаҳои интернетӣ, маъмурӣ, хизматрасонии сайёҳӣ аз ин ҷиҳат мавҷуд нест.

Дар ҳудуди ноҳияи Ашт айни замон се иншооти соҳаи сайёҳӣ фаъолият намуда истодаанд, ки инҳо ҶДММ "Меҳмонхонаи "Шайдон" дар маркази ноҳия – шаҳраки Шайдон бо 70 ҷой, табобатгоҳи "Аксикон" дар Ҷамоати деҳоти Меҳробод бо 262 ҷой ва маркази сайёҳии истироҳатии "Рахшона" бо 20 ҷой мебошад.

Табобатгоҳи "Аксикон" мавзеи табобативу истироҳатӣ буда, фаъолияти он мавсимӣ мебошад. Сайёҳону сокинони ҷумҳурӣ ва хориҷӣ дар ин ҷо саломатии худро бо истифода аз лойқаҳои шифобахши табиӣ барқарор менамоянд. Дар ин табобатгоҳ барои 262 нафар табобатгирандагон ҷойи истиқомативу истироҳатӣ, ошхона, чойхона ва дигар нуқтаҳои хизматрасонӣ ва истироҳатӣ омода карда шудааст.

Дар маркази сайёҳии истироҳатии "Рахшона" бо мақсади қабули меҳмонон ва сайёҳон ва таъмини истироҳати бофароғати онҳо, дар бинои дуошиёна меҳмонхона барои 20 нафар, хонаи дамгирӣ, ошхонаҳо барои тайёр намудан ва истеҳмоли хӯроки гарм ва дигар шароитҳои маданӣ-маишӣ (ҳамом ва ташноб) тибқи талаботҳои муосири меъморӣ бунёд карда шудааст.

Инчунин барои сайёҳон дар ҳудуди ноҳия 9 мавзеъҳои сайёҳӣ, 1 тарабхона, 15 ошхонаҳо, 2 осорхона, 27 китобхонаҳо, 3 нуқтаи хизматрасони бонкӣ, 1 боғи фарҳангию фароғатӣ ва 2 мағозаҳои армуғонӣ омодаи хизматрасонӣ мебошанд.

Дар давраи ҳисобӣ бахшида ба эълон гардидани солҳои 2019 – 2021 "Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" дар ноҳия 9 чорабиниҳои фарҳангӣ ва фестивалу озмунҳо баргузор гардиданд.

Дар давоми нимсолаи якуми соли 2021 ба иншоотҳо сайёҳӣ ҳамагӣ 1091 нафар сайёҳон ташриф оварданд, ки ҳамаи онҳо сайёҳони дохилӣ

мебошанд. Нисбати ҳамин давраи соли 2020, ташрифи сайёҳон ба ноҳия 515 нафар зиёд шудааст. Гардиши умумии соҳаи сайёҳӣ дар нимсолаи ҳисобӣ 55,5 ҳазор сомониро ташкил намуд.

Ҷиҳати рушд бахшидан ба сайёҳии дохилӣ аз ҷониби масъулин тадбирҳо андешида, мунтазам аз ҷониби мактаббачагон ва аҳолии ноҳия аз минтақаҳои сайёҳӣ, аз ҷумла аз мавзеи Қасри маданияти "Арбоб", осорхонаи Академик Бобоҷон Ғафуров, ҳамзамон Боғи фарҳангию фароғатии ба номи А.Рӯдакӣ боздид менамоянд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Гулистон барои ҷалби бештари сокинону меҳмонон ба шаҳр, боғи фароғатии истироҳатии ба номи "Темурмалик"-ро дар соҳили "Баҳри тоҷик" пурра азнавсозӣ менамояд.

Ҳамзамон, аз ҷониби соҳибкори ватанӣ 11 котеҷи замонавӣ ба истиқболи 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд мегардад. Коттеҷҳои замонавӣ бо назардошти талаботи байналмиллалӣ ва мутобиқ ба меъёрҳои сохтмонӣ сохта хоҳад шуд.

Хатсайрҳои сайёҳии "Баҳористон" натиҷаи ҳамкории зичи Кумитаи рушди сайёҳӣ бо осорхонаи таърихии "Қалъаи Хуҷанд"-и шаҳри Хуҷанд буда, ба рушди сайёҳӣ дар ин минтақа равона шудааст. Хатсайри сайёҳии "Баҳористон" шаҳрвандонро метавонанд ҳам гурӯҳӣ ва ҳам фардӣ саёҳат намоянд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Деваштич ҷиҳати рушди инфрасохтори сайёҳӣ, зиёд намудани теъдоди ширкати сайёҳӣ ва шумораи сайёҳон барои таъсиси ширкати сайёҳӣ бо соҳибкорони ноҳия дар ин самт корбарӣ рафта истодааст, дар ҳолати аз ҷониби соҳибкорон имконият пайдо гардидан ба роҳ монда мешавад.

Дар ноҳияи Зафаробод дар назди гузаргоҳҳои сарҳадии ноҳия оид ба ҷудо намудани қитъаи замин барои ташкили таваққуфгоҳҳо барои сайёҳон бо фарогирии хӯроки тезтайёр, ташноб, шустушӯйгоҳ, ҷои истироҳат ва дигар хизматрасониҳо шахсони масъул вазифадор гардидаанд. Алҳол оид ба ташкили нуқтаҳои мазкур аз тарафи соҳибкорони маҳаллӣ дархостҳо ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ворид гардидааст.

Имрӯз дар самти шоҳроҳи Зафаробод-Хуҷанд, ки тавассути роҳи мазкур аз сарҳад шаҳрвандони Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ ташриф меоранд дар 6 адад нуқтаҳои фурӯши сӯзишвории дар қабати роҳ буда, ташнобҳо ташкил карда шудааст, ки рафти фаъолияту ҳолатҳои санитарии онҳо зери назорати қатъӣ қарор дорад.

Дар шаҳри Истаравшн ҷиҳати бунёди осоишгоҳу меҳмонхонаҳо ва такмил бахшидан ба инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ, бо шароитҳои зарурӣ чораандешӣ карда шуда, осоишгоҳҳои "Авитсена", "Уротеппа" ва "Авис сити" марҳила ба марҳила таъмир ва азнавсозӣ гардида истодаанд. Дар осоишгоҳи "Авитсена" 1 чойхонаи замонавӣ ва 2 бино барои 6 ҷой, дар осоишгоҳи "Уртотеппа" 6 ҳуҷра бо шароити замонавӣ ва дар осоишгоҳи "Авис сити" ҳавзӣ шиноварии пӯшида, чойхонаи "Сандалӣ" бо тарзи замонавӣ ва системаи навӣ гармидиҳии марказонидашуда дар сатҳи баланд таъмир гардиданд.

Барои таъмир ва азнавсозии дигар инфрасохторҳои сайёҳӣ ба монанди Гумбази кабуд, Ҳавзи Сангин, Ҳазрати Шоҳ ва дигар объектҳои таърихию фарҳангӣ нақшаи чорабиниҳо қабул карда шуда, оянда наздик барои ташрифи сайёҳони хориҷиву дохилӣ ин объектҳо омода карда мешаванд.

Якчанд иншшотҳои сайёҳӣ дар нимсолаи якуми соли 2021 дар шафати роҳи Душанбе-Хуҷанд-Чаноқ сохта ба истифода дода шуд. Сохтмони меҳмонхонаи "Истаравшан" дар хиёбони И. Сомонӣ аз тарафи соҳибкор Эшонов Аскар ба маблағи 1799 ҳазор сомонӣ, сохтмони мабразхонаи замонавӣ дар деҳаи Куҳандиз воқеъ дар шафати роҳи Душанбе-Хуҷанд-Чаноқ ба малағи 35,6 ҳазор сомонӣ сохта ба истифода дода шуд.

Аз ҷумла ҷиҳати иҷрои бандҳои мазкур дар ҳамкории ширкатҳои сайёҳӣ 13 хатсайрҳои нави муштарак ба монанди хатсайрҳои "Шиносоӣ бо Қалъаи Муғ", "Истаравшан – шаҳр осорхона", "Истаравшан макони ҳунарҳои миллӣ" ва дигар хатсайёрҳои сайёҳӣ дар самти ёдгориҳои таърихӣ, манзараҳои зебо, ҳунармандӣ ва сайёҳии экологӣ ташкил карда шуда, бо бастаҳои хизматрасонӣ ба мақомоти ваколатдори соҳа пешниҳод карда шуданд. Ҳамзамон барои баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ дар инфрасохторҳои сайёҳии шаҳр, ки яке аз ҳадафҳои асосии накшаи чорабинии тартибдодашуда маҳсуб меёбад, бо ҷалби пешхизматҳои тарабхонаҳову ошхонаҳо, кормандони осоишгоҳҳо ва меҳмонхонаҳои шаҳр мулоқотҳо ташкил карда шуда, тавсияҳои муфид дода шуданд.

Сомонаи интернетии сайёҳӣ дар шаҳр дар ҳамкории ширкати сайёҳии "Тоҷикистон-тревел" таъсис дода шуд, ки дар он маълумотҳои ҷолиб оид ба шаҳр ва имкониятҳои сайёҳӣ мунтазам ба роҳ монда шудаанд. Ҳамзамон дар сомонаи шаҳр (www.mihdistaravshan.tj) рубрикаи сайёҳии шаҳри Истаравшан ташкил дода шуда мунтазам хабарҳои нави дахлдори соҳаро баҳри хонандагон пешниҳод менамоем. Ба ғайр аз он дар шабакаи ичтимоии Фейсбук саҳифаи бахши рушди сайёҳии шаҳри Истаравшан ташкил дода шудааст.

Шаҳри Истиқлол аз ҷиҳати мавқеи ҷуғрофӣ дар доманакӯҳҳои Қурама ҷойгир буда, дар фасли баҳор диққати сайёҳонро ба худ ҷалб менамояд. Бо мақсади ҷалби сайёҳони дохиливу хориҷӣ қарори раиси шаҳр аз санаи 1-уми июли соли 2019, №146 "Дар бораи нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии "Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030, барои солҳои 2019-2022" ба тасвиб расида, нақшаи чорабиниҳо аз рӯйи 5 қисм ва 22 банд тасдиқ карда шудааст. Дар шаҳр барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ, бо мақсади ҷалби бештари сайёҳон таъмир ва бунёди 6 иншоотҳо пешбинӣ шудааст, ки дар давраи ҳисоботӣ 3 маркази хизматрасонӣ ва туйхонаҳои замонавӣ бунёд ва ба истифода дода шуд. Ҳамчунин, ҳунари қолинбофӣ ва атласу адрасбофӣ ривоҷ ёфта, дар ин муддат ду нуқтаи ҳунарҳои мардумӣ фаъолият намуд.

Аз аввали соли равон ба шаҳр ҳамагӣ 101 сайёҳон ташриф овfarданд, ки аз онҳо 3 нафарашон сайёҳони хориҷӣ мебошанд. Маблағи соҳаи сайёҳӣ дар ин давра 15 ҳазор сомониро ташкил дод.

Дар шаҳри Исфара баҳри боз ҳам рушд додани соҳаи сайёҳӣ қарори раиси шаҳри Исфара Дар бораи амалӣ намудани нақшаи чорабиниҳои “Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020”дар шаҳри Исфара қабул карда шуда маблағҳои зарурӣ пешбинӣ гардидааст. Барномаи мазкур аз панҷ фасл ва аз 26 банд иборат буда маблағҳои зарурӣ барои соли 2018-17000 сомонӣ, соли 2019-15,5 ҳазор сомонӣ ва соли 2020-15.5 ҳазор сомонӣ аз буҷети шаҳри Исфара пешбинӣ шудааст. Тибқи барномаи мазкур раисони Ҷамоати шаҳраку деҳоти Исфара барои амалигашти нуктаҳои дахлдори нақша чорабиниҳои мазкур дар ҳудуди худ низ корбарӣ намуда истодаанд. Аммо мутаасифона, барои иҷрои саривақтии бандҳои ба маблағ вобаста будаи Барномаи мазкур дар солҳои 2018, 2019 ва то ҳол маблағгузорӣ нагардидааст. Бобати масъалаи мазкур дархостҳои бахши рушди сайёҳӣ пешниҳод гардидааст.

Тибқи нақшаи ҷашнгирии 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара аз 450 иншоотҳои ба нақша гирифта шуда ки аксарияти иншоотҳо барои рушди сайёҳӣ нигаронида шудааст қисми онҳо сохтмонашонро ба итмом расонида қисми дигар сохтмонро оғоз бахшидаанд. Дар рӯзҳои ҷашнгирии Наврузӣ якчанд иншоотҳои сохташуда ба истифода дода шудаанд. Хосатан баҳри ҷалби ҳарҷӣ бештари сайёҳон дар асоси дастуру супориши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъмиру тармим ва бунёди иншоотҳои замонавӣ дар ҳудуди осоишгоҳи “Зумрад” бомаром идома дорад. Мумфаршнамоии роҳ ба дарозии 4 километр, азнавсозии хатти оби ташноб ба дарозии 4 километр анҷом дода шуда беш аз 1000 бех дарахтони ороишӣ шинонда шудааст. Айни замон имконияти қабули мизоҷону сайёҳон дар як вақт 350 нафар буда, баъди азнавсозӣ ва сохтмони 2 адад биноҳои истиқоматию табобатӣ ва фароғатӣ ин нишондиҳанда ба беш аз 2000 нафар расонида мешавад.

Тибқи хатсайрҳои сайёҳӣ дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои нақлиётӣ ташкил карда шудаанд, ки тавассути онҳо сайёҳон аз ҷойҳои таърихии Исфара, аз қабили “Лангари Моҳиён”, “Ҳазрати Шоҳ”, “Тангии сурх”, “Шимурғон-бобо”, “Қалъаи Сурх”, “Мадрасаи Абдуллохон” дидан мекунанд.Таваҷҷуҳи асосии сайёҳон ба сайёҳии солимгардонӣ ва табобатӣ, пиёдагард, агросайёҳӣ, саноатӣ, велотуризм ва мототуризм равона карда шудаанд.

Барои андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати ба меъёрҳои байналмиллаӣ мутобиқ намудани хизматрасониҳо дар шаҳри Конибодом, дарёфти роҳҳои нави ташкили инфрасохторҳои сайёҳи, ҷалби харчи бештари сайёҳони дохиливу хориҷӣ, хусусан, рушди сайёҳии дохилӣ нақша чорабиниҳо тартиб дода шудааст.

Тибқи Нақшаи чорабиниҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр оид ба ҷашнгирии 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон иншоотҳои зиёде ба нақша гирифта шудааст, ки аксарияти иншоотҳо баҳри рушди инфрасохтори сайёҳӣ аз қабили меҳмонхонаҳо,

тарабхонаҳо, кошонаи ҳусн ва марказҳои фарҳангиву фароғатӣ нигаронида шудааст.

Бо баробари пешравиҳо дар соҳаи сайёҳӣ мушкилотҳо низ вуҷуд доранд, ки барои ҳалли онҳо ҳамарӯза корбари рафта истодааст.

Аз он ҷумла, надоштани сомона, нокифоягии маблағ ва дар сатҳи байналмиллалӣ ҷавобгӯ набудани меҳмонхонаҳо.

Дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ дар давоми нимсолаи аввали соли равон ба ноҳия 149 нафар сайёҳон ворид гардидаанд, ки аз он 36 нафар кӯҳнавардӣ, 82 нафар таърихию фарҳангӣ ва 31 нафар дигар намудҳо мебошанд.

Сайёҳоне, ки ба қаламрави ноҳия ворид мегарданд пурра ба қайд гирифта мешаванд. Барои пурра ба ҳисоботи оморӣ ворид намудани сайёҳони ба ҳудуди ноҳия воридшаванда кор дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар муассисаи таълимии шаҳри Панҷакент Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон, бо ихтисоси соҳаи менеҷменти сайёҳӣ, кадрҳои соҳаи сайёҳӣ омода карда шуда истодаанд.

Бо мақсади муаррифии имкониятҳои сайёҳии минтақа ва беҳтар намудани дастрасӣ ба иттилооти соҳа, сомонаи сайёҳии ширкатҳои сайёҳии шаҳри Панҷакент ва ташкилоти ҷамъиятии Шӯрои Зарафшон оид ба рушди сайёҳӣ фаъол буда, бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ маводи зарурӣ ҷой дода шудааст. Барои манзур кардан ба сайёҳони дохиливу хориҷӣ харитаи сайёҳӣ, хатсайрҳои навис айёҳӣ, бо забонҳои хориҷӣ таҳия ва нашр гардид. Инчунин, маҷаллаи роҳнамои Панҷакент “Panjakent city” дар таҳрири нав нашр шуд.

Дар шаҳри Хуҷанд ҷиҳати тарғибу ташвиқи соҳаи сайёҳӣ ва муаррифӣ намудани захираҳои он дар тахтаҳои таблиғотии кӯчаву хиёбонҳои шаҳр шиору овезаҳо дар мавзӯи рушди сайёҳӣ насб карда шуд.

Дар шаҳр сомонаи сайёҳии khujand.tajtravel.tj бо 2300 рамз (символ) ва се забон фаъол карда шуда, маводҳои тарғиботӣ манзараҳои сайёҳии шаҳрро муаррифӣ менамояд.

Инчунин зиёда аз 12 адад роликҳои тарғиботӣ доир ба манзараҳои шаҳр вобаста ба фаслҳои сол таҳия гардида, тариқи шабакаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва шаҳрӣ намоиш дода шуд ва дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва Ютуб ҷойгир карда шуд.

Бахшида ба “Солҳои 2019-2021 солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” дар шаҳри Хуҷанд қаҳвахонаи “Ёрон” ба истифода дода шуд, ки он ба сайёҳони дохилию хориҷӣ хизмат расонида истодааст.

Дар ҳудуди шаҳр барои сайёҳон 15 адад мағозаи армуғонҳо фаъолият карда, талаботи сайёҳонро асосан қонеъ гардонида истодааст. Инчунин дар дохили меҳмонхонаҳо нуктаҳои фурӯши армуғонҳо ташкил карда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар шаҳр озмуни «Истеҳсоли маҳсулоти ороишӣ аз санг» баргузор гардида, дар он иштирокчиён маҳсулоти дастии худро ба намоиш гузоштанд.

Дар ноҳияи Ҷаббор Расулов тарабхонаҳои замонавӣ ва марказҳои хизматрасонӣ мавҷуд буда, барои қабул дар сатҳи баланди хизматрасонӣ ба сайёҳон омода мебошад. Инчунин дар ноҳия барои қабул намудани сайёҳон дар

тарабхона ва нуқтаҳои хуроки умум дар маҷмӯъ зиёда аз 700 ҷои нишаст, зиёда аз 40 ҷойи хоб дар меҳмонхонаҳо мавҷуд мебошад.

**18.3. Мукаммал гардонидани низоми омори соҳаи сайёҳӣ, раванди баҳисобгирии сайёҳон ва шаклҳои ҳисоботдиҳии оморӣ**

Вобаста ба эълон гардидани соли 2019 "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" шумораи сайёҳони хориҷӣ коҳиш ёфта, дар 6 моҳи аввали соли ҷорӣ дар вилоят теъдоди сайёҳони ташрифоварда 41 ҳазору 147 нафарро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 20 ҳазору 535 нафар зиёд мебошад.

Нишондиҳандаи шумораи сайёҳоне, ки ба шаҳру ноҳияҳои вилоят ташриф овардаанд, нисбат ба соли гузашта дар шаҳри Хуҷанд +600 (6700 нафар), Панҷакент +4712 (6772 нафар), Кӯҳистони Мастчоҳ +35 (149 нафар), Мастчоҳ +346 (620 нафар), Конибодом +241 (894 нафар), Истаравшан +647 (8304 нафар), Истиқлол +35 (101 нафар), Айнӣ +435 (1750 нафар), Ашт +515 (1091 нафар), Гулистон +6009 (13130 нафар), Зафаробод +61 (188 нафар), Ҷаббор Расулов +2186 (3356 нафар), Шаҳристон +2306 (7624 нафар), Бобоҷон Ғафуров +12540 (16643 нафар), Исфара +3614 (11464 нафар), Спитамен -479 (140 нафар) ва Бӯстон -206 (56 нафар) мушоҳида гардида, барои сайёҳон мавзеҳои сайёҳии ин ноҳияҳо ҷалбкунанда ба ҳисоб меравад.

Пешниҳод**:** бо дарназардошти муваффақкияу норасогиҳои дар ҳисоботҳо вобаста ба ин банд дарҷгардида, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он барои фароҳам овардани шароит ҷиҳати ҷалби сармоягузорӣ, таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ, таъсиси ширкатҳои сайёҳӣ ва дақиқ ба роҳ мондани ҳисоботи оморӣ вобаста вуруди сайёҳони хориҷӣ мусоидат намоянд.

**19.Маълумот оид ба масъалаҳои гендерӣ:**

**19.1. Корҳои анҷомдода ҷиҳати таъин кардани занон ба мансабҳои роҳбарикунанда дар ҳамаи сохторҳои МИҲМД, шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худирокунии шаҳрак ва деҳот (банди 52 паём), 19.2. Ҷудо намудани қарзу грантҳо ба занон ва оилаҳо бо мақсади беҳтар намудани шароити иқтисодии онҳо, дастгирии ташаббусҳои занону бонувон (банди 52 паём); 19.3. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо.**

**19.1. Корҳои анҷомдода ҷиҳати таъин кардани занон ба мансабҳои роҳбарикунанда дар ҳамаи сохторҳои МИҲМД, шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худирокунии шаҳрак ва деҳот (банди 52 паём);**

Дар ин давра ҷиҳати баланд бардоштани мақом ва нақши зан дар ҷомеа, татбиқи барномаҳои давлатӣ чораҳои зарурӣ андешида шуданд. Бо мақсади

бештар ҷалб намудани занон ба ҳаёти ҷамъиятӣ, ба омӯзиши касбу ҳунар ва бо ҷойи кор таъмин намудани занону духтарон корҳои муайян ба иҷро расиданд.

Имрӯз занон дар ҳамаи соҳаҳо фаъол буда, дар таҳкими раванди рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят саҳмгузоранд. Аз 1370,4 ҳазор нафар занону духтарони вилоят 19298 нафарашон занони роҳбарикунанда ва 1167 нафарашон хизматчии давлатӣ мебошанд.

Алҳол, аз ҳисоби занони вилоят 3 нафар узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 нафар вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22 нафар вакили Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд, 186 нафар вакили Маҷлиси вакилони халқи шаҳру ноҳияҳо ва 650 нафар вакилони халқи ҷамоатҳо интихоб гардидаанд.

Дар вилоят 52 нафар гирандагони стипендияи президентӣ ва 61 нафар гирандагони стипендияи раиси вилоят аз ҳисоби занону духтарони болаёқату фаъол мебошанд.

Боиси хушнудист, ки ҷавондухтарони деҳоти дурдаст, бахусус аз оилаҳои камбизоат таҳти ғамхориву сарпарастии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дода шуда, ҳамасола барои таҳсили онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ квота ҷудо карда мешавад. Айни ҳол 488 нафар донишҷӯдухтарон тибқи квота таҳсилро идома дода истодаанд.

Шумораи занҳои роҳбарикунанда дар шаҳру ноҳияҳои Конибодом 7 нафар (+2), Ашт 5 нафар (1) ва Деваштич 4 нафар (1) ташкил додааст, ки дар сатҳи муайян иштироки занҳо дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ таъмин карда шудааст. Дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд 1216 нафар, Исфара 304 нафар, Бобоҷон Ғафуров 16 нафар, Айнӣ 3 нафар, Ҷаббор Расулов 3 нафар, Шаҳристон 4 нафар ва Гулистон 1 нафарро нисбати соли гузашта бе тағйир боқӣ мондааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Мастчоҳ 4 нафар (2), Спитамен 5 нафар (-1), Панҷакент 3 нафар (-1), Зафаробод 3 нафар (-1) ва Кӯҳистони Мастчоҳ нафар 2 (-1) нисбат ба нимсолаи соли гузашта кам гардида, тақвият додани фаъолиятро дар ин самт тақозо менамояд.

**19.2. Ҷудо намудани қарзу грантҳо ба занон ва оилаҳои бо мақсади беҳтар намудани шароити иқтисодии онҳо, дастгирии ташаббусҳои занону бонувон (банди 52 паём);**

Бо дастгирӣ ва ташаббускориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон занони соҳибкор ва ҳунарманд соҳиби Гранти Президентӣ гардиданд, аз ҷумла аз шаҳру ноҳияҳои Гулистон 1 - нафар соҳибкорзан барои эҳё кардани ҳунарҳои мардумӣ маркази “Атласу адрас”, Зафаробод 1 нафар, Истаравшан 1 нафар, Конибодом 1 нафар ва Мастчоҳ 1 нафар ташкил намудааст.

Инчунин, бо мақсади беҳтар гардонидани шароити иқтисодии занони соҳибкор гранти Раиси вилоят ташкил карда шуда, инҷониб соҳибкорзанони шаҳри Гулистон 6 нафар, Зафаробод 3 нафар, Истаравшан 4 нафар, Конибодом

2 нафар, Мастчоҳ 2 нафар, Ҷаббор Расулов 1 нафар фаъолияти созандагӣ нишон дода, бо гирифтани гранти Раиси вилоят ноил гардиданд.

Дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бо мақсади дастгирӣ ва баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, инчунин дастгирии рушди ҳунарҳои мардумӣ ва меҳнати хонагии занону духтарон дар асоси қарори раиси ноҳия ба 21 нафар занҳои ҳунарманд гранти раиси ноҳия ҷудо карда шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки дар шаҳри Хуҷанд ҳамасола барои 40 нафар занони ҳунарманд ва эҷодкор гранти раиси шаҳр ба маблағи 165 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки аз 3000 то 8000 сомониро ташкил медиҳад. Зикр бояд намуд, ки дар ин радиф 300 нафар занон ва духтарони бекасб соҳиби касб гардиданд

Дар ин давра дар ноҳияи Шаҳристон аз тарафи шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии ноҳия барои ташаббусҳои занону духтарони бекор барои рушди ҳунарҳои мардумӣ ба 14 нафар занон ба миқдори 34200 сомонӣ қарзҳои имтиёзнок дода шудааст.

Дар шаҳри Гулистон барои ривоҷ ва сайқал додани соҳибкорӣ ба 3 – нафар ҳунарманд аз тарафи Агентии шуғли аҳолӣ қарзи имтиёзнок дода шуд.

Мушкилиҳо: Дар ноҳияи Зафаробод норасогии кадр вобаста ба кор бо занон ва оила дар сатҳи ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ба назар мерасад, дар шаҳри Конибодом таъсиси як воҳиди корӣ дар ҷамоатҳои деҳот вобаста кор бо занон ва оила, маблағгузорӣ намудани барномаҳои давлатии кадрӣ ва соҳавӣ марбут ба занон ва ташкили курсҳои кутоҳмуддати “Мактаби сарварӣ” ва “Зан-роҳбар”, андешидани чораҳо ҷиҳати баргардонидани хатмкунандагони мактабҳои олӣ барои фаъолияти корӣ дар ташкилоту муассисаҳои шаҳр, махсусан аз ҳисоби духтарони хатмкунандагони Донишгоҳи давлати тиббии Тоҷикистон, дар ноҳияи Деваштич барои пешбурди кори соҳа ташкили воҳиди кории равоншинос ва ҳуқуқшинос дар назди бахши кор бо занон ва оила ва таъсиси воҳиди корӣ дар Ҷамоатҳои шаҳраку деҳот.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид дар самти иштироки занҳо дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ, инчунин пешбарии занҳои фаъол ба вазифаҳои роҳбарикунанда фаъолияти ҳамоҳангсозиро тақвият бахшанд.

**20. Маълумот оид ба рушди соҳаи хизматрасониҳои пулакӣ:**

**20.1. Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани дастрасии аҳолии шаҳру ноҳияҳо ба хизматрасонии пулакӣ, хусусан дар маҳалҳои дурдаст (хизматрасониҳои маишӣ), 20.2. Мушкилиҳои ҷойдошта вобаста ба соҳа ва пешниҳод барои ҳалли он.**

**20.1. Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани дастрасии аҳолии шаҳру ноҳияҳо ба хизматрасонии пулакӣ, хусусан дар маҳалҳои дурдаст (хизматрасониҳои маишӣ),**

Дар қаламрави вилоят 614 ташкилоту муассисаи қарздиҳию хизматрасонии бонкӣ фаъолият дорад. Аз ҷумла, 2 бонки мустақил, 4 ташкилоти амонатию қарздиҳӣ, 9 фонди қарздиҳии хурд, 109 филиали ташкилотҳои қарздиҳӣ ва 505 маркази хизматрасонии бонкӣ ба аҳолӣ хизмат мерасонанд.

Соли ҷорӣ зери таъсири бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ бар асари паҳншавии бемории сироятии коронавирус сатҳи хизматрасониҳои бонкӣ паст шуда, ҳаҷми маблағгузориҳои қарзӣ ва ҷалби пасандозҳо коҳиш ёфтааст.

Ҳаҷми умумии маблағгузории қарзӣ нисбат ба моҳҳои январ-майи соли 2020 ба андозаи 51,8 фоиз зиёд шуда, дар моҳҳои январ-майи соли 2021 ба 1752,1 млн. сомонӣ расонида шуд

Бақияи умумии пасандозҳо 1950,4 млн. сомониро ташкил намуда, нисбати аввали сол 2,4 фоиз кам шудааст.

Фоизи миёнавазни қарзҳои додашуда бо пули миллӣ 26,73 ва бо асъори хориҷӣ 13,68 фоиз, фоизи миёнавазни ҷалби пасандоз бо пули миллӣ 12,81 ва бо асъори хориҷӣ 3,67 фоизро ташкил медиҳад.

Ваколати танзими фаъолияти соҳа тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” ба Бонки миллии Тоҷикистон ва шуъбаҳои он вогузор шудааст.

Дар нимсолаи аввали соли 2021 ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ дар шаҳри Истаравшан 133,6 млн. сомонӣ расонида шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта (-6,4 млн. сомонӣ кам буда, ин нишондиҳанда дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 69,4 ҳазор сомонӣ (-17 ҳазор сомонӣ)-ро ташкил медиҳад, ки омӯзиши сабабҳои худ ва бартараф намудани камбудиҳоро талаб менамояд.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Конибодом 133,5 млн. сомонӣ (+18,3 млн. сомонӣ), Исфара 132,2 млн.сомонӣ (+19,7 млн.сомонӣ), Гулистон 47,6 млн. сомонӣ (+17,7 млн. сомонӣ), Мастчоҳ 89 млн. сомонӣ (+17,3 млн. сомонӣ), Панҷакент 66,3 млн. сомонӣ (+16,9 млн. сомонӣ), Ҷаббор Расулов 57,3 млн.сомонӣ (+14,9 млн.сомонӣ), Бӯстон 47 млн. сомонӣ (+13,1 млн. сомонӣ), Айнӣ 38,9 млн.сомонӣ (+9,4 млн.сомонӣ), Хуҷанд 590,8 млн.сомонӣ (+8,5 млн.сомонӣ), Бобоҷон Ғафуров 429,4 млн сомонӣ (+5,5 млн. сомонӣ), Спитамен 33,4 млн.сомонӣ (+4,4 млн. сомонӣ), Зафаробод 16,7 млн. сомонӣ (+2,6 млн. сомонӣ), Деваштич 24,3 млн. сомонӣ (+2,6 млн. сомонӣ), Ашт 45,5 млн.сомонӣ (+1,6 млн.сомонӣ), Шаҳристон 5,8 млн.сомонӣ (+8,6 млн.сомонӣ) ва Истиқлол 7,7 млн сомонӣ (+0,8 млн сомонӣ) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта рӯ ба афзоиш дорад, ки барои таъмини суръати афзоиши ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохила дар шаҳру ноҳияҳо мусоидат намудааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят дар якҷояги вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати дуруст ба

ҳисоб гирифтани хизматрасониҳои пулакӣ, зиёд намудани намудҳои хизматрасониҳои пулакӣ ва ҷиҳати дастрасии он ба аҳолӣ чораҷӯӣ намоянд.

**21. Маълумот оид ба пешгирии ҳолатҳои ҷиноятӣ ва коррупсия. Нишондодҳои пешакии таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 21.1. Ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ вобаста ба пешгирии амалҳои коррупсионӣ, фароҳам овардани фазои оштинопазир ба он ва ба ин раванд ҷалб намудани тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, воситаҳои ахбори омма ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (банди 65 паём), 21.2. Ҷинояти ба қайд гирифташуда, дар алоҳидагӣ бо намуди онҳо, аз ҷумла ошкоршавии онҳо, 21.3. Шумораи ҷиноятҳо, ки аз тарафи ҷавонон содир карда шудааст, 21.4., 21.5. Амалҳо ва натиҷаҳои пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротгарой ва тундрав, мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо**

**21.1. Ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ вобаста ба пешгирии амалҳои коррупсионӣ, фароҳам овардани фазои оштинопазир ба он ва ба ин раванд ҷалб намудани тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, воситаҳои ахбори омма ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (банди 65 паём)**

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби масъулин дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд корҳои фаҳмондадиҳӣ вобаста ба пешгирии амалҳои коррупсионӣ бо иштироки воситаҳои ахбори омма баргузор карда шуданд.

Инчунин сомонаи расмии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят фаъол буда, дар нашрияҳои шаҳру ноҳияҳо вокунишу мақолаҳо интишор карда мешаванд.

Ҳамзамон бо мақсади ташаккули мафкураи зидди коррупсионӣ дар байни табақаҳои гуногуни ҷомеа ва баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии шаҳрвандон дар ҷараёни мубориза ва муқовимат бо коррупсия, аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо мувофиқи нақшаҳои алоҳидаи худ дар байни хизматчиёни давлатӣ, аҳолӣ, коллективҳои меҳнатии корхонаву ташкилот, муассисаҳо ва минтақаҳои аҳолинишин оид ба пешгирии омилҳои коррупсионӣ вохӯриву суҳбатҳои зиёд ташкил ва гузаронида шудааст.

Аз ҷумла, гурӯҳи тарғиботчиён дар мавзӯъҳои "Коррупсия ҳамчун зуҳурот", "ришва додан, сӯйистифода аз мансаб, баромадан аз ҳадди ваколатҳо, азхудкунӣ, исрофкорӣ, монеъгӣ кардан барои амали ҳуқуқҳои манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ" вохӯриҳо гузаронида шуда, ба роҳбарони идораву ташкилотҳо ва муассисаҳо ҷиҳати манфии амалҳои коррупсионӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуд.

Дар нимсолаи аввали соли 2021 дар сатҳи вилоят баҳри пешгирии амалҳои коррупсионӣ чораҳои амалӣ андешида шуда истодааст. Боиси зикр аст, ки дар ин раванд аз ҷониби намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд якҷоя бо Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон 7 маротиба корҳои фаҳмондадиҳию озмунҳо доир карда шуда, 1 маротиба дар коллеҷи техникӣ ва 2 маротиба дар бинои

мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд семинар омӯзиш гузаронида шуд, ки онҳо барои пешгирии амалҳои коррупсионӣ байни ҷомеаи меҳнатӣ мусоидат менамояд. Чунин чорабиниҳо дар доираи нақшаҳои пешбинишуда дар дигар ташкилоту муассисаҳо ва идораҳои давлатӣ низ доир карда мешавад.

Аз ҷониби шаҳру ноҳияҳои вилоят дар шаш моҳи соли 2021 доир ба ин масъала корҳои тарғиботию ташвиқотӣ пурра ба роҳ монда шуда, мунтазам семинар-омӯзишҳо гузаронида шуда истодааст. Дар ин миён ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта дар ин самт мавриди баррасӣ ва иҷрои саривақтӣ қарор гирифта, аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо тадбирҳои мушаххас амалӣ гардидааст.

**21.2. Ҷинояти ба қайд гирифташуда, дар алоҳидагӣ бо намуди онҳо, аз ҷумла ошкоршавии онҳо;**

Аз руи маълумотҳои дастрасшудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд нишондодҳои пешакии таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳолати ҷиноятҳои ба қайд гирифта арзёбӣ гардиданд.

Дар шаш моҳи соли 2021 дар миқёси вилоят миқдори умумии ҷиноятҳои содиршуда 3870 ададро ташкил намуд, ки нисбати ҳамин давраи гузашта 424 ҳодиса зиёд ба қайд гирифта шуда, аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Истаравшан +121 адад (336 адад), Хуҷанд +102 адад (788 адад), Бобоҷон Ғафуров +69 адад (428 адад), Спитамен +57 адад (239 адад), Ашт +54 адад (227 адад), Панҷакент +27 адад (243 адад), Исфара +21 адад (349 адад), Гулистон +15 адад (108 адад), Мастчоҳ +13 (117 адад), Айнӣ +9 адад (55 адад), Истиқлол +6 адад (38 адад), Кӯҳистони Мастчоҳ +5 адад (25 адад), Деваштич +4 адад (154 адад), Шаҳристон +3 адад (26 адад) ва Зафаробод +2 адад (89 адад) болоравии ҷиноятсодиркунӣ ба назар мерасад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳру ноҳияҳои Конибодом -34 адад (213 адад), Бӯстон -13 адад (42 адад) ва Ҷ.Расулов -11 адад (164 адад) ҷиноятсодиркунӣ нисбати ҳамин давраи соли гузашта кам шудааст, ки самаранокии фаъолияти кории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлати ин шаҳру ноҳияҳо ва сохторҳои ҳудудии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шаҳодат медиҳад.

**21.3. Шумораи ҷиноятҳо, ки аз тарафи ҷавонон содир карда шудааст;**

Содир намудани ҷиноятҳо аз тарафи ҷавонон дар нимсолаи якуми соли 2021 дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд 632 ҳолат ба қайд гирифта шуда, аз он дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд 211 ҳолат, Исфара 62 ҳолат, Истаравшан 62 ҳолат, Панҷакент 53 ҳолат, Конибодом 44 ҳолат, Бобоҷон Ғафуров 43 ҳолат, Мастчоҳ 38 ҳолат, Спитамен 31 ҳолат, Деваштич 25 ҳолат, Зафаробод 23 ҳолат, Бӯстон 15 ҳолат, Айнӣ 13 ҳолат, Истиқлол 7 ҳолат ва Шаҳристон 5 ҳолат ошкор ва ба қайд гирифта шудааст.

Инчунин, зикр кардан ба маврид аст, ки дар ҳисоботи матнию ҷадвалии шаҳру навоҳии Гулистон, Ҷаббор Расулов, Ашт ва Кӯҳистони

Мастчоҳ ҳолатҳои ҷинояткорӣ аз тарафи ҷавонон дарҷ нагардидааст.

**21.4., 21.5. Амалҳо ва натиҷаҳои пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундрав, мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо;**

Дар давраи ҳисоботӣ ҷиҳати тарғибу ташвиқ ва фаҳмондадиҳии қонунҳо, қарорҳои Маҷлиси Миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Амру Фармонҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтавои баромадҳои Президенти мамлакат ва татбиқи амалии онҳо, тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ба ҳисоб меравад.

Дар шаш моҳи аввали соли 2021 дар ҳудуди вилояти Суғд 64 ҳолати шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ ва тундрав ба қайд гирифта шудааст.

Бо ин мақсад ҷиҳати тақвият бахшидани корбарӣ ва ноил шудан ба натиҷаҳои воқеӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷавонон, оилаҳои ҷавон, пешгирии ҷинояткориву ҳуқуқвайронкунӣ, амалҳои номатлуб, шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ, ҳизбу ҳаракатҳои ғайриқонунӣ дар ҳамкорӣ бо сохторҳои қудратӣ мунтазам мулоқоту вохӯриҳо, семинарҳои омӯзишӣ, конфронсу ҳамоишҳои ҷавонон баргузор гардида истодаанд.

Тавре маълум аст, яке аз роҳҳои пешгирии омилҳои номатлуб ин ҷалби ҷавонону наврасон ба варзиш ва тарзи ҳаёти солим ба ҳисоб меравад. Дар давраи ҳисоботӣ дар сатҳи вилоят тибқи Нақшаи тақвими ягонаи чорабиниҳои оммавӣ, варзишӣ, солимгардонӣ ва иштирок дар мусобиқаҳои вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ва баҳри омодасозии варзишгарони касбӣ мусобиқаҳо ва чемпионатҳои шаҳри Хуҷанд аз рӯи намудҳои футбол, волейбол, баскетбол, теннис, каратэ-до, таэквандо, варзиши сабук, ушу, гӯштини тарзи озод, дзюдо, гӯштини юнонӣ-румӣ, гӯштини миллӣ, самбо, камарбандӣ, бокс, бадминтон, чавгонбозӣ, шашкаю шоҳмот, шиноварӣ, қаиқронӣ, тенниси рӯи миз ташкил ва гузаронида шуданд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, барои иҷрои ваколатҳои Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” оид ба таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ ва пурзӯр намудани мубориза ба зидди ҷиноятӣ, ҳамоҳангсозии фаъолиятро бо Раёсат ва шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят тадбирҳои иловагӣ андешида, бо мақсади тақвият додани ҳисси ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, эҳтиром ва риояи қонунҳои амалкунанда, тарзи ташаккули ҳайти солим байни ҷавонон ташкил ва баргузор намудани вохӯриҳо, сӯҳбатҳо, семинарҳои омӯзишӣ ва тарбиявӣ, гузаронидани чорабиниҳои варзишӣ, маданию фароғатӣ низ дар ин радиф аз аҳамият холӣ нест.

**22. Маълумот оид ба иҷрои вазифаҳои Нақшаи чорабиниҳои сафарҳои кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.**

**22.1 Рафти иҷрои супоришҳои сафарҳои корӣ, ки муҳлати иҷроишашон дар соли 2021 пешбинӣ гардидааст.**

Бояд зикр намуд, ки дар ҳисоботи пешниҳоднамудаи шаҳру ноҳияҳои вилоят маълумотҳо доир ба рафти иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷараёни сафарҳои корӣ ба шаҳру ноҳияҳои кишвар, баён доштанд пешниҳод гардидааст, ки вобаста ба ин нақшаи чорабиниҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо таҳия ва тасдиқ карда шуда, масъулони иҷро корбарӣ намуда истодаанд.

Дар соли 2020 аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вилоят 4 сафари корӣ анҷом ёфта, дар асоси дастуру супоришҳои зимни ин сафарҳо баёнгардида нақшаи чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ тасдиқ ва дар асоси он нақшаи чорабиниҳои вилоятӣ таҳия ва ба масъулин барои иҷро дастрас гардидааст.

Зимни сафар санаҳои 22-26 марти соли 2020 Сарвари давлат ба шаҳру ноҳияҳои Бӯстон, Гулистон, Хуҷанд, Бобоҷон Ғафуров ва Спитамен ташриф оварда, дар ифтитоҳи як зумра иншооти ҷашнии таъиноти истеҳсолию иҷтимоӣ ширкат варзиданд. Дар асоси дастуру супоришҳое, ки зимни ин сафар баён гардидаанд, иборат аз 70 банд нақшаи чорабиниҳо аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардида, дар асоси он нақшаи чорабиниҳои вилоятӣ иборат аз 69 банд таҳия ва ба масъулин ҷиҳати таъмини иҷро дастрас карда шуд.

Ҳангоми сафари дуюми корӣ ба шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Бобоҷон Ғафуров, Истаравшан, Деваштич ва Ҷаббор Расулов санаҳои 30 июн - 3 июли соли 2020 дар доираи таҷлили Рӯзи Ваҳдати миллӣ ва мулоқот бо роҳбарону фаъолони вилоят низ аз ҷониби Пешвои миллат ба масъулон ҷиҳати таъмини рушди босуботи иҷтимоию иқтисодии вилоят дастуру супоришҳои мушаххас дода шуда, дар асоси нақшаи чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ нақшаи чорабиниҳои вилоятӣ иборат аз 26 банд таҳия ва ба масъулон ирсол гардид.

Дар асоси нақшаи чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ иборат аз 28 банд, ки бо назардошти дастуру супоришҳои аз ҷониби Сарвари давлат зимни сафари сеюм ба шаҳру ноҳияҳои Айнӣ, Панҷакент, Зафаробод, Мастчоҳ, Ашт, Хуҷанд, Ҷаббор Расулов ва Бобоҷон Ғафуров санаҳои 12-16 сентябри соли 2020 баёнгардида таҳия шудаанд, нақшаи чорбиниҳои вилоятӣ дар 28 банд омода ва барои иҷро ба масъулон дастрас карда шудааст.

Дар асоси дастуру супоришҳои Сарвари давлат, ки ҳангоми сафари чоруми корӣ ба шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Гулистон, Бобоҷон Ғафуров ва зимни иштирок дар Симпозиуми байналмилалӣ бахшида ба 700-солагии Камоли

Хуҷандӣ санаи 16 октябри соли 2020 баён гардидаанд, нақшаи чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ иборат аз 25 банд ворид гардида, дар асоси он нақшаи чорабиниҳои вилоятӣ иборат аз 20 банд таҳия ва ба масъулин барои иҷро ирсол гардид.

Зимни сафари якуми корӣ дар соли 2021 санаҳои 2-5 феврали соли ҷорӣ Сарвари давлат ба шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Бобоҷон Ғафуров ва Гулистон ташриф оварда, дар ифтитоҳи як зумра иншооти ҷашнии таъиноти истеҳсолию иҷтимоӣ ширкат варзиданд. Дар асоси дастуру супоришҳое, ки зимни ин сафар баён гардидаанд, иборат аз 30 банд нақшаи чорабиниҳо аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардида, дар асоси он нақшаи чорабиниҳои вилоятӣ иборат аз 30 банд таҳия ва ба масъулин ҷиҳати иҷро дастрас карда шуд.

Зимни сафари дуюми корӣ санаҳои 7-10 апрели соли 2021 Сарвари давлат ба шаҳру ноҳияҳои Бӯстон, Истаравшан, Исфара Гулистон, Хуҷанд ва Бобоҷон Ғафуров ташриф оварда, дар ифтитоҳи як зумра иншооти ҷашнии таъиноти истеҳсолию иҷтимоӣ ширкат варзиданд. Дар асоси дастуру супоришҳое, ки зимни ин сафар баён гардидаанд, иборат аз 80 банд нақшаи чорабиниҳо аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардида, дар асоси он нақшаи чорабиниҳои вилоятӣ иборат аз 80 банд таҳия ва ба масъулин ҷиҳати иҷро дастрас карда шуд.

Дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон асосан ба таъмини рушди босуръати истеҳсолоти саноатӣ ва дар ин замина зиёд намудани миқдори ҷойҳои кори нав, дарёфти манбаъҳои нави андозбандӣ ва ба ин васила зиёд намудани ҳаҷми воридоти маблағҳо ба буҷети давлатӣ, рушди соҳаи кишоварзӣ, бахусус беҳтар намудани ҳолати обрасонӣ, зиёд намудани кишти зироатҳои хусусияти содиротидошта ва ашёи хоми соҳаи саноати коркард, инчунин зиёд намудани масоҳати боғу токзор ва гармхонаҳо, таҷдиди инфрасохтори роҳу нақлиёт ва таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои иҷтимоии давлат, аз ҷумла зина ба зина афзоиш додани маблағгузории соҳаҳои маорифу нигаҳдории тандурустӣ, фарҳангу варзиш ва дигар соҳаҳои иҷтимоӣ, баланд бардоштани сифати таълим, беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ, баланд бардоштани сатҳи фарҳангу маънавиёти аҳолӣ, бахусус пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию тундгаро нигаронида шудааст.

Аз ин рӯ, шахсони масъул ҷиҳати иҷрои бандҳои нақшаи чорабиниҳое, ки дар боло дарҷ гардидааст, тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ намуда, аз натиҷа маълумот дар ҳисоботи навбатӣ пешниҳод карда мешавад.